Рут Чонсон

# Хизматгузорони нек ва боваринок

## *Давид Ливингстон*

*Тадқиқотчӣ ва саёҳатчӣ бо супориши Худованд*

Давид Ливингстон 19-марти соли 1813 дар Блантайр, Шотландия, дар оилаи камбағал ба дунё омадааст. Ӯ ду хоҳар ва ду бародар дошт. Ҷаноб ва хонум Ливингстон ба фарзандони худ бисёр корҳои хубро ёд медоданд, аммо пеш аз ҳама дар онҳо ростқавлиро тарбия медоданд. “Ҳамеша ростқавл бош”, – мегуфт падарашон.

Дар синни 10-солагиаш Давид дар фабрикаи газворҳои пахтагӣ кор мекард. Дар он замон ҳанӯз рӯзи кории 8-соата ҷорӣ нашуда буд. Ба Давид лозим меомад, ки соати 6-и саҳарӣ аз хоб хеста, то соати 8-и бегоҳ кор кунад. Баъд то соати 10-и бегоҳ ӯ дар дарс буд. Ба хона баргашта, боз 2 соати дигар дарс тайёр мекард. Ними шаб ба хоб мерафт ё ҳатто дертар. Хондан барои ӯ ҳавас буд. Вай як китобро пайи китоби дигар мехонд. Гоҳо вай то дамидани субҳ китоб мехонд.

### *Ҷуғрофияи дӯстдошта*

Вақте Давид 16-сола буд, ҳикоятеро дар бораи миссионер дар Хитой Карл Гютслаф шунид. Ин дар дили ӯ хоҳишеро бедор намуд, ки ба Хитой рафта, ба сокинони он дар бораи Исо нақл кунад. Баъди 9 соли меҳнати вазнин дар фабрикаи газворҳои пахтагӣ ба вай вазифаи баландтар доданд. Ба ӯ кори дигаре доданд, ки маошаш бештар буд. Дертар ӯ имконият пайдо кард, ки



дар мактаби махсуси тиббӣ таҳсил кунад.

Давид Ливингстон ҳамеша кӯшиш мекард ба кори худ аҳамият диҳад, аммо ин хеле мушкил буд, зеро диққаташ аксаран бо чизҳои дигар банд буд. Вай аз дигар бачаҳои синну соли худ фарқ мекард. Вай беш аз ҳама ҷуғрофияро дӯст медошт. Вай вақти бештари худро ба ин соҳаи илм сарф мекард. Вақте ки вай дар бораи дигар кишварҳо мехонд, тасаввур мекард, ки аллакай дар он ҷо буда, минтақаҳои тадқиқнашудаи заминро, ки Худо ӯро ба он ҷойҳо равон менамояд, кашф мекунад.

### *Заминҳои тадқиқнашуда*

Ин вақт Давид бо миссионери навовари бузург Роберт Мофат шинос шуд. Вақте Давид бо доктор Мофат гап мезад, вай дар харита минтақаи тадқиқнашудаеро нишон дода, гуфт: “Ба ин ҷо ҳанӯз ягон миссионер қадам нагузоштааст. Ана соҳаи фаъолияти ту”. Он гоҳ Давид зиндагии худро пурра ба Исои Масеҳ супорид. Вай гуфт, ки ба хотири Исо ман розӣ ҳастам, ки ба “қитъаи сиёҳпӯстон” равам.

Вай ҳамон замон ба омӯхтан сар кард. Вай тиббиётро меомӯхт, зеро аз ҳар як мисионер умед доштанд, ки вай на фақат Инҷилро башорат медиҳад, балки беморонро ҳам табобат мекунад. Баъд вай ҳар гуна забонҳоро омӯхт, чунки худро чун сарбозе ки ба ҷанг тайёрӣ мебинад, тасаввур мекард. Баъди корҳои зиёд ва тайёриҳо дар охир вай барои рафтан тайёр

буд. Сафар бисёр дуру дароз ва хастакунанда буд. Давид ба ҳамсафаронаш дар киштӣ оиди Исо нақл карда, вақтро мегузаронд. Ҳар рӯзи якшанбе вай ба маллоҳон башорат дода, ба онҳо дар бораи муҳаббати Худо нақл мекард.

### *Ҳаракат ба дохили Африқо*

Баъди 3 моҳ Давид Ливингстон ба маҳалли даркорӣ – ба Африқо расид. Дар охир вай ба мақсадаш расид. Давид ба соҳили "қитъаи сиёҳпӯстон" фаромада, дар он ҷо наистод. Вай ба аробае ки онро барзаговҳо мекашиданд, савор шуда, қариб ҳазор километр ба даруни кишвар рафт. Барзаговҳо хеле оҳиста мерафтанд, аз ҳамин сабаб сафар қариб 2 моҳ давом кард. Баробари расидан Давид Ливингстон умед дошт духтур Мофат ва занашро вохӯрад. Аммо онҳо ҳанӯз дар Англия буданд. Давид хост забони ин қисми кишварро омӯзад. Ба зудӣ вай ба боварии мардуми маҳаллӣ даромад. Ба шарофати меҳнатдӯстӣ, меҳрубонӣ ва қобилияти ёрӣ расондан ба беморон вай баъди чанде ба забони онҳо гап зада метавонист. Вақте вай ба он ҷо расид, фаҳмид, ин на он маконест, ки Худо мехост ӯро дар он ҷо истифода барад. Вай чунин меҳисобид, ки бояд дарунтар, ба ноҳияҳое равад, ки одамон дар бораи Исо ҳеҷ гоҳ чизе нашунидаанд.

### *Имон овардани сарвари деҳа*

Давид Ливингстон дар ноҳияҳои гуногуни



кишвар сафар карда, дар деҳаҳо башорат медод. Боре вай 160 километр тай кард, то ки сарвари як қабиларо хабар гирад. Вақте ки миссионер дар бораи муҳаббати Худо ба одамон гап мезад, сарвари деҳа пурсид: «Агар рост аст, ки одамоне ки гуноҳҳояшон бахшида нашудаанд, то абад ҳалокшуда мебошанд, чаро одамони ту барвақтар наомаданд, то дар ин бора ба мо гӯянд?»

Ливингстон медонист, ки ҳозир на сухан, балки амал аҳамият дорад. Баъди ин духтари сарвар сахт бемор шуд. Давид Ливингстон ӯро нигоҳубин мекард ва дору медод. Баъди чанде саломатии ӯ беҳтар шуд. Сарвар аз ин хеле хурсанд шуд. Ӯ ҳамаи он чиро, ки Довуд дар бораи Исо нақл мекард, бо диққат гӯш мекард, ва ба зудӣ Худовандро ҳамчун Наҷоткори худ қабул намуд. Ба шарофати ин Ливингстон имкон пайдо намуд, ки Инҷилро ба тамоми қабила башорат диҳад.

Дар дохили Африқо кор карда, Давид Ливингстон ба одамон бо он ёрӣ мерасонд, ки чӣ тарз кандани хандақ, чӣ гуна дар саҳроҳо кор кардан ва бо кадом восита оиди эҳтиёҷоти ҷисмонии худ ғамхорӣ карданро ёд медод. Ӯ ба бисёр беморон дору медод, ва баъзе сокинони дигар ҷойҳо пиёда 150 километрро тай карда меомаданд, то ки духтур Давид Ливингстон онҳоро табобат намояд.

### *Наҷот ёфтан аз шер*

Мушкилии ҷиддитарин дар ин минтақаи ҷангалистони Африқо шерҳо буданд. Онҳо бисёр вақт чорвои сокинони маҳаллиро мехӯрданд. Гоҳо онҳо ба одамон ҳамла меоварданд ва онҳоро мекуштанд. Ливингстон мефаҳмид, ки ягон кор кардан лозим аст. Вай медонист, ки агар якчанд шерро кушанд, онҳо дигар дар ин минтақа пайдо намешаванд.

Рӯзе, ҳангоме ки ӯ бо як чанд ёрдамчиён аз сокинони маҳаллӣ дар ҷангалзор роҳ мерафт, онҳо бо шер вохӯрданд. Ливингстон милтиқи худро гирифта, тир парронд. Ӯ фикр кард, ки шерро кушт ва роҳашро давом дод. Аммо чанд дақиқа пас шери хашмгин аз ҷой хеста, ба Ливингстон ҳамла овард. Сокинони маҳаллӣ, ки ӯро ҳамроҳӣ мекарданд, медонистанд, ки ба дӯсти миссионери онҳо хатари марговар таҳдид мекунад. Аз ҳамин сабаб онҳо бо тамоми қувваташон дод заданд. Шер овози онҳоро шунида, ба тарафи онҳо нигоҳ кард. Вай ба тарафи сокинони маҳаллӣ ҳуҷум кард. Дар ин вақт Ливингстон дубора ба тарафи шер тир холӣ кард ва онро кушт.

### *«Дуди гулдурросӣ»*

Баъди ду соли дар Африқо будан Ливингстон боз ба дарунтари қитъа рафт. Ягон одами сафедпӯст наметавонист чунин далерона ба даруни ҷангалистон дарояд. Аммо Ливингстон ҳанӯз ҳам қаноатманд намешуд. Вай мехост



то қабилаҳои номаълум рафта, дар бораи муҳаббати Исои Масеҳ ба онҳо нақл кунад. Боре дар вақти сӯҳбат бо сокинони маҳаллӣ ӯ бори аввал оиди “дуди гулдурросӣ” шунид. Давид табиатан тадқиқотчӣ ва кашфиёткунанда буд. Барои ҳамин вай ҳамон замон хост фаҳмад, ки гап дар бораи чист. Дар муддати даҳ рӯз вай боз ба дарунтари қитъа рафтан гирифт, то даме ки садои баланд ва гулдурросро шунид. Дар он ҷо вай “дуди гулдурросӣ”-ро дид! Давид, бузургтарин тадқиқотчӣ ва кашфкунанда бо супориши Худо, яке аз бузургтарин мӯъҷизаҳои табиат – шаршараи гулдурросзананда ва хурӯшони Викторияро кашф намуд.

### *Бе ному нишон гумшуда*

Рӯз то рӯз ба Ливингстон маълумтар мешуд, ки бояд бисёртар меҳнат кунад, то хушхабари Инҷилро ба қабилаҳое расонад, ки боз ҳам дуртар зиндагӣ мекарданд. Вай мехост ба он ҷойҳо рафта, дар бораи Исо нақл кунад.

Боре ба Амрико хабаре омад, ки Давид Ливингстон, миссионер ва тадқиқотчии бузург, ба ҷангал чунон дур рафтааст, ки гум шудааст. Дар бораи вай ҳеҷ хабаре набуд, бинобар ин ҳама гумон карданд, ки вай мурдааст. Дар ин вақт Ҷеймс Гордон Беннет, муҳаррири газетаи “Нью-Йорк Геролд, хабарнигор ҷавонеро ба идораи худ ҷеғ зад. Вай ба вай супориш дод, ки ба Африқо барои кофтукови Давид Ливингстон равад. Хабарнигори ҷавон Ҳенрӣ

Стэнлӣ ватани худро тарк карда, ба “қитъаи сиёҳпӯстон” рафт. Баъди кофтукови зиёд вай миссионерро дар ҷои дурдасти ҷангалистон ёфт. Давид Ливингстон ба касалии табларза гирифтор шуда буд. Стэнлӣ ба миссионер хӯрок ва доруворӣ дод ва ба зудӣ Давид боз сиҳат шуд. Миссионер бо хабарнигор якҷоя боз чандин минтақаҳои Африқоро тадқиқ кард.

### *Бозхост шудан ба ватан*

Давид Ливингстон кори худро барои Исо давом медод. 1-уми майи соли 1873, соати 4-и саҳар Худованд ӯро назди худ хонд. Ӯ 30 соли умри худро барои назди Худо овардани қабилаҳои Африқо сарф кард. Яке аз охирин изҳоротҳои Ливингстон ин буд: “Ҳеҷ чиз дар замин маро маҷбур карда наметавонад, ки рӯҳафтода шуда корамро тарк кунам. Ман қувватро аз Худованд ба даст меоварам ва пеш меравам”.

Ҳамкорони Ливингстон ба Худованди ӯ вафодор монданд. Онҳо ӯро баъди вафоташ тарк накарданд, балки эҳтиёткорона ҷасади ӯро ба кулбае, дуртар аз деҳае ки сокинони хурофотпарасти он аз мурда метарсиданд, бурданд. Онҳо бадани ӯро чок карда, дилашро бароварданд ва ӯро дар кишваре ки Ливингстон дӯст медошт, ба хок супурданд.



## *Мэрӣ Слесор*

*Модари сафеди Африқо*

Мэрӣ Слесор дар Шотландия таваллуд шудааст. Модари вай масеҳии собитқадам буд, аммо падараш майзада буд. Вай чунон бадмастӣ мекард, ки чандин бор аз кори хуб ронда шуда буд. Барои модар, Мэрӣ ва дигар 6 фарзанд ин давраи бисёр мушкил буд. Гоҳо онҳо гурусна мехобиданд, чунки падар ҳамаи маошашро ба май сарф карда буд.

Аз боиси ҳамаи ин мушкилиҳои зиндагӣ Мэрӣ дар 11-солагӣ барои пулкоркунӣ аз хона баромада рафт. Вай дар фабрикаи бофандагӣ кор ёфт. Дар 14-солагӣ вай аллакай бофандаи хуб буд. Агарчи ба Мэрӣ лозим меомад, ки тамоми рӯз кор кунад, вай мехост дониш гирад. Барои ҳамин вай бегоҳиҳо мактаб мерафт. Вай бисёр китоб мехонд, ки бисёрии онҳоро аз китобхонаи мактаби якшанбегӣ мегирифт. Бисёртар ба вай нақлҳо дар бораи Давид Ливингстон ва он чи ӯ дар Африқо аз сар гузаронд, маъқул буданд.

### *Ман миссионер шудан мехоҳам*

Аллакай ҳангоми хурд буданаш Мэрӣ дар бораи Африқо бисёр фикр мекард. Вай ҳатто шубҳа намекард, ки хости Худо ин аст, ки вайро ба Африқо барои миссионерӣ равона кунад. Як рӯз вай дар бораи ин ба модараш нақл кард. Модари дуогӯи Мэрӣ ба духтараш гуфт, ки Худо бе шубҳа

вайро барои он интихоб намудааст, ки ягон вақт барои Ӯ кори бузурге кунад. Рузе ба ҷамоате ки Мэрӣ ва модараш ба он таалуқ доштанд, аз Африқо миссионере омад. Мавъизаи ӯ дар дили Мэрӣ нақш баст. Шаҳодати ӯро гӯш карда, Мэрӣ гуфт: “Вақте ман калон мешавам, мехоҳам миссионер шавам”.

Тақрибан ҳамон вақт Мэрӣ корро дар мактаби якшанбегӣ дар маҳаллае сар карда буд, ки он ҷо одамони дорои шӯҳрати бад ва аз ҷиҳати маънавӣ пастфарома зиндагӣ мекарданд. Гоҳо вай базӯр ба ҷои даркорӣ мерасид, чунки ба ӯ мечаспиданд, аммо вақте ки вай ба ҷояш мерасид, ҳама чизро фаромӯш мекард ва бо хурсандӣ ба бачаҳо ва духтаракон дар бораи Исо нақл мекард.

Мэрӣ ин кӯдаконро бисёр дӯст медошт. Рӯзе вай ба онҳо гуфт, ки ба зудӣ онҳоро тарк карда, барои миссионерӣ ба Африқо меравад. Ӯ аз кӯдакон хоҳиш кард, ки барои вай дуо кунанд. Онҳо ваъда доданд, ки чунин мекунанд ва ба Африқо таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карданд. Онҳо пурсиданд, ки оё вай аз мор ё аз дигар ҳайвоноти ваҳшӣ наметарсад. Мэрӣ ҷавоб дод, ки вай тарс надорад, зеро Худо ӯро ҳимоя мекунад.

### *Мақсади сафар – Африқо*

Баъди ин Мэрӣ ба як ҷамоати миссионерӣ бо хоҳише муроҷиат намуд, ки вайро қабул намоянд ва ҷавоби мусбат гирифт. Вайро ба муддати се моҳ барои тайёрии махсус ба шаҳри



дигар равон карданд. Вақте ки вай аллакай ба сафар тайёрӣ медид, ба вай осон набуд, ки модар ва бародару хоҳаронашро тарк кунад. Аммо модараш гуфт: “Ман туро бо ҷону дил иҷозати рафтан медиҳам; ту миссионери хуб мешавӣ, ва ман боварӣ дорам, ки Худо бо ту хоҳад буд”. Мэрӣ ба киштӣ савор шуда, ба Африқо рафт. Дар киштӣ вай бисёр бочкаҳои пур аз вискӣ (арақи англисӣ) дид, ки ба Африқо бурда мешуданд. Ин қадар бисёр вискӣ, ва фақат як миссионер, фикр кард Мэрӣ. Азбаски худаш аз оилае буд, ки падар майзада буд, хуб мефаҳмид, ки барои африқоиҳои бечора ин чӣ маъно дошт. Вай хеле мехост ба онҳо дар бораи Исо гап занад!

Вақте ки Мэрӣ ба “қитъаи сиёҳпӯстон” омад, дид, ки одамони он ҷо ба ҳар гуна гуноҳҳо ғӯтидаанд. Бисёрии онҳо тамоман нашунида буданд, ки Исо ба замин ҳамчун Наҷотдиҳандаи одамон омадааст. Ана барои чӣ ин қисми замин чунин сиёҳ буд, на аз боиси он ки одамон сиёҳпӯст буданд.

### *Модари сафедпӯст*

Дар аввал Мэрӣ бояд забони сокинони маҳаллиро аз худ мекард. Он аз забони шотландии вай хеле фарқ дошт. Вақте ки Мэрӣ каме забони онҳоро ёд гирифт, вай мактаби якшанбегӣ кушод. Дар он ҷо низ ҳама дигар хел буд, на чун дар Шотландия, – на танҳо аз он сабаб ки кӯдакон сиёҳпӯст буданд.

Мэрӣ аз ин кишвар хеле хурсанд буд. Вай

дар ҷангал мегашт ва аз дидани алафҳои сабз хурсандӣ мекард. Вале баъди муддате вай ба хулосае омад, дар Африқо бисёр чизҳои бад ҳам ҳастанд. Дар ҷангал ва дар об ҳайвонҳое зиндагӣ мекарданд, ки метавонистанд вайро пора пора кунанд. Аммо вай ҳанӯз дар мактаби якшанбе дар Шотландия ҳамеша мегуфт, ки Худо вайро нигаҳбон аст. Ӯ вайро аз ҳайвоноти ваҳшӣ эмин нигоҳ медорад.

Мэрӣ мехост ба ягон восита нишон диҳад, ки вай ин одамонро дӯст медорад. Вай чунин меҳисобид, ки барои ин ӯ бояд ҳамон тавр зиндагӣ кунад, ки сокинони маҳаллӣ зиндагӣ мекарданд. Онҳо пойафзол намепӯшиданд, вай ҳам намепӯшид. Вай мисли сокинони маҳаллӣ хӯрок мехӯрд, мисли онҳо менӯшид ва дар замин хоб мерафт. Ҳар саҳар Мэрӣ барвақт хеста, хонаи хурдакакашро тарк мекард, ва ҳамроҳи худ дору ва Китоби Муқаддасро гирифта, ба хабаргирии одамон мерафт. Агар онҳо касал шаванд, вай кӯшиш мекард ба онҳо ёрӣ расонад. Дар айни ҳол ӯ ба онҳо дар бораи Исо нақл мекард.

Оҳиста-оҳиста африқоиҳо низ Мэриро дӯст доштанд. Бисёрии онҳо вайро модари сафед меномиданд. Рӯзе, вақте вай бо онҳо сӯҳбат мекард, марде ба ӯ гуфт: «Модари сафед, дар наздикии соҳил қадам назан, вагарна ба дандонҳои тез ва ҷоғи қавии тимсоҳ меғалтӣ». Мэрӣ хурсанд буд, ки одамон мехоҳанд ба вай ёрдам диҳанд ва аз хатар нигоҳ доранд.



***Ба Окойонг!***

То ин вақт Мэрӣ дар як ҷое кор мекард, ки номаш Дюк Таун буд. Аммо акнун ӯ фаҳмид, ки Худованд мехоҳад ӯро ба деҳаи Окойонг фиристад. Вале сокинони Дюк Таун аз ӯ хоҳиш карданд, ки ба он ҷо наравад. Мувофиқи суханони онҳо, он ҷой хеле ҷои бад буд. Одамон ва ҳайвонҳои он ҷой ваҳшӣ ва хатарнок буданд.

“Онҳо метавонанд туро ба асирӣ гиранд. Ва ту дигар ҳеҷ гоҳ ба назди мо баргашта наметавонӣ”, – мегуфтанд ба Мэрӣ баъзе аз дӯстонаш. Дигарон чунин меҳисобиданд, ки сокинони Окойонг ҳеҷ гоҳ ӯро гӯш намекунанд. Аммо Мэрӣ Слесор медонист, ки хости Худо дар он аст, ки ӯ ба он ҷо раҳсипор шавад. Ӯ Мэриро дар он ҷой низ ҳимоя мекунад ва одамонро ҳам дигаргун карда метавонад, то ки ҳангоме вай дар бораи Исо гап мезанад, онҳо гӯш кунанд.

Вақте сардори деҳаи Дюк Таун фаҳмид, ки Мэрӣ ба Окойонг меравад, ба вай қаиқ ва якчанд касро барои ба болооби дарё рондани он дод. Мэрӣ ба Окойонг рафт ва тарсу ҳаросе надошт. Вай дар он ҷо ба қабилаҳо нақл кард, ки бутҳо ҳеҷ аҳамият надоранд. Фақат як Худо вуҷуд дорад. Сокинони Окойонг дар ҳайрат буданд, ки Мэрӣ бе ягон тарсу ҳарос гап мезад. Онҳо ҳамаи корҳояшонро партофта, вайро гӯш мекарданд.

Ин як қабилаи ҷанговар буд. Аз ҳамин сабаб Мэрӣ насиҳат мекард, ки онҳо душманиро

бас кунанд ва Сухани Худоро гӯш кунанд. Вай барои онҳо порчаҳоро аз Китоби Муқаддас мехонд. Баъди чанде ин мардҳои бераҳм ба гапҳои Мэрӣ  гӯш дода, задухӯрдҳои ҳарбиро бас карданд. Бисёри аз онҳо ба Худо бовар карданд ва Исоро ба дилҳои худ қабул намуданд.

### *Мэрӣ сулҳро барқарор мекунад*

Мэрӣ аз кори вазнин ҳазар намекард. Вай худаш кулбае сохт. Баъди муддате вай ба сокинон дар корҳояшон ёрӣ мерасонд. Ба мардҳо вай чӣ гуна коркард намудани заминро нишон медод. Ба занҳо чӣ хел дӯхтани куртаҳои зебо ва шустани онҳоро нишон медод. Ҳамчунин хӯроки мепухтаи Мэрӣ ба ҳама хеле маъқул буд.

Аммо Мэрӣ ҳам мушкилиҳои худро дошт. Рӯзе ба хоначаи ӯ як марди маҳаллӣ даромад. Дар дасти вай милтиқ буд. “Модари сафедпӯст” гуфт, ки милтиқро монад, аммо вай намемонд. Он гоҳ Мэрӣ барқвор милтиқро аз дасташ кашида, ба кунҷи хона бурд. Шасти мард чунон гашт, ки монанди саги шаллоқхӯрда тез аз хонаи миссионер баромада рафт. Бори дигар Мэрӣ дид, ки як гурӯҳ сокинон аз байни ҷангал ба поён мераванд, то ки ба деҳаи ҳамсоя ҳамла оваранд.

“Истед!” – фарёд зад Мэрӣ, ва аз хона баромада, пеши роҳашонро гирифт. Ва боз одамон дар ҳайрат афтода, чӣ гуфтанашонро надонистанд, ва нақшаи ҳуҷум иҷро нашуд.

Дар Африқои сиёҳ ҳамеша хуруфотпарастӣ бисёр буд, ва ҳозир ҳам ҳаст. Сокинони он ҷо мегуфтанд, агар модар дугоник таваллуд кунад, ин аз шайтон аст. Дар он вақт одатан яке аз кӯдаконро мекуштанд. Рӯзе Мэрӣ яке аз дугоникҳоро, ки ба марг маҳкум шуда буд, ёфт. Вай ин кӯдакро ба кулбаи худ гирифт ва нигоҳубин кард. Баъди чанд вақт ба вай боз як кӯдакро оварданд, баъдтар боз як кӯдаки дигар. Дере нагузашта Мэрӣ 5 нафар бепарасторонро нигоҳубин мекард.

### *Аз деҳае ба деҳае*

Яке аз дугонаҳои наздики Мэрӣ хоҳари пешвои қабила буд. Аз ӯ Мэрӣ бисёр чизҳоро ёд гирифт. Оҳиста-оҳиста одамон ба миссионер чунон боварӣ пайдо намуданд, ки барои ҳалли ҳар гуна масъалаҳо назди вай меомаданд, ҳатто агар сухан дар бораи куштани касе равад ҳам. Дар ин ҳолатҳо низ онҳо ба ӯ гӯш мекарданд.

Ҳукумати Британия кори хуби Мэриро қадр кард. Бо мурури замон африқогиҳо хоҳиши куштани якдигарро гум карданд. Онҳо осоишта зиндагӣ мекарданд. Зиндагии намунавии Мэрӣ ба он мусоидат намуд, ки онҳо аз одамхӯрӣ даст кашиданд.

“Ин модари сафед зиндагии моро дигаргун мекунад – мегуфтанд сокинони Окойонг баъди он ки Мэрӣ дар он ҷо чанд вақт зиндагӣ кард. – Ба ҷои сурудҳои ҷангӣ мо сурудҳои масеҳӣ

мехонем. Ба ҷои он ки ба якдигар ҳуҷум кунем, мо хонданро ёд мегирем”.

Мэрӣ кори худро дар байни сокинони Окойонг то он вақт давом дод, ки боварӣ ҳосил намуд, ки бисёрии онҳо Инҷилро қабул карданд. Баъд ӯ ба деҳаи дигаре дар ҷангал кӯчид. Дар он ҷо боз вай вахшиёнро дид ва ба онҳо дар бораи Исо нақл кард. Вай дар он ҷо то он замон истод, ки бисёриҳо ба Исо рӯ оварданд. Баъд вай боз ба деҳаи дигаре ки мардуми бисёр тамоман дар бораи Исо нашунида буданд, мерафт. Ҳамин тавр вай аз деҳае ба деҳае мекӯчид, то ки дар бораи Худованди яккаву ягона ба ҳама нақл кунад. Дар айни ҳол вай ба беморон дору медод, то ки онҳо сиҳат шаванд.

### *Байни хатарҳо*

Як бор дар каноэ ба Мэрӣ Слесор нохост баҳмути калон ҳамла овард. Дақиқае ҳам фикр накарда, вай якчанд кӯза ва тобаро, ки дар қаиқ буданд, ба тарафи баҳмут партофт. Баъди ин баҳмут ягон зараре ба миссионер нарасонда, зуд ба об фурӯ рафт.

Худованд ҳама вақт дар ҳама ҷо вайро нигаҳбон буд. Ӯ Мэриро аз одамони бад, аз ҷанговарони бераҳм ҳимоя мекард. Ӯ вайро аз ҳайвонҳои ваҳшӣ нигоҳ медошт.

### *Рухсатӣ ба ватан*

Миссионерҳое ки ба кишвари дурдаст мераванд, ҳамчунин гоҳ-гоҳ ба рухсатӣ



мераванд. Мэрӣ Слесор низ ба рухсатӣ рафт. Вай ба Шотландия баргашт. Аммо пеш аз он ки ба рухсатӣ равад, оиди он фикр кард, ки бо ҳамаи бачаҳои сиёҳпӯст, ки дар хонаи вай зиндагӣ мекарданд, чӣ кунад. Баъди ковтукови зиёд вай барои ҳамаи бачаҳо, ғайр аз 4 нафар, оила ёфт. Ба ҳамаи кӯшишҳо нигоҳ накарда, ба ин 4 нафар ҷой ёфт нашуд. Барои ҳамин онҳоро ҳамроҳи худ бурд.

Вақте вай ба Шотландия омад, одамон ӯро бо 4 нафар кӯдаки сиёҳпӯст дида, ба ҳайрат афтоданд. Онҳо намедонистанд чӣ фикр кунанд, аммо дере нагузашта ҳама онҳоро дӯст доштанд. Баъди рухсатӣ Мэрӣ ба Африқо баргашт ва кори худро давом дод. Вай ба одамон хондани Китоби Муқаддасро ёд медод, касалҳоро хабар мегирифт ва сокинон дар таъсиси ҷамоатҳои нав ёрӣ мерасонд.

Дар он ҷое ки Мэрӣ кор мекард, бисёр африқоиҳо масеҳӣ шуданд. Дар охир Мэрӣ ба Шотландия нома навишт, ки барои сиёҳпӯстони масеҳӣ шубон равон кунанд.

Баъди солҳои зиёди кори вазнин Мэрӣ Слесор сахт касал шуд. Вақте вай дар ҷойгаҳи марг мехобид, зани касалбони хубе ӯро нигоҳубин мекард. Ин зан яке аз он дугоникҳое буд, ки Мэрӣ чандин сол пеш вайро аз марг наҷот дода буд. 15-уми январи соли 1914 Мэрӣ Слесор вафот кард, то ки ҳамеша бо Худованд Исо бошад.

Вақте сокинон шуниданд, ки модари

сафедпӯсти онҳо ба осмон назди Исо рафт, онҳо дар аввал бисёр зиқ шуданд. Онҳо тасаввур карда наметавонистанд, ки бе ӯ чӣ кор мекунанд. Аммо Мэрӣ Слесор ба онҳо дар бораи Худованд Исо бисёр нақл карда буд. Вай ба онҳо ёрдам дод, ки масеҳӣ шаванд ва ба ҷамъомадҳо раванд. Вай ба онҳо хонданро ёд дод. Бинобар ин акнун, ки Мэрӣ бо онҳо набуд, онҳо метавонистанд Каломи Худоро хонанд ва бисёртар дар бораи Наҷотдиҳандаи Мэрӣ фаҳманд.

Африқоиҳои масеҳӣ барои ҳамаи он чи Мэрӣ барои онҳо карда буд, аз ӯ миннатдор буданд.



## *Фаннӣ Кросбӣ*

*Шоираи нобино*

Френсис Ҷейн Кросбӣ 24 марти соли 1820 таваллуд шудааст. Падару модари вай бисёр камбағал буданд. Фаннӣ, чуноне ки ӯро меномиданд, яксола ҳам набуд, ки падараш вафот кард. Модар бояд дар ҳаққи оила ғамхорӣ мекард.

Вақте ки Фаннӣ шашсола буд, сахт касал шуд. Аз сабаби касалӣ чашмони вай суст медидагӣ шуданд. Азбаски дар он вақт духтурон ва доруҳо он қадар бисёр набуданд, ин касалӣ ӯро ба нобиноӣ оварда расонд.

Вақте Фаннӣ калонтар шуд, то инро фаҳмад, модараш ба вай фаҳмонд, ки вай кӯр шудааст ва ҳеҷ гоҳ дигар намебинад. Модараш гуфт, ки Худованд ягон аторо мегирад, то ки дар ивазаш атои хубтар диҳад. Вай ба духтари хурдакак дар бораи одамони нобино, ки баъзеи онҳо номдор буданд, нақл кард. Ҳамин тариқ, Фаннӣ ҳеҷ гоҳ барои нобино буданаш зиқ намешуд.

“Оҳ, чӣ хел ман хушбахтам, ҳатто вақте ки нобиноям. Мехоҳам бо хурсандӣ дар ин зиндагӣ ба пеш равам. Одамон намедонанд, ки чанд қадар ман бартарӣ дорам. Гиря кардан аз боисӣ нобиноӣ – ин барои ман нест.”

Модари Фаннӣ бо тамоми қувваташ мехост ба духтари хурдакакаш ёрӣ расонад. Вай бисёр вақт мехост ӯро ҳамроҳи худ барад, то ба вай дар бораи чигунагии гирду атроф нақл

кунад. Аммо, мутаассифона, вай наметавонист чунин кунад. Азбаски падар набуд, модари Фаннӣ бояд бисёр кор мекард. Аз ин сабаб вай имконият надошт, ки ба духтарчааш аҳамияти зиёд диҳад.

### *Бибии беҳад вафодор*

Бибии Фаннӣ дар ҳамон хона зиндагӣ мекард ва барои Фаннӣ ҳамчун чашм буд. Фанниро ба болои зонуҳояш шинонда, ба ӯ дар бораи офтоб нақл мекард. Вай мефаҳмонд, ки офтоб саҳар, нисфирӯзӣ ва пеш аз ғуруб чӣ хел аст. Дар бораи абрҳо, ки чӣ гуна онҳо дигаргун мешаванд, ба Фаннӣ нақл мекард. Баъд дар бораи моҳ ва ситораҳои бешумор, ки дар осмони шабонгаҳ медурахшанд, нақл мекард.

Рӯзе баъди боду борони сахт бибӣ Фанниро ба теппа бурд. Дар он ҷо ба ӯ рангинкамони зеборо тасвир намуд. Вай дар бораи ҳафт ранг гап зад ва нақл кард, ки барои чӣ Худованд якумин рангинкамонро фиристод.

Бибӣ ба Фаннӣ шинохтани баъзе паррандаҳо ва фарқ кардани овозҳои онҳоро ёд медод. Онҳо якҷоя ба ҷангал рафта, сурудхонии паррандаҳоро гӯш мекарданд. Бибӣ ба духтарак фарқ кардани дигар хишир-хиширҳоро низ ёд медод.

Баъд онҳо якҷоя ба омӯзиши гулҳо шурӯъ намуданд. Баъди муддате Фаннӣ гулро ба даст гирифта, ё онро бӯида, гуфта метавонист, ки дар даст кадом гулро дорад. Вай гулҳоро махсусан



дӯст медошт.

Аммо аз ҳама беҳтар он буд, ки бибӣ ба ӯ аз Китоби Муқаддас ҳикояҳо нақл мекард. Азбаски Фаннӣ ҳеҷ гоҳ хондани ҳарфҳои муқаррариро ёд гирифта наметавонист, бибияш бо овози баланд мехонд, Фаннӣ бошад оятҳоро аз ёд мекард. Вай метавонист Забур, Масалҳо ва тамоми китоби Рутро аз ёд гӯяд. Вай қариб ҳамаи ҳикояҳои Тавротро медонист ва онҳоро нақл карда метавонист. Барои ҳамин Фаннӣ мегуфт: “Барои ҳар он чи ман ҳастам ва ҳар он чи дар оянда мешавам, аз Китоби Муқаддас миннатдорам”. Бисёр шеърҳои аввалини ӯ дар мавзӯъҳои Китоби Муқаддас навишта шуда буданд.

Бибияш Фанниро ҳавасманд мекард, ки бо дигар кӯдакон бозӣ кунад. Ба тезӣ вай метавонист дар ҳамаи бозиҳое ки кӯдакони сиҳат мекарданд, иштирок намояд. Вай ба дарахт мебаромад, аспсаворӣ мекард ва дар бисёр бозиҳои дигар иштирок менамуд.

### *Дар донишкада барои нобиноён*

Вақте синну соли Фаннӣ ба 15-солагӣ расид, вай тавонист ба Ню-Йорк равад, то ки дар таълимгоҳи махсус барои нобиноён таълим гирад. Дар ин ҷо вай 23 соли ҳаёташро гузаронд, аввал ҳамчун толиба, баъдтар ҳамчун муаллима.

Дар ин мактаб Фаннӣ шеърнависиро давом дод. Муаллимон ва дӯстон ӯро ба ин ҳавасманд

мекарданд. Рӯзе муаллиме омад ва ҳамаи донишҷӯёни нобиноро имтиҳон намуд. Ба назди Фаннӣ Кросбӣ омада, ӯ гуфт: “Охир, ӯ шоира аст. Ӯро ҳавасманд кардан даркор аст. Ин духтари ҷавон ҳанӯз худро нишон медиҳад”.

Фаннӣ инро шунида, бисёр ба изтироб омад. Вай кайҳо боз ҳис мекард, ки эҷод намудани сурудҳои рӯҳонӣ мақсад ва вазифаи зиндагии ӯ мешавад. Ба вай фақат он чиз даркор буд, ки касе ӯро ба ин кор ҳавасманд гардонад. Муаллим ҳамон чизеро гуфт, ки вай ба он эҳтиёҷ дошт.

Роҳбари ин донишгоҳ барои нобиноён дар он солҳое ки Фаннӣ дар он ҷо таҳсил мекард, Гровер Клевленд ном як марди ҷавон буд. Вақте Фаннӣ 16-сола шуд, ҷаноби Клевленд ба вай ёрӣ медод, ки шеърҳояшро нависад. Вақте чанд сол пас Гровер Клевленд президенти Штатҳои Муттаҳида шуд, хурсандии вай ҳадду канор надошт!

### *Диндор – аммо ҳанӯз наҷотнаёфта*

Фаннӣ ба бисёр ҷамоатҳои Нью-Йорк мерафт. Дар он ҷо ӯ шеърҳои худро мехонд. Барои ӯ ин ҳамеша боиси ҳиссиёти баланд мегардид. Боре ӯро ба таври ғайричашмдошт ба Конгресс ба Вашингтон даъват карданд. Дар он ҷо шеърҳои ӯро хонданд. Баъзе мансабдорон шеърҳои ӯро гӯш карда, аз чашмонашон ашкҳоро пок мекарданд.

Дар натиҷа дар ин конгресс Фаннӣ Кросбӣ бисёр дӯстон пайдо кард. Вай бо якчанд



президентҳои Штатҳои Муттаҳида, бо якчанд мусиқанавозон ва бо масеҳиёни номдор шинос шуд. Ҳамаи онҳо дӯстони наздики ӯ шуданд.

Агарчи Фаннӣ диндор буд, фақат дар 31-солагӣ Худованд Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи шахсии худ қабул намуд. Аз ҳамон рӯз шеърҳои вай мазмунан боз ҳам амиқтар шуданд.

### *Сурудҳои нав*

Вақте Фаннӣ 38-сола буд, бо Александр ван Алстайн шинос шуд. Вай монанди Фаннӣ кӯр буд, онҳо дар донишкадаи нобиноён шинос шуда буданд. Вай сароянда буд ва бисёр вақт ба Фаннӣ сурудҳои зебо мехонд. Онҳо оиладор шуданд ва якҷоя 44 сол хушу хурсандона зиндагӣ ба сар бурданд. Баъд Александр ван Алстайн вафот кард. Худо ба Фаннӣ фарзанд тӯҳфа кард, аммо фарзандаш бисёр зиндагӣ накард. Кӯдак мурд ва ба назди Исо рафт. Дар он вақт Фаннӣ суруди беҳтарини худро навишт: «Дар дасти мустаҳками Исо». Баъди он ки Фаннӣ 12 сол дар донишгоҳи кӯрон хонд, аз ӯ хоҳиш карданд, ки дар он ҷо дарс диҳад. Вай розӣ шуд ва муддати 11 сол кӯронро таълим медод.

Дар ин муддат Фаннӣ Кросбӣ бисёр шеърҳо навишт. Аммо фақат баъди аз донишгоҳ рафтан вай машҳур шуд. Худованд ба Фаннӣ зеҳни хуб дода буд. Зеҳни ӯ чунон машқ дида буд, ки вай аллакай дар хурдӣ аз Китоби Муқаддас бисёр оятҳоро аз ёд медонист. Боре аз ӯ илтимос карданд, ки 40 оят нависад. Он вақт вай

зеҳни тези худро ба кор фармуд. Ба ҷои он ки ҳамаашро мувофиқи тартиб нависад, вай аввал ҳар як оятро дар майнааш коркард намуд. Баъд ин 40 оятро бо тартиб навишт.

Ин шоираи қобилиятнок ҳамеша машғули кор буд. Ҳангоме ки чизе наменавишт, ҳатман бо миссияҳо ва ҷамъомадҳо ҳамкорӣ мекард. Як бегоҳ Фаннӣ назди як гурӯҳ коргарон аз ятимхонаҳои миссионерӣ рафт. Вай бо онҳо дар бораи Исо гап мезад, ва кӯшиш мекард фаҳмонад, ки ин бегоҳ дар байни онҳо писари як модаре буд, ки ё наҷот меёфт, ё ки тамоман онро аз даст медод. Он гоҳ як ҷавонмарде, ки 18-сола буд, ба пеш баромад. Фаннӣ Кросбӣ ҳамроҳи вай дуо кард ва ӯро ба пеши Худованд овард. Вақте вай он бегоҳ баргашт, ба ёдаш калимаҳо аз суруди машҳури "Кӯшиш кун рӯҳатро аз марг наҷот диҳӣ" омаданд. Рӯзи дигар вай матни ин сурудро навишт.

Яке аз сурудҳои зеботаринро оиди имон ба Исо Фаннӣ Кросбӣ баъди гуфтугӯ бо доктор Доан оиди наздикӣ бо Худо навишт. Бегоҳ вай суруди "Ман аз они Туям, эй Худованд"-ро навишт.

### *Шиносоӣ бо Санкӣ*

Айра Д. Санкӣ, сароянда, ки дар ҷамъомадҳои бедоршавӣ (ки онҳоро Мудӣ мегузаронд) иштирок мекард, барои машҳур шудани сурудҳои Фаннӣ Кросбӣ мусоидат намуд, зеро онҳоро дар маҷлисҳо бисёр мехонд. Ба зудӣ вай



фаҳмид, ки суруди "Сахт бовари дорам: Исои ман" дар ҷамоатҳо бисёр хуб хонда мешавад. Бисёр вақт ӯ парастишро бо суруди "Маро надида нагузар, Исо" тамом мекард, ки инро ҳам Фаннӣ Кросбӣ навишта буд. Пас аз чанде Санкӣ касал шуда, ҳамчунин нобино шуд. Фаннӣ Кросбӣ ба хабаргириаш мерафт ва дилбардорӣ мекард. Нобиноён якҷоя барои Худованд сурудҳои хуб мехонданд, ки яке онҳоро менавишт ва дигаре ба ҷаҳон паҳн мекард.

Яке аз дугонаҳои наздиктарини Фаннӣ Кросбӣ Ҳелен Келлери нобино буд. Дар бораи вай Фаннӣ чунин мегуфт: "Вай тӯҳфаи бузургтарин аст барои одамони асри мо".

Аз боиси муҳаббати калони Фаннӣ ба кӯдакон вай номи "Фаннӣ-хола"-ро доро шуд. Ҳамаи кӯдакони гирду атрофаш вайро чунин ном мебурданд. Якҷоя бо вай онҳо бозиҳои ҳархела ташкил мекарданд, дар бораи хурсандиҳои хурдакакашон нақл мекарданд ва барои ғамҳое ки доштанд, тасалло пайдо мекарданд. Кӯдакон бисёр вақт мегуфтанд: "Фаннӣ-хола, илтимос, ягон қисса нақл кунед". Дар ҷавоб вай сурудеро навишт, ки онро бисёр вақт дар мактабҳои якшанбегии Англия ва Америко мехонанд.

Фаннӣ Кросбӣ ҳамаи дарду алами ин дунёро медонист, аммо вай ба ояти дӯстдоштаи худ аз Китоби Муқаддас сахт такя мекард: "Хушо касе, ки аз Худо метарсад ва бо роҳҳои Ӯ қадамгузор мешавад". Ва ин оят асоси суруди машҳури вай гардид.

### *Ҳаёти дуру дароз*

Бегоҳ дар рӯзи 90-солагиаш Фаннӣ-хола бо як гурӯҳ дӯстон сӯҳбат мекард. Вақте аз ӯ пурсиданд, ки сабаби умри дарозаш дар чист? Вай гуфт, ки ҳамеша дар ҳаёташ се чизро назорат мекард: табъ, завқ ва забонашро.

Вай қариб ҳамаи сурудҳояшро бегоҳӣ, баъди ба хона баргаштан, аз нав фикр карда, менавишт. Саҳарӣ ӯ ба котибаи худ дикта мекард, ва вай навишта мегирифт.

11 феврали соли 1915 Фаннӣ Кросбӣ мактуберо ба дугонае, ки духтарашро аз даст дода буд, дикта мекард. Фаннӣ намедонист, ки ин охирин мактуби ӯст. Шаб Фаннӣ назди Исо рафт. Хеле пеш аз саршавии маросими дафн ҷамоат пур аз одам буд. Дар он ҷо хизматгузорони ҷамоатҳо, муаллифони сурудҳо, сиёсатмадорон, ҳукуматдорон, бачаҳову духтарон, ҳамаи дӯстони Фаннӣ буданд. Дар он ҷо бисёр сурудҳои вай хонда шуданд, суруди “Дар дасти мустаҳками Исо” низ.

Фаннӣ Кросбӣ ба худ ҳаёти фоидаовари дуру дароз хоҳиш кард. Ва ин хоҳиши ӯ иҷро шуд. Вай 95 сол умр дид. Имрӯзҳо низ дар Амрико ва Англия садҳо сурудҳои ӯро месароянд (ӯ зиёда аз 8000 суруди чопшуда дошт).



# *Дуайт Лиман Мудӣ*

*Хушхабаррасони номдори ҷаҳон*

Дуайт Лиман Мудӣ, 5-уми феврали соли 1837 дар Нортфилд, Массачусетс, ИМА дар зодрӯзи модараш таваллуд шудааст. Модари ӯ зани ҳалиму меҳрубон буда, ҳатто баъд аз он ки писараш ба хизмати Худо машғул шуд, ба ӯ таъсири хуб расонданро давом медод.

Ҳангоме ки Дуайт Мудӣ чорсола буд, падараш ногаҳон вафот кард. Барои писарчаи хурдакак ин зарбаи калоне буд. Ҳамон рӯз ӯ дар мактаб буд ва ӯро ҷеғ заданд, то ки ин хабари даҳшатнокро ба ӯ расонанд. Ҷаноби Мудӣ ҳафт кӯдаки бесаробонро танҳо монда буд; Дуайт фарзанди шашум буд. Баъд аз як моҳи марги падараш хонум Мудӣ дугоник таваллуд кард. Акнун вай нӯҳ фарзанд дошт, ки онҳоро хӯрондан лозим буд.

Ҳангоме ки хонум Мудӣ ҳисобро пардохт карда натавонист, мансабдорон аз шӯъбаи суд омада, чизу чораи онҳоро мусодира карданд, ҳатто ҳезумҳояшонро ҳам. Тасаввур мекунед, ки барои бечора хонум Мудӣ ва кӯдаконаш чӣ қадар рӯзҳои мушкил сар шуданд. Фарзанди калонӣ акнун ба 13 медаромад, ки ин барои кор кардан номувофиқ буд. Ба модари танҳо нӯҳ фарзандро калон кардан ниҳоят душвор шуд. Ҳамсояҳо маслиҳат медоданд, ки якчанд фарзандашро ба дигар оилаҳо ба писархондӣ диҳад, лекин хонум Мудӣ мегуфт, ки вай кӯшиш мекунад, то

қувваташ расидан оиларо нигоҳ дорад.

Баъзан онҳо хӯроки кам доштанд, лекин гурусна набуданд. Худо ҳамеша дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ мекард. Дар кӯча бӯронҳои сахти барфӣ талотум мекарданд. Хонум Мудӣ то вақти ба мактаб рафтани кӯдаконаш онҳоро дар ҷойгаҳ мехобонд, чунки тамоми хона хунук буд, ва чизе барои гарм кардан набуд.

### *Шавқмандиҳои дигар*

Дуайт бачаи меҳрубон буда, ҳамеша бисёр фикрҳои аҷоиб дошт. Агарчи модараш зани худотарс буд, ба назар чунин менамуд, ки дин на он қадар Дуайтро ба худ ҷалб мекунад. Хонум Мудӣ ҳар рӯз барои оилааш Китоби Муқаддас ва китоби дуоро мехонд. Рӯзҳои якшанбе онҳо ҳама якҷоя ба ҷамоат мерафтанд. Барои Дуайт ҷамоат ҳамеша дилгиркунанда метофт. Модараш кӯшиш мекард дуо гуфтанро ба ӯ омӯзонад, аммо ӯ мегуфт, ки кӯшиш кард, лекин "муваффақ нашуд". Аз ин сабаб вай барои дуо вақти зиёд ҷудо намекард.

Модари Мудӣ ба фарзандони худ таълим медод, ки ҳамеша ба ваъдаи додаашон вафо кунанд. Агар онҳо ба касе ягон ваъда диҳанд, бояд ба ваъдаашон вафо кунанд.

Рӯзе Дуайт аз коре ки ба ҷо овардани онро ваъда карда буд, даст кашид. Ӯ инро чунин маънидод намуд, ки хӯроке ки дар он ҷой медиҳанд, ба ӯ маъқул нест. Ӯ гуфт, ки дар он ҷо ҳамеша як хел хӯрок медиҳанд. Хонум Мудӣ



оиди ин рафтори нодурусти писараш шунида, ӯро ба коргоҳ фиристод, то корашро ба анҷом расонад, ва илова кард: "Ту ваъда додӣ, ба ваъда бояд вафо кард!" Мудӣ ин дарси ибратро барои тамоми умр дар ёд нигоҳ дошт.

Ҳангоме ки Дуайт каме калон шуд, фаҳмид, ки маълумотнок будан то чӣ андоза муҳим аст. То он вақт вай ба дарсҳои мактаб диққат намедод. Лекин оҳиста-оҳиста вай ба дарсҳо диққати махсус медодагӣ шуд.

### *Мақсади Мудӣ: пули зиёд кор кардан*

Рӯзе Дуайт Мудӣ дар ҷангал бо бародараш Эдвин ҳезум мешикаст.

"Бас, ҳамаи ин ба дилам зад, — гуфт Дуайт. — Ман дар ин ҷо дигар намеистам. Ман дар ягон ҷои дигар барои худ кор мекобам".

Дуайт ду амак дошт, ки дар Бостон соҳибони мағозаҳои пойафзол буданд. Ҳангоме вай аз онҳо пурсид, ки оё дар назди онҳо барои вай ҷойи кор ёфт мешавад, онҳо рад карданд. Лекин ин ҷавоб Дуайтро ноумед накард. Вай ба шаҳри Клинтон, иёлати Массачусетс, рафт. Вай дар он ҷо дар мағозаи китобфурӯшӣ кор ёфт. Вазифаи вай аз навиштан ба муқоваи китобҳо иборат буд. Аммо ин кор низ ба вай маъқул нашуд, ва аз ин сабаб боз ба Бостон баргашт, то ки бо амакҳояш гапзанон кунад. Вай аз онҳо пурсид, ки оё дар ҳақиқат дар мағозаи онҳо барои вай ягон кор нест. Дар охир онҳо бо як шарт розӣ шуданд, ки ӯро қабул кунанд. Вай бояд

дар хонае ки онҳо меёбанд, зиндагӣ мекард, бо онҳо бояд ба ҷамоат мерафт, дар мактаби якшанбегӣ иштирок мекард, май наменӯшид ва қартабозӣ намекард. Дуайт ваъда дод. Он гоҳ ба ӯ вазифаи пешхизматиро доданд (яъне супоришҳои мизоҷонро ба манзилашон бурда расонидан).

Дар ин ҷо Мудӣ дар назди худ мақсад гузошт, ки соҳибкори бобарор шавад. Ӯ мақсад дошт 100.000 доллар ба даст биёрад. Дар вақтҳои холигӣ вай кӯшиш мекард, ки корашро хубтар омӯзад. Вай ба нархи ҳамаи молҳо диққат медод. Бо мурури вақт амакҳояш боварӣ ҳосил намуданд, ки вай бисёр хуб аз ӯҳдаи кор мебароояд ва ба ӯ вазифаи фурӯшандаро доданд. Дуайт аз аҳли хонаводааш дур буд, ва бисёр вақт онҳоро пазмон мешуд ва ба модараш, ки дар Нортфилд буд, зуд-зуд мактуб менавишт.

### *Чӣ тарз Мудӣ ба Исои Масеҳ имон овард*

Дуайт чунон ки ба амакҳояш ваъда дода буд, ба ҷамоат ва мактаби якшанбегӣ мерафт, лекин дар он ҷо бисёр дилгир мешуд.

Дар мактаби якшанбегӣ ӯ ба синфе афтод, ки Эдвард Кимбал роҳбарӣ мекард. Рӯзе Кимбал ба Дуайт Китоби Муқаддасро дода гуфт, ки мавзӯе ки онҳо муҳокима хоҳанд кард, дар Инҷили Юҳанно аст. Мудӣ Китоби Муқаддасро гирифта, тамоми Тавротро варақ зад. Ин ҳолатро дида, баъзе аз хонандагон ба ҳоли ӯ хандиданд. Муаллим зуд Китоби Муқаддасро гирифта, ҷои даркориро ёфт ва ба Дуайт дод. Аз он вақт Дуайт нисбати устоди мактаби якшанбегиаш ҷаноби Кимбал эҳтироми зиёд пайдо кард.

Кимбал чунин меҳисобид, ки агар бо Дуайт дар бораи ба Исо имон овардан ё наовардани вай гап занад, кори хубе мешавад. Рӯзе вай ба мағозаи пойафзол, ки Дуайт он ҷо кор мекард омад. Вай ба таҳхонае ки Дуайт пойафзолҳоро дар он ҷо ба қуттиҳо ҷойгир мекард, даромад.

Баъди он ки Кимбал бо Дуайт дар бораи муҳаббати Исои Масеҳ ва нақшаи Худо барои наҷот гап зад, Дуайт ҳамон лаҳза Худоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул кард. Он вақтҳо вай 18-сола буд. Дуайт бо роҳбари ҷамъомад шинос шуда, пурсид, ки оё мумкин аст вай низ ба сафи аъзоёни ҷамъомад дохил шавад. Вай дар синфи Кимбал зиёд таҳсил накарда буд, ва аз ин сабаб ҳоло Каломи Худоро зиёд намедонист. Ҳангоме ки роҳбарон аз Китоби Муқаддас ба ӯ савол доданд, Дуайт ба онҳо ҷавоб дода натавонист. Вай танҳо медонист, ки Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул кардааст. Аз ин сабаб хоҳиши ӯро рад карданд. Ба ӯ гуфтанд, ки вай бояд Китоби Муқаддасро зиёдтар хонад ва боз биёяд. Мудӣ итоат кард ва баъд ӯро қабул карданд. Ин моҳи майи соли 1856 буд. Дуайт ҳеҷ гоҳ нисбати роҳбарият аз боиси он ки бародарон бори аввал ӯро ба ҷамоат қабул накарданд, хафагӣ надошт. Вай гуфт, ки онҳо аз рӯи адолат ба ӯ ҷавоби рад доданд; ҷамоат бояд

донад, ки оё шахсе ки ба он дохил мешавад, дар ҳақиқат аз нав таваллуд шудааст ё не. Акнун Дуайт мунтазам ҳар шоми ҷумъа дар маҷлиси дуо иштирок мекард.

### *Дар Чикаго*

Шаҳри Бостон ба Муди̅ маъқул набуд. Вай бисёр мехост ба Чикаго кӯчад ва ӯ дар нома ба модараш оиди ин нақшаи худ навишт. Модараш ин хоҳиши ӯро таҳсин намекард, лекин бовари̅ дошт, ки Худо писари ӯро роҳнамои̅ мекунад. Дуайт дар нома ба модараш навишт, ки агар Худо ба ӯ имкон диҳад, ки дар Чикаго бошад, вай ҳаёти худро ба хизмати Ӯ мебахшад.

Муди̅ муддате дар шаҳри калон зиста, боз ба модараш мактуб навишт: "Дирӯз ман ба як ҷамоати калон рафтам, ва ҳамин ки худро шиносондам, дӯстони зиёде пайдо кардам... Худо дар ин ҷо низ ҳамон тавр аст, ки дар Бостон буд".

Азбаски Дуайт дар шаҳри Бостон дар мағозаи пойафзол кор карда буд, дар Чикаго низ дар мағозаи пойафзол ба кор даромад. Вай боз нағз кор карданро давом дод. Ӯ боз ба хонаашон мактуб навишт: "Аз он рӯзе ки ман ба ин ҷо омадам, дар як ҳафта 30 доллар кор мекунам". Худо ҳамчунин ӯро ба меҳнати махсус тайёр мекард.

Муди̅ рӯзи якшанбеи аввали ба шаҳри Чикаго омаданаш ба Ҷамоати якуми баптисти̅ рафт. Дар он ҷо вай бо як духтари ҷавон вохӯрд, ки баътар ҳамсари ӯ шуд.



Муди̅ муддате дар шаҳр зиндаги̅ карда, ба хулосае омад, ки дар шаҳр ҷавонони аз хонаҳои худ дур, ки худро чун ӯ танҳо ҳис мекунанд, хеле зиёданд. Ҳамин тавр, Муди̅ чор харакро дар ҷамоат ба иҷора гирифта, ҷавононро даъват намуд, ки омада дар он ҷо шинанд. Ин оғози хизмати махсуси Дуайт Лиман Муди̅ буд.

### *Оғози корҳо дар мактаби якшанбеги̅*

Муди̅ бо иҷора гирифтани харакҳо ва аз кӯча даъват намудани одамон маҳдуд нашуд. Ба зуди̅ вай ба гурӯҳи миссионерҳои ҷавон шарик шуда, саҳариҳои рӯзи якшанбе ба ханаҳову меҳмонхонаҳо рафта, рисолаҳо медоду одамонро ба ибодат даъват мекард. Рӯзе баъди ибодати якшанбеги̅ Муди̅ ба ибодатхонаи хурди миссияи шаҳри̅ рафт ва хоҳиш кард, ки дар мактаби якшанбеги̅ дарс диҳад. Роҳбари ҷамоат гуфт, ки муаллимон зиёданд, аммо талабагон хеле кам. Агар вай худаш ба кӯча баромада, барои худ талаба ёбад, онҳо ба ӯ синфхона медиҳанд.

Якшанбеи оянда, баъд аз хӯроки нисфирӯзи̅, Муди̅ ҳамроҳи 18 кӯдаки чиркину ҷандапӯш ба мактаби якшанбеги̅ омад. Лекин вай нишаста, кӯдаконро таълим надод, балки онҳоро ба дигар муаллим доду рафт, то ки дигар кӯдаконро низ ҷустуҷӯ карда ба ин ҷо оварад. Вай бовари̅ дошт, ки дар мактаби якшанбеги̅ дигар ҷавонҳо аз ӯ беҳтар дарс дода метавонанд.

### *Дар Нордмарктҳаллее*

Тирамоҳи соли 1858 Муди̅ дар толоре ки пештар тарабхона буд, мактаби якшанбегии худро барпо кард. Аммо ба зуди̅ барои ӯ толори васеътаре лозим шуд. Ҳангоме мири шаҳр дид, ки Муди̅ кӯшиши ба кӯдакон ёри расонданро дорад, ба ӯ биноеро дод, ки "Нордмарктхалле" ном дошт. Азбаски дар ин бино рӯзҳои шанбе то бевақтии шаб мерақсиданду тамоку мекашиданд ва майнӯши̅ мекарданд, ба Муди̅ лозим меомад, ки рӯзи якшанбе дар соати шаши саҳар ба он ҷо рафта, шишаҳои холии пиво ва пасмондаи сигаретҳоро ҷамъ карда, толорро ба тартиб оварад, то ки ба мактаби якшанбеги̅ монанд шавад.

Баъди муддате Муди̅ барои ҷавонҳо ибодати бегоҳи̅ ташкил кард. Онҳоро ба назди Масеҳ оварда, таълим медод ва таҷрибаи бо Худо муошират карданашро ба онҳо нақл мекард. Ва инчунин ба онҳо насиҳат медод, ки Каломи Худоро хонанд. Азбаски Муди̅ бо ҷавонон машғулиятҳоро давом медод, баъзе падару модарон низ шавқманд шуда, ба ибодат меомаданд.

### *Вазифаи нав*

Муди̅ фаҳмид, ки дигар дар мағозаи пойафзолфурӯши̅ кор карда наметавонад. Вай мехост пурра ба Худо хизмат кунад. Вай фаҳмид, ки ин маънои аз даст додани бисёр чизҳоро дорад, аз тарафи дигар ба ӯ фаҳмо



буд, ки вай бо ин роҳ дигар пул кор карда наметавонад. Дар ҳашт моҳи охир Муди̅ дар мағозаи худаш 5000 доллар кор кард. Дар соли аввали хизмати хушхабаррасонии худ вай аз 300 доллар зиёд намегирифт. Ба қавли ӯ, гоҳо ин маънои фақтат бо пичини̅ ва панир қаноат карда, дар харакҳо хоб карданро дошт. Лекин барои Худованди худ Исои Масеҳ вай ба ҳама чиз тайёр буд. Аз он рӯз сар карда Муди̅ яке аз коргарони бузургтарин дар токзори Худованд гардид.

Дуайт Л. Муди̅ пойафзолфурӯши хуб, устоди хуби мактаби якшанбеги̅ ва бадастоварандаи хуби дилҳои одамон баҳри Худо буд. Аммо акнун Худо ӯро водор мекард, ки меҳнати худро пурра ба Масеҳ бахшад. Муди̅ дар назди худ вазифа гузошт, ки тамоми вақти худро барои ба сӯи Исои Масеҳ раҳнамои̅ кардани инсонҳо бахшад.

Дар ибодатҳои якшанбегии шабонаи Нордмарктҳалле одамон Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул мекарданд. На танҳо кӯдакон, балки падару модарон низ меомаданд. Баъд аз он ки онҳо назди Масеҳ меомаданд, Муди̅ ба онҳо маслиҳат медод, ки ба ягон ҷамоат аъзо шаванд. Аммо аксари ин одамон аз оилаҳои камбағал буданду дар бинои боҳашамати ҷамоат худро нороҳат ҳис мекарданд. Аз ин сабаб Муди̅ қарор дод бинои наве созад, ки онро чун ҷамоат истифода бурдан мумкин бошад ва дар он 1500 нафар

ҷойгир шаванд. Соли 1864 кушодашавии биноро қайд карданд. Он яке аз зиндатарин ҷамоатҳои шаҳри Чикаго ба ҳисоб мерафт, ки дар он ибодатҳои махсус барои мардҳо, бачаҳо, духтарҳо ва модарон гузаронида мешуд. Дар он ҷо таҳқиқи Калом, ибодати шукргузорӣ, соатҳои дуо, шаҳодат баргузор мегардид. Ба ғайр аз ҷамъ шудан дар ҷамоат, аъзоёни ҷамоат барои дуо дар хонаҳо ҷамъ мешуданд. Ҳамчунин дар кӯчаҳо ҳам ҷамъ мешуданд. Ва Худо корҳои Мудиро баракат медод.

### *Марде дар назди фонус*

Бар иловаи хизмати зиёд дар ҷамоат ва мактаби якшанбегӣ, Мудӣ алоҳида вақт ёфта, боз ба корҳои дигар низ машғул мегашт. Боре шабона, ҳангоми ба хона баргаштан, ӯ мардеро дид, ки ба фонус такя зада нишастааст. Мудӣ ба назди ӯ рафта, пурсид: “Ҷаноб, оё шумо пайрави Масеҳ ҳастед?”

Мард хашмгин шуда, хост Мудиро занад.

“Оҳ, маро бубахшед, ки шуморо ранҷондам, лекин ба назарам ин савол хеле бамаврид аст”.

“Ба кори худатон машғул шавед”, — гуфт мард.

Мудӣ фурсати мувофиқро истифода бурд. “Кори ман маҳз ҳамин аст”, — бо ҷиддият гуфт ӯ ва роҳи худро давом дод.

Аз байн чанд моҳ гузашту шабҳангом дари хонаи Мудиро касе кӯфт. Мудӣ дарро кушода, дар назди дар ҳамон мардеро дид, ки замоне ба



ӯ “кори худатро кун” гуфта буд.

“Ман мехоҳам, ки масеҳӣ шавам”, — гуфт вай. “Аз он шаб ман дар худ оромӣ намеёбам. Суханони шумо маро тарсонда, ба ташвиш андохтанд. Шаби гузашта ман хоб нарафтам. Бинобар ин ман бо хоҳише омадам, ки шумо бо ман дуо кунед”. Ҳамон шаб Мудӣ он одамро назди Худованд Исо овард. Дертар он шахс дар ҷамоати Мудӣ муаллими мактаби якшанбегӣ шуд.

### *Сафар ба Ирландия*

Мудӣ донишманди Китоби Муқаддас буд. Вай ҳар рӯз барвақт аз хоб хеста, ду ё се соат вақти худро бо Худо мегузаронд ва Китоби Муқаддасро мехонд. Саҳарӣ рӯҳи ӯ ором буд, ва аз ин сабаб фикр мекард, ки барои сӯҳбат бо Худо ин вақти рӯз хеле мувофиқ аст. Омӯзиши Китоби Муқаддас, дар мактаби якшанбегӣ дарс додан ва дар ҷамоат мавъиза карданро давом дода, вай номдор шуд. Аз бисёр ҷамоатҳо ба ӯ даъватнома мефиристоданд, то ки дар он ҷойҳо мавъиза кунад.

Соли 1867 Мудӣ бемор шуд. Духтурон ба Мудӣ ва ҳамсараш маслиҳат доданд, ки ба ҷойҳои дур сафар кунанд. Азбаски Мудӣ ҳамеша орзу дошт бо Чарлз Сперҷен ва Георг Мюллер шинос шавад, онҳо ба Англия сафар карданд. Агарчи дар он ҷо одамон Мудиро намешинохтанд, онҳо аз ӯ хоҳиш карданд, ки мавъиза кунад. Вохӯрии онҳо бо Сперҷен

ва Мюллер баргузор гардид. Баъд Мудӣ ба Ирландия рафт.

Ба Амрико баргашта, Мудӣ аз ҳарвақта зиёдтар мавъиза мекард. Бисёр гурӯҳҳо ва ҷамоатҳо ӯро барои мавъиза кардан даъват менамуданд.

### *Айра Д. Санкӣ*

Рӯзе Мудӣ бо Айра Д. Санкӣ ном як ҷавон вохӯрд. Ӯ тақрибан 30-сола буда, хизматчии давлатӣ шуда кор мекард, ва ғайр аз ин сарояндаи бомаҳорат ва роҳбари гурӯҳи сарояндагон низ буд. Мудӣ бо ӯ сӯҳбат намуда, гуфт: "Шумо бояд, аз хизмати давлатӣ даст кашида, ба назди ман биёед. Шумо он нафаре ҳастед, ки ман аллакай ҳашт сол боз мекобам".

Барои Санкӣ ин як чизи ногаҳонӣ буд, ӯ ваъда дод, ки дар ин бора дуо мекунад. Пас аз чанде вай ба кори хушхабаррасонӣ, ки Мудӣ ба ҷо меовард, шарик шуд, ва барои гузаронидани ҷамъомадҳои масеҳӣ ёрӣ медод. Одамон бо майлу рағбат месароиданд ва Мудӣ донист, ки Худо сурудхониро барои ба даст овардани дили инсонҳо истифода мебарад.

Ногаҳон дар шаҳри Чикаго сӯхтори калон сар зад. Мудӣ ва Айра Санкӣ муддате ҳамдигарро дида натавонистанд. Лекин расо дуюним моҳ баъд аз сӯхтор Мудӣ маросими тақдиси Хонаи нави Худо гузаронд, ки онро Норд-Табернакел ном гузошта буданд. Онро дар ҷои пештарааш бино карда буданд.



### *Сафари бобаракат*

Оҳиста-оҳиста ҳамаи чорабиниҳо дар ҷамоатҳо хуб ташкил дода шуданд, бинобар ин Мудӣ метавонист ба сафар барояд. Вай мехост боз як сафари баҳриро ба сӯи Англия ба анҷом расонад. Мудӣ боз ба Лондон рафт, ва дар он ҷо аз ӯ хоҳиш карданд, ки дар яке аз ҷамоатҳо мавъиза кунад.

Дар вақти ҷамъомади пагоҳирӯзӣ ягон чизи махсус ба назар намерасид. Мудӣ чунин хулоса баровард, ки дили шунавандагон тамоман сард аст. Лекин дар ҷамъомади бегоҳӣ як чизи ғайриоддӣ рух дод. Ҳангоме ки вай мавъизаи худро ба анҷом расонд ва даъват кард, ки касоне ки хоҳиши қабул кардани Исоро доранд, ба пеш бароянд, садҳо одамон бархостанд.

Мудӣ фикр кард, ки онҳо ӯро нодуруст фаҳмиданд ва такрор кард, ки танҳо касоне ки аз ростӣ мехоҳанд ба назди Худованд Исо биёянд ва Ӯро пайравӣ намоянд, барои дуо ба пеш бароянд. Ҳамаи онҳое ки бархоста буданд, ба пеш баромаданд. Мудӣ онҳоро ҳамроҳӣ намуда, ба ҳуҷраи дигар барои сӯҳбат рафт, ва боз аз онҳо пурсид, ки оё онҳо аз ростӣ фаҳмиданд, ки ӯ чиро дар назар дорад. Вай хоҳиш кард, ки танҳо касоне бимонанд, ки хоҳиши масеҳӣ шудан доранд. Ҳама дар ҷояшон истоданд. Ин ҷамъомад чунон бобаракат буд, ки Мудӣ дар муддати даҳ рӯз пайдарҳам ҷамоатҳо мегузаронд. Тақрибан 400 кас дар он рӯзҳо аъзои ҷамоат шуданд.

Муди̅ сабаби чунин ҷамъомади бобаракатро ба зуди̅ ошкор намуд. Як зани бемори бистари̅ дар бораи ҷамъомадҳои Муди̅ дар Амрико хонда буд. Вай дуо мекард, ки Худо ин мавъизачиро ба ҷамоати онҳо ба Лондон барои мавъиза фиристонад; лекин дар ин бора ӯ ба касе нагуфта буд.

Вақте ки хоҳараш аз ибодати саҳари̅ омада, дар бораи суханронии мавъизачи̅ Муди̅ аз Амрико нақл кард, бемор гуфт: “Худо дуои маро шунид”. Дар қисми дигари рӯз вай дуо кард, то ки Худо ҳангоми ҷамъомади бегоҳирӯзи̅ ягон чизи ғайриодди̅ нишон диҳад. Худо ба ин дуо низ ҷавоб дод, ва бисёр одамон назди Масеҳ омаданд.

Роҳбарияти ҷамоат аз Муди̅ хоҳиш карданд, ки соли дигар ҳам ба назди онҳо биёяд. Ин навбат Муди̅ ҳамроҳи худ Айра Д. Санкиро низ овард. Онҳо хушхабарро мавъиза менамуданд ва низ суруд мехонданд. Баъд аз панҷ ҷамъомади шабона садҳо одамон ба Худованд Исои Масеҳ имон оварданд. Баъди чанде дар ибодатхонаи хурде ки онҳо парастиши худро сар карданд, ҷой бисёр танг шуд ва ҳамаи шунавандагон дар он ҷойгир намешуданд; аз ин сабаб онҳо яке аз толорҳои калонтарини Англияро иҷора гирифтанд.

Яке аз рӯзномаҳои дунявӣ хабарҳоро оиди ин ҷамъомадҳо чоп мекард. Ин берун аз одат буд, зеро дар он замонҳо рӯзномаҳо дар бораи ҷамъомадҳои дини̅ хеле кам хабарҳо чоп



мекарданд. Ҳар қадаре ки рӯзномаҳо зиёдтар дар бораи парастиш менавиштанд, Муди̅ ва Санкиро ба ҷамоатҳо ҳамон қадар зиёдтар даъват мекарданд.

***Дар Шотландия***

Рӯзе ба онҳо даъватномае аз Шотландия омад, онҳоро ба маркази Шотландия, Эдинбург, даъват мекарданд. Ҳар ду боварӣ доштанд, ки Худо онҳоро ба он ҷо даъват мекунад. Онҳо ба Эдинбург рафтанд, то ки дар он ҷо ҷамъомад гузаронанд. Одамон чунон зиёд меомаданд, ки барои фаро гирифтани ҳамаи онҳо пайиҳам се чор ҷамъомад гузарондан лозим меомад. Се моҳ дар Эдинбург меҳнат карда, Муди̅ ва Санки̅ ба шаҳри Глазго рафтанд. Худо боз ин мардонро истифода бурд ва садҳо одамон наҷот ёфтанд.

Як рӯз пеш аз бозгашт Муди̅ аз он шахсоне ки дар он рӯзҳо Исоро қабул карда буданд, хоҳиш намуд, ки ба ҷамъомад биёянд. 3500 одам омад. Дар шаби охирин 50 000 одам иштирок кард.

Баъд Муди̅ ва Санки̅ ба Белфаст, Ирландия рафтанд. Дар он ҷо низ бисёр одамон барои шунидани хушхабар омаданд. Баъд аз чанд моҳи ҷамъомадҳои пурбаракат ҳар ду хушхабаррасон ба Лондон баргаштанд. Онҳо медонистанд, ки дар ин шаҳр одам чунон зиёд зиндаги̅ мекунад, ки аз эҳтимол дур аст барои ҳамаи онҳое ки меоянд, ҷой ёфта тавонанд. Аз ин сабаб онҳо ҷамъомадҳои худро дар бинои калонтарин дар шимоли Лондон, ки дар он аз

15 000 то 20 000 одам ҷойгир мешуд ва боз дар бинои операи подшоҳӣ, ки дар он 5 000 одам ҷойгир мешуд, мегузаронданд. Дар он ҷо ва дар дигар ҷойҳо одамон тӯда шуда меомаданд. Ҳама мехостанд хушхабаррасони 38-солаи амрикоиро шунаванд.

***Бедоршавӣ***

Баъд аз ин ҷамъомадҳои бобаракат дар Лондон, Мудӣ ва Санкӣ ба Амрико баргашта, ҷамъомадҳоро дар Ню-Йорк, Филаделфия, Чикаго, Бостон ва дигар шаҳрҳо мегузарониданд. Худо ҳамеша хизматчиёни худро бо мақсади бедор кардани зиндагии нав дар дили шунавандагон истифода мебурд. Санкӣ на танҳо дар парастишҳо суруд мехонд, роҳбари гурӯҳи сарояндагон ва дирижёр буд, балки ҳамчунин дар муддати кӯтоҳ гурӯҳи сарояндагонро ташкил кард, ки аз 600, 700 ва 800 сароянда иборат буд ва онҳо барои ҷалол додани Худо хушхабарро месароиданд.

Худо Мудиро на танҳо дар Иёлоти Муттаҳида, балки дар дигар кишварҳо низ истифода менамуд.

16-уми ноябри соли 1899 Мудӣ охирин мавъизаи худро гуфт. Вай дар назди 15 000 одам дар Конвеншн Ҳолл шаҳри Канзас-Ситӣ, Миссурӣ баромад кард. Дар он шаб садҳо одамон ба назди Худованд Исо омаданд.

Баъд Мудӣ бемор шуд. Аз байн чор моҳ гузашту 22-юми декабри соли 1899 Худо ӯро



назди Худ ба осмон гирифт. Пеш аз маргаш ӯ ба аҳли хонаводааш гуфт: “Ман имрӯз тоҷ ба даст меорам. Ин бисёр хуш аст!”

Ба маросими дафни ин хушхабаррасони номдор аз ҳар тараф одамон меомаданд. Онҳо ба ёд меоварданд, ки чанд сол пеш Мудӣ ба онҳо гуфта буд: “Рӯзе шумо аз рӯзномаҳо мехонед, ки Д.Л. Мудӣ аз шаҳри Ист Нортфилд вафот кард. Ба ин хабар ҳеҷ гоҳ бовар накунед. Он замон ман аз пештара ҳам зиндатар хоҳам буд. Ман он вақт танҳо як зина баландтар мебароям. Фақат ҳамин”.

Инак, Мудӣ аз дунё рафт, то бо Худованди худ бошад. Меҳнати заминии вай ба анҷом расид ва Худо, ки Мудӣ барои Ӯ хизмат мекард, интизораш буд.

## *Ҷон Бунян*

*Шахсе ки барои Исо зиндонӣ шуд*

Дар ҳамаи навиштаҳои мо сухан дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шахсони барҷаста меравад — дар бораи мавъизачиён, сарояндагон, хушхабаррасонон, — шахсоне ки барои Худо хизмати зиёд кардаанд.

Аз ин ҳикоя мо оиди шахсе ки фақат пас аз оиладоршавӣ ба Худо имон овардааст, мефаҳмем. Аммо баъдтар Ҷон Бунян китобе бо номи "Сафари масеҳӣ" навишт. Ин китоб ба зиёда аз 100 забони дунё тарҷума шудааст. Китоб барои кӯдакон ва ҷавонон навишта шудааст.

Ҷон Бунян дар Бедфорди Англия ба дунё омадааст. Вай дар оилаи ғайримасеҳӣ калон шудааст. Волидайни ӯ ба Худо бовар надоштанд.

Бобокалони Ҷон одами хуб набуд. Ӯ бо ҳамроҳии занаш як майхона дошт. Онҳо масеҳӣ набуданд, ва бисёр корҳои беадолатона кардаанд. Онҳо барои аз мизоҷони худ беҳад зиёд пул ситонданашон 12 маротиба ҳабс ва ҷарима шуда буданд.

Бобои Ҷон кафшергар буд. Вай хона ба хона гашта, дегча ва тоба мефурӯхт ва зарфҳои шикастаро таъмир мекард. Ҳангоме ки падари Ҷон ба воя расид, аз рӯи одат ин касби падарро омӯхт. Ҳангоме ки Ҷон ба воя расид, ин касбро аз падараш қабул кард.



### *Қариб ки мекуштанд*

Мо дар бораи замони кӯдакӣ ва ҷавонии Ҷон Бунян, ғайр аз он ки вай аз оилаи камбағал ва ғайримасеҳӣ буд, хеле кам маълумот дорем. Ҳангоме ки мактабро тарк кард, вай ягон маълумот нагирифта, танҳо хондаву навишта метавонист ва ба кор сар кард, то ки оиларо дастгирӣ кунад.

Ҷон писари хуб набуд. Бисёр вақт ӯ умуман намедонист бо чӣ кор машғул шавад. Аз ин сабаб вай рафторҳои ношоям мекард. Вай ба дурӯғгӯӣ, ҷанҷолу херхаша ва маккорӣ сар кард. Одамони пиронсолро тамоман ҳурмат намекард. Лекин як чизро Ҷон бисёр дӯст медошт ва дар он ҳамеша муваффақ мегашт: ин варзиш буд. Ҷон дар шаҳраки худашон, ки он ҷо зиндагӣ мекард, беҳтарин варзишгар буд.

Дар 16-солагӣ вай хост ба сафи артиш равад, зеро дар хона худро бисёр бадбахт ҳис мекард. Зиёда аз ду сол вай сарбоз буд. Баъд ӯ гӯё тамоман аз зиндагӣ дилхунук шуд. Дар он вақт модару хоҳараш вафот карданд ва Ҷон мақсади зиндагиашро гум кард. Лекин Худо ӯро ҳимоя мекард, чунки барои Ҷон Бунян нақшаи муҳиме дошт.

Як рӯз Ҷон оиди ба ҳуҷум тайёр шудан фармон гирифт. Масъала хеле ҷиддӣ буд ва шояд ӯ дар ин муҳориба ҷонашро аз даст медод. Лекин дар дақиқаҳои охирини пеш аз ҳуҷум ба ҷои ӯ дигареро гузоштанд. Ин кас дар муҳориба кушта шуд. Ҳангоме ки Ҷон дар ин

бора фаҳмид, ғарқи андеша шуд. Шояд ӯ бо ягон сабаби тамоман дигар зинда мондааст. Лекин пас аз муддате Ҷон фаромӯш кард, ки ба марг хеле наздик буд ва боз ба зиндагии бадахлоқона фурӯ рафт.

### *Издивоҷи бармаҳал*

Ҷон гоҳо абадиятро хоб медид. Ҳангоме ки вай бедор мешуд, қарор медод, ки ба гуноҳ хотима медиҳад. Лекин баъди чанд дақиқа ин нияти худро фаромӯш мекарду боз ба гуноҳ меғалтид. Аммо вай гуноҳкор будани худро мефаҳмид. Вай медонист, ки маккорӣ, ҷанҷолу хархаша ва дурӯғгӯӣ гуноҳ аст, лекин худро дигаргун карда наметавонист.

Ҷон Бунян дар синни 19-солагӣ оиладор шуд. Занаш аз оилаи масеҳӣ буд. Ҳамсараш аллакай аз кӯдакӣ дар бораи Худо шунида буд. Аз ин сабаб дар бораи Ӯ ба шавҳараш гап мезад.

Аз дарсҳои хониш ва машқи хати мактаб дар хотири Ҷон танҳо дониши каме монда буд, аммо занаш ба ӯ ёрӣ медод ва ҳавасманд мекард, ки китобҳои падараш ба онҳо тӯҳфа кардагиро хонад. Ҳамсараш бо муҳаббат ҳамеша хотиррасон менамуд, ки Ҷон бояд масеҳӣ шавад. Ҷон Бунян зуд-зуд кӯшиш менамуд, ки зиндагии навро сар кунаду диндор шавад. Ӯ фикр мекард, ки ин басанда аст. Рӯзҳои якшанбе ҳамроҳи занаш вай ду маротиба ба ҷамоат мерафт. Вай ҷанҷол карданро бас кард ва оҳиста-оҳиста кӯшиш



намуд, ки аз ҳамаи гуноҳҳои худ даст кашад. Ӯ гумон кард, ки ислоҳ шудааст. Бисёре аз шиносҳояш медиданд, ки Ҷон хеле дигаргун шудааст. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар асл Ҷон дигаргун нашуда буд, зеро дилаш ҳанӯз ҳам ба Исо тааллуқ надошт. Дар рафтори ӯ баъзе чизҳо дигаргун шуда буданд, лекин аз ин зиёд не.

Ҷон ҳанӯз ҳам дегчаву тоба мефурӯхт ва зарфҳои шикастаро таъмир мекард. Як рӯз, ҳангоме ки вай дар кӯча рафта, фарёд мезад: “Дегча ва тоба, кӣ дегча ва тобаашро кафшер кардан мехоҳад?”, се хонум ба ӯ наздик омаданд. Ҷон дид, ки онҳо камбағал ҳастанд, лекин чизе дар онҳо диққати ӯро ҷалб кард. Онҳо дар бораи Худованд Исо гап мезаданд.

Ҷон ҳеҷ гоҳ боварӣ надошт, ки ҳам диндору ҳам хушбахт будан мумкин аст, лекин бо ин занҳо сӯҳбат карда, вай фаҳмид, ки аз таҳти дил масеҳӣ будан чӣ маъно дорад. Онҳо ба Ҷон фаҳмонданд, ки ӯ танҳо бо дигаргун кардани рафтори худ масеҳӣ шуда наметавонад. Онҳо дар бораи муҳаббати Худо нақл карданд, ки Ӯ Писари ягонаи Худ Исои Масеҳро дод, то ки барои ӯ қурбон шавад. Дар он рӯз Ҷон Бунян бори аввал башорати ҳақиқиро дар бораи Худованд Исо шунид.

### *Пешрафт*

Баъд аз сӯҳбат бо занҳо Ҷон ба хона рафта, ба хондани Китоби Муқаддас сар кард. Вай

Китоби Муқаддасро мунтазам мехонд ва вақт пайдо карда, ба назди занҳо мерафт, то ки бо онҳо сӯҳбат кунад. Гоҳо вай чунон саволҳое медод, ки онҳо ҷавоб дода наметавонистанд. Дар ин ҳолат онҳо назди Гиффорд ном ҷанобе мерафтанд ва аз ӯ маслиҳат мепурсиданд.

Ҳар қадар Ҷон Китоби Муқаддасро зиёд хонад, ҳар қадар бо занҳо зиёд сӯҳбат кунад ва ҳар қадар зиёдтар ба ҷаноби Гиффорд савол диҳад, ҳамон қадар ба ӯ маълум мешуд, ки ӯ гуноҳкор будааст. Вай зуд-зуд ба анборчаи хонаи хурдакакаш даромада, дар танҳоӣ гиря карда, ба Худо дуо мегуфт. Гоҳо ба ӯ чунин менамуд, ки гуноҳҳои зиёде дораду Худо ҳеҷ гоҳ ӯро намебахшад.

Рӯзе Ҷон Бунян бемор шуд. Ӯ хеле рӯҳафтода шуд! Ӯро фикри пур аз гуноҳ буданаш ҳеҷ тарк намекард. Дар вақти бемор буданаш Ҷон китоби Мартин Лютерро хонд. Баъди муддате вай дилу зиндагии худро ба Худованд Исо бахшида, фарзанди Худо гардид.

Ин маънои онро надошт, ки ӯ дигар ба мушкилӣ дучор нашуд. Соли 1655 Ҷон Бунянро ғаму андӯҳи зиёд фаро гирифт. Дар аввал дӯсти азизи вай шубон Ҷон Гиффорд, ки ба ӯ ёрии зиёде расонда буд, аз олам гузашт. Баъд аз чанд вақт ҳамсари меҳрубонаш низ вафот кард. Баъд аз ин Ҷон худаш ба бемории марговаре дучор шуд, лекин Худо ҷони ӯро нагирифт.

Ҷон Бунян тарсид, ки ба марги ҳамсараш тоб оварда наметавонад. Лекин вай медид, ки



Худованд Исо, Наҷотдиҳанда ва Ёрдамчии бовафои ӯст.

### *Ҳабс шуд!*

Чӣ тавре ки медонем, акнун ҳаёти Ҷон Бунян ба Худо тааллуқ дошт, вай мехост ҳангоми фурӯхтани дегча ва тобаҳои худ дар бораи Ӯ шаҳодат диҳад. Дар вақти кор вай ба одамон оиди Худованд Исои Масеҳ гап мезад. Худо меҳнати Ҷонро баракат медод, акнун вай аз пештара дида зиёдтар дегчаҳоро таъмир мекард ва мефурӯхт. Акнун вай дили одамони зиёдеро ба даст меоварду ба онҳо дар бораи Худованд Исо шаҳодат медод.

Аммо он замонҳо дар Англия қонуне амал мекард, ки ғайр аз шубон касе ҳуқуқ надошт мавъиза кунад. Ҷон Бунян медонист, ки дар Каломи Худо гуфта шудааст: “Пас, биравед ва ба ҳамаи халқҳои рӯи замин хушхабарро расонед...”. Аз ин сабаб Ҷон мехост ба Худо итоат кунад, на ба одамон. Дегча ва тобаҳоро кафшер карда, вай мавъиза карданро давом медод.

Соли 1659 Ҷон Бунян аз нав оиладор шуд. Ҳамсараш Элизабет ном дошт. Вай зани ҷасур ва барои шавҳараш ёрдамчии хуб буд. Вай ба чор фарзанди Ҷон ғамхорӣ мекард ва ӯро барои мавъиза кардан рӯҳбаланд менамуд.

Он замон дар ҳукумати Англия дигаргуниҳо ворид гаштанд. Қонунҳои нав қабул карда шуданд. Дар яке аз моддаҳои қонун гуфта

мешуд, ки шахсоне ки бе рутбаи шубонӣ мавъиза мекунанд, ба ҳабсхона партофта мешаванд. Ҷон Бунян намехост қонуни мамлакати худро вайрон кунад, лекин медонист, ки аз одам дида сухани Худо авлотар аст. Чанд вакт вай либоси ғайриоддӣ дар бар карда, намуди зоҳирии худро иваз намуда, пинҳонӣ ба ҷойҳои пешакӣ маслиҳатшуда рафта, мавъиза мекард. Лекин ба Ҷон маълум гашт, ки чунин тарзи мавъизаи хушхабар нодуруст аст, ва аз ҳамин сабаб мисли пештара ҷасорат пайдо кард. Рӯзе аз Ҷон Бунян хоҳиш карданд, ки барои мавъиза кардан ба як деҳаи наздик биёяд. Вай ваъда дод, ки меояд. Лекин дӯстонаш ӯро огоҳ карданд, ки кормандони ҳифзи ҳуқуқ дар ин бора хабар доранд. Дӯстонаш кӯшиш карданд, ки ӯро аз нияташ боздоранд; лекин Ҷон Бунян медонист, ки Худо низ дар он ҷо мешавад. Аз ин сабаб вай ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ба он ҷо раҳсипор шуд.

Ҳангоме ки Ҷон мавъизаро сар кард, корманди ҳифзи ҳуқуқ ба назди ӯ омада, ӯро ҳабс кард ва ба маҳкама бурд. Ба Ҷон Бунян гуфтанд, ки ӯро сар медиҳанд, агар ваъда диҳад, ки дигар мавъиза намекунад. Лекин Ҷон ин хел ваъда дода наметавонист. Шояд ҳавворӣ Петрус ба ёди ӯ омад, ки ба ӯ низ солҳои пеш чунин пешниҳод карда буданд.

### *12 сол дар ҳабс*

Дар вақти доварӣ Ҷонро аз ҳуқуқи гап задан



маҳрум карданд. Барои ҳимоя шоҳид даъват карданро низ ба ӯ манъ карданд. Ӯро гунаҳгор эълон намуда, ба ҳабсхона партофтанд. Қарори маҳкама чунин буд: ба муддати се моҳ ҳабс карда шавад. Пас аз ин, агар ваъда диҳад, ки дигар мавъиза намекунад, ӯро сар медиҳанд. Дар акси ҳол ӯро ба дор меовезанд. Андеша кунед: одамро аз боиси башорат доданаш дар бораи Худованд Исо ба дор меовезанд!

Ҳангоме ки қарор эълон карда шуд, ба Бунян ҳуқуқи гап задан доданд. Вай гуфт: “Агар имрӯз маро аз ҳабсхона озод кунанд, ман худи пагоҳ боз ба мавъиза кардан сар мекунам. Ин низ, ба мисли он ки Худо мададгори ман аст, дуруст аст”.

Баъд аз се моҳи маҳбусӣ, ӯро озод накарданд. Маҳбусӣ 12 сол давом кард. Агар ӯ ваъда медод, ки дигар дар бораи Худованд Исо башорат намедиҳад, ӯро ҳамон замон аз ҳабсхона озод мекарданд. Лекин Ҷон Бунян Худоро дӯст медошт ва медонист, ки бояд ба одамон дар бораи Ӯ башорат диҳад, ҳатто агар дар маҳбас истаду аз зану фарзандонаш ҷудо бошад ва ба онҳо кӯмак карда наметавонад. Ҷон Бунян оилаи худро дӯст медошт. Корҳояш нағз буд. Вай дар ҳавои кушоду офтобӣ буданро дӯст медошт. Вай сабзаву осмони кабудро дӯст медошт. Лекин ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, вай 12 сол дар ҳабсхона буданро авло донист, чунки Худованд Исоро дӯст медошт ва мехост барои Ӯ хизмат кунад. Ҳабсхона торик, чиркину пур

аз одам буд. Нафарони зиёд касал мешуданд. Баъзе аз маҳбусон ба чунин шароит тоб наоварда, мемурданд. Баъзан 50 нафарро дар як ҳуҷраи майдаяк тиққаву танба мекарданд. Баъзе аз онҳо қотил ва ҷинояткор буданд, дигарон аз он сабаб маҳбус шуда буданд, ки ба ҷамоати ҳукуматӣ нарафтаанд, зеро мехостанд оиди он мавъиза кунанд, ки Худованд Исо онҳоро ба кадом роҳ ҳидоят менамояд.

Ҷон донист, ки метавонад ба маҳбусон мавъиза кунад. Ва ӯ ҳамин тавр ҳам кард, бисёре аз онҳо барои дуо пайваста бо ӯ вомехӯрданд.

Агарчи дувоздаҳ соли маҳбусӣ ба Ҷон Бунян санҷиши бисёр мушкил буд, ӯ вақтро аз даст намедод. Вай ҳар дақиқаро истифода мебурд, Каломи Худоро мехонд, дуо мекард ва менавишт. Ҳамин тавр китоби машҳури ӯ “Сафари масеҳӣ” ба вуҷуд омад.

### *Имкониятҳои нав*

Дар синни 43-солагӣ Ҷон Бунянро аз ҳабсхона озод карданд. Ба ӯ пешниҳод карданд, ки дар ҷамоати баптистии Бедфорд шубон шавад. Вай розӣ шуд ва 16 соли минбаъда ҳамчун шубон дар он ҷо хизмат кард. Вай на танҳо дар ҷамоати худ, балки дар бисёр ҷойҳо аз ҷумла дар Лондон ва Кембриҷ низ мавъиза мекард. Вай дар назди донишҷӯёни донишгоҳ, ҷамъомадҳои кӯчагӣ ва баъзан дар бинои кӯҳна низ мавъиза мекард. Бо вуҷуди таҳдидҳо, дигар Ҷонро ба ҳабсхона напартофтанд.



Ҷон Бунянро зуд-зуд барои ёрӣ дар масъалаҳои оилавӣ ва хонаводагӣ низ даъват мекарданд. Рӯзе як бача, ки дар ҳамсоягии онҳо зиндагӣ мекард, аз хонаашон гурехт. Баъди чанд вақт бача аз фикраш гашта, хост ба хонаашон баргардад, аммо волидайнаш ӯро қабул кардан нахостанд. Бача аз Ҷон Бунян хоҳиш кард, ки ба ӯ ёрӣ диҳад, то боз ба хонаи падару модараш баргардад. Бунян бо падару модари бача сӯҳбат карда, онҳоро розӣ кунонд, ки бачаро боз ба оилаи худ қабул кунанд. Он гоҳ Бунян сафари дурро пеш гирифт, то бачаро ба хонаашон биёрад. Дар вақти ин сафар борони сахт меборид, ва Ҷон Бунян тамоман тар шуд. Ӯ имкони либос иваз кардану гарм шудан надошт. Ӯ шамол хӯрда сахт бемор шуд. 31-уми августи соли 1688 дар синни 60 солагӣ вай аз ҷаҳон гузашта ба подшоҳии осмонии Худованд рафт.

Ҳамин хел зиндагии Ҷон Бунян, нависандаи китоби “Сафари масеҳӣ”, ба поён расид. Ин китоб то ҳол вуҷуд дорад ва дар тамоми ҷаҳон машҳур аст (инчунин ба забони тоҷикӣ).

## *Георг Мюллер*

*Падари ятимон*

Георг Мюллер сентябри соли 1805 таваллуд шудааст. Падари вай хизматчии давлатӣ буда, аз фирмаҳо ва муассисаҳо андоз меғундошт. Георг тарбияи нағз гирифта буд, лекин дуруст сарф кардани маблағро намедонист. Ӯ ва бародараш ҳамчун пули кисагӣ маблағи хеле зиёд мегирифтанд. Волидон умед доштанд, ки фарзандонашон мисли онҳо дуруст истифода бурдани пулро ёд мегиранд. Лекин ин тавр нашуд. Баръакс. Вақте аз Георг мепурсиданд, ки вай пули худро чӣ тавр сарф карда истодааст, вай ягон дурӯғ бофта мебаровард. Вай ҳатто тамоми имкониятҳоро истифода мебурд, то пули кисагии боз ҳам зиёдтар ба даст оварад. Як дурӯғ дигарашро иваз мекард ва Георг ба гуноҳ боз ҳам чуқуртар меғӯтид.

### *Дар ҳабсхона*

Георг ҳанӯз ба синни даҳсолагӣ қадам намонда, аллакай дузди моҳир, қаллоб ва фиребгар буд. Дар чордаҳсолагӣ вай аллакай ба қиморбозию майнӯшӣ дода шуда буд. Ҳатто шаби мурдани модараш вай маст буд. Чун дигар ҳамсолонаш Георг ба маросими қабули ҷавонон ба ҷамоати масеҳии давлатӣ тайёрӣ медид, лекин ба суханони муаллим гӯш намедод. Ҳангоме ки ӯро ба ҷамоат қабул мекарданд, вай ҳатто як қисми маблағеро, ки барои шубон муқаррар



шуда буд, аз худ намуд. Георг ҳамаи ин корҳоро аз он сабаб мекард, ки Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ намедонист. Вай дар назди худ мақсад нагузошта буд, ки дузд ва маккор бошад, лекин ба ин роҳ рафт, чунки шайтон ӯро ба ин роҳ васваса мекард.

Ҳангоме ки Георг Мюллер ба синни 16-солагӣ расид, ӯро аз боиси напардохтани маблағи калон барои истифодаи ҳуҷраи меҳмонхона ба ҳабс гирифтанд. Падари Георг аз ин бохабар шуда, дарҳол ба меҳмонхона рафт ва ҳамаи маблағи напардохтаи Георгро супурд, то ки ӯро аз ҳабсхона озод кунанд. Баъд аз ин Георг гӯё каме ислоҳ шуд, лекин гуноҳ боз дар дил ва зиндагии вай ҳукмронӣ мекард.

### *Георг Исоро қабул мекунад*

Георг аз бачагиаш бисёр китоб мехонд ва меомӯхт. Вай 300 китоб дошт, лекин дар байни онҳо Китоби Муқаддас набуд. Агарчи Георг барои шубон шудан дар семинар иштирок мекард, ӯ на он тавр зиндагӣ мекард, ки ба Худованд писандида буд.

Дар он омӯзишгоҳ Георг дӯсте ёфт, ки Бета ном дошт. Ҳар ду ҷӯра ҳамон замон ба корҳои бад даст заданд. Як рӯз онҳо аз як ҷо пул дуздида, ба сафари дур баромаданд. Ҳангоме ки онҳо баргаштанд, Бета дарк кард, ки вай беадолатона рафтор кардааст ва аз рӯи таълимоти Исо зиндагӣ намекунад. Вай дар назди Худо аз гуноҳҳои худ тавба кард.

Рӯзе Георг ва Бета ба як ҷамъомади хурди дуо рафтанд. Дар он ҷо ҳар ҳафта одамон вомехӯрданд, то ки сурудхонӣ кунанд, Китоби Муқаддас хонанд ва дуо кунанд. Дар ин ҷамъомад Георг фаҳмид, ки то ҳол вай чӣ қадар зиндагии бад ба сар мебурдааст. Вай ба ин ҷамъомади дуо омаданро давом дод ва вақти зиёде нагузашта, ҳаёти худро ба дасти Худованд Исо бахшид.

Баъд аз ин вай ба падараш навишт, ки ҳамаи гуноҳҳои вай бахшида шудаанд ва хоҳиш кард, ки ӯ низ ба Худованд Исо рӯ оварад. Аммо ин суханон падарашро хашмгин намуданд.

То ин вақт Георг ҳамеша аз падараш пул мегирифт, лекин вақте шунид, ки чӣ тавр падараш дар ғазаб шудааст, қарор дод, ки дигар аз ӯ пул нагирад.

***Дар Англия***

Соли 1830 ба Георг Мюллер даъватнома доданд, ки дар ҷамоати Эбенет дар Англия хизмати шубониро ба ҷо биёрад. Дар ҷамоат ҳамагӣ 18 аъзо буд. Аъзоёни ҷамоат қарор доданд, ки дар як сол ба шубони худ 1200 марка пардохт намоянд. Ин пулҳо барои харакҳо ва нишастгоҳҳои ҷамоат, ки он замонҳо ба иҷора дода мешуданд, ҷамъ мегардиданд. Лекин Георг Мюллер ба ин тартиб розӣ нашуд.

Вақти зиёде нагузашта вай дар ҷамоат эълон кард, ки намехоҳад маоши мунтазам гирад. Бигзор дар девори ҷамоат сандуқчае овезон



карда шавад. Ҳар касе ки ӯро дастгирӣ кардан мехоҳад, ҳадияи худро дар он ҷо гузорад.

Аз он замон Георг Мюллер мувофиқи имон зиндагӣ карданро сар карда, ба зудӣ ҳамчун “марди имон” ном баровард. Дар ҳамон сол вай бо Мэрӣ Гравс оиладор шуд. Мэрӣ Гроус барои хизмати Худо ёрдамчии ҳақиқии ӯ гардид. Ӯ низ Худованд Исоро дӯст медошт ва мехост ҳар он кореро, ки Худо ба онҳо месупорад, ба ҷо орад.

Георг Мюллер дар охири соли аввали хизматаш дар ҷамоати Эбенет аз дӯстони худ 2800 марка гирифт. Агар ӯ маош мегирифт, аз ин хеле камтар мебуд.

***Ятимхонаи Мюллер***

Георг Мюллер Китоби Муқаддасро бисёр мехонд. Вай тахминан 200 маротиба Китоби Муқаддасро аз аввал то охир хондааст. Рӯзе дар вақти хондани Забур 67:6 вай ибораи “Падари ятимон”-ро вохӯрд. Инро хонда ӯ ба худ гуфт: “Худо Падари онҳост ва аз ин сабаб ваъда медиҳад, ки ба онҳо ғамхорӣ менамояд; Ман бояд ба Ӯ фақат хотиррасон кунам, ки кӯдакони бечора ба чӣ эҳтиёҷ доранд, ва Ӯ ба онҳо ёрӣ медиҳад”.

Георг Мюллер қарор дод, ки хонаеро ба иҷора мегираду барои ятимон сағирахона мекушояд.

Рӯзи кушодашавӣ ягон кӯдак ба он дохил нашуд. Баъд Георг фаҳмид, ки аз Худо чизҳои даркориро барои сағирахона хоҳиш карда

бошад ҳам, дуо накардааст, то ки Худо ба ӯ кӯдаконро фиристонад. Вай дуо карданро давом дод ва рӯзи дигар аввалин кӯдакон қабул карда шуданд. Пас аз як моҳ дар сағирахона аллакай 26 ятим буд.

Пас аз ҳафт моҳи кушодашавии сағирахонаи аввалин дуюмашро низ кушоданд, ки 30 нафар кӯдакро қабул намуд. Баъд аз як сол хона барои писарон кушода шуд. Акнун Георг Мюллер ва ҳамсари ӯ мебоист се ятимхонаро роҳбарӣ мекарданд, ки дар онҳо 96 нафар ятимон буданд. Дар давоми як сол Худо ягон бор онҳоро бе хӯрок намонд, ва боре ҳам нашуда буд, ки таҳти парастории Георг Мюллер хӯроки кӯдакон ним соат дертар дода шуда бошад.

Оҳиста-оҳиста ҳамсояҳо ба шикваю шикоят сар карданд, ки бачаҳо аз ҳад зиёд ғалоғула мекунанд. Ғайр аз ин Георг Мюллер чунин меҳисобид, ки хонаҳо ва майдончаҳои бозӣ, ки онҳо ба иҷора гирифтаанд, хеле хурд мебошанд. Аз ҳамин сабаб ӯ оиди нақшаи сохтани бинои хонаи нав фикр мекард. Дар назди бино боғи калон ба нақша гирифта шуда буд, то ки кӯдакон озодона бозӣ карда тавонанд. Полизи наздиҳавлигӣ низ ба нақша даровarda шуд, то ки дар хӯроки кӯдакон сабзавот низ бошад. Як меъмор, ки ҳамчунин дили худро ба Худованд Исо супурда буд, бепул хизмат карду кор зуд ба анҷом расид. Бинои нав 275 нафар кӯдаконро қабул кард.

Бо роҳбарии Георг Мюллер панҷ ятимхонаи калон сохта ба истифода дода шуд. Тамоми пулҳо ва ҳамаи ашёҳо барои сохтмони бино, ки барои дар муддати 35 сол амалӣ намудани ин меҳнат даркор буданд, аз он сабаб ворид мегаштанд, ки Георг Мюллер бо ҳамсараш, кӯдакон ва шахсони зиёде барои ин дуо мекарданд. Ва Худо ба ин дуоҳо ҷавоб медод.

6-уми феврали соли 1870 ҳамсари Георг Мюллер вафот кард. Дар муддати 40 сол вай ёрдамчии бовафои Георг буд. Ӯ пас аз як моҳи ба анҷом расидани охирин сохтмон вафот кард. Дар сари қабри ҳамсараш Георг Мюллер Забур 118:68-ро хонда дар мавзӯи “Ту некӯ ва накӯкор ҳастӣ” мавъиза кард.

### *Сафар ба мамлакатҳои гуногун*

Пас аз 16 моҳи марги хонум Мюллер, духтари ягонаи ӯ – Лидия Мюллер ба Ҷемс Райт ба шавҳар баромад. Вай бо Георг Мюллеру ҳамсараш дар ятимхонаҳо ҳамкорӣ мекард. Георг Мюллер акнун дар шахси Ҷемс Райт давомдиҳандаи кори худро пайдо кард. Акнун вай метавонист хизмати худро муддате тарк карда, ба сафар барояду ба корҳои миссионерӣ машғул шавад. Георг Мюллер 70-сола буд, ҳангоме ки бори аввал Англияро тарк карда, ба аввалин сафари миссионерии худ баромад. Дар давоми 17 сол вай дар ҷаҳон сафар карда, Исои Масеҳи зинда, эҳёшударо мавъиза менамуд.

Георг Мюллер дар рӯзи 90 солагиаш, дар ҷамоате ки 69 сол шубонӣ карда буд, мавъиза

намуд. Охирин мавъизаашро шоми якшанбе пеш аз маргаш гуфт: “Зеро медонем, ки вақте хонаи заминии мо, ин кулба хароб мешавад, мо аз Худо манзиле дар осмонҳо, хонаи бемислу бемонанд, абадӣ дорем”. Ин мавъизаи пеш аз маргро Рӯҳулқудс ба ӯ дода буд. Шаби дигар вай аз олам чашм пӯшид.

Одамон аз имони бузурги Георг Мюллер ҳайрон буданд. Сирри имони вай робитаи дохилӣ бо Худо буд. Георг вақти зиёди худро ба хондани Китоби Муқаддас ва дуо сарф мекард.

Вай ба зиёда аз 10 000 ятимон падар буд. Худо зиндагии ӯ ва ин кӯдаконро баракат дод.



## *Френсис Ҳавергал*

*Навозандае ки Исоро аз ҳама чиз зиёдтар дӯст медошт.*

Френсис Ҳавергал 14-уми декабри соли 1836 дар Эстлӣ, Англия, дар оилаи масеҳӣ ба дунё омадааст. Падари ӯ шубон ва шахси хеле маълумотнок буд. Илова ба ин, ӯ навозандаи хубу нависандаи як қатор сурудҳои ғайридинӣ ва масеҳӣ буд.

Френсис духтараки ғайриоддӣ буд. Ӯ дар синни сесолагӣ аллакай хонда метавонист. Бисёр вақт вай ғарқи хондан мешуду волидайнаш фикр мекарданд, ки дар ҳавлӣ бозӣ дорад.

Вақте ки “Фаннӣ”, чунон ки солҳои зиёд ӯро ҳамин тавр ном мебурданд, ба синни чорсолагӣ расид, Китоби Муқаддас ва бисёре аз китобҳои падару модарашро хонда метавонист.

Ҷаноб ва хонум Ҳавергал фаҳмиданд, ки духтари онҳо боистеъдод аст, зеро пас аз он ки вай чорсола шуд, ба зудӣ навиштанро омӯхт. Дар муддати кӯтоҳе забони франсавиро низ аз худ кард. Онҳо донистанд, ки ӯ ба мусиқӣ таваҷҷӯҳ дорад. Аз ҳама бештар падараш хурсанд шуд, зеро ҳамеша умед дошт, ки мусиқӣ ягон фарзандашро хушбахт мегардонад, чуноне ки ба ӯ хушбахтӣ овардааст.

Падари Френсис садҳо суруд навишта фурӯхта буд; аммо маблағи ба даст омадаро ба худ сарф намекард. Ҳамаи маблағи аз сурудҳо

ба даст омадаро ӯ барои кори Худо сарф мекард.

Чун дигарон Френсис бо кӯдакони ҳамсоя бозӣ мекард, лекин зуд-зуд суруд низ менавишт. Чун ба синни ҳаштсолагӣ расид, аллакай маҷмӯаи калони сурудҳои навиштаи худро дошт.

### *Мероси модар*

Ҷаноб ва хонум Ҳавергал одамони худотарс буданд. Дар оила вақти зиёдро ба дуо мегузарониданд. Ҳангоме ки Френсис ба синни ёздаҳсолагӣ расид, модараш сахт касал шуда, пас аз муддате вафот кард. Дар бистари марг хонум Ҳавергал духтари худро ба наздаш даъват кард. Модар аз ӯ хоҳиш кард, ки ҳамаи истедодҳои худро аз таҳти дил ба Худованд Исо тақдим намояд. Френсис дар оила фарзанди аз ҳама хурдӣ буд ва модараш дар бораи ояндаи вай ғам мехӯрд. Пеш аз марг модараш гуфт: “Дар хотир дор: ғайр аз хуни гаронбаҳои Исо ҳеҷ чиз наметавонад туро дар назди Худо пок гардонад ва барои ту шафоат кунад”. Ин суханонро Френсис то охири умраш дар хотир дошт.

Азбаски Френсис бисёр инкишофёфта буд, ба ӯ лозим набуд, ки бо кӯдакони дигар ба мактаб равад. Дар хона вай англисӣ, олмонӣ, франсавӣ, ибронии қадим, лотинӣ ва забони мардуми Уэлсро меомӯхт ва бо ин забонҳо китоб ва рисолаҳоро хонда метавонист. Дар синни 14-солагӣ ӯро ба мактаби духтарона



фиристоданд. Маҳз дар ҳамин вақт вай ба Исо рӯ оварда, Ӯро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул кард. Дар ҳаёташ аввалин бор Френсис покшавиро, ки модараш оиди он гуфта буд, ҳис кард.

«Калимаи “покшавӣ” ба ман дари умедро кушод, — мегуфт вай. — Ин маънои онро дорад, ки на танҳо барои пок шудан ба назди чашма равӣ, балки дар чашма бимонӣ, то ки беист пок шавӣ».

Акнун Френсис қарор дод, ки роҳбарии мактаби якшанбегиро дар ҷамоати падараш ба ӯҳдаи худ гирад. Ба 14-солагии худ нигоҳ накарда, вай муаллимаи хуб буд. Вай дар дафтарчаи махсус суроғаи ҳамаи талабаҳояшро менавишт ва дар бораи кӯдакон қайдҳои махсус мекард, бинобар ин агар онҳо мӯҳтоҷи ёрӣ мешуданд, ӯ метавонист ҳамеша ба онҳо ёрӣ диҳад.

### *Кӯчидан ба Олмон*

Ҳангоме ки Френсис ба синни 16 -солагӣ расид, падараш боз зан гирифт. Азбаски саломатии падараш хуб набуд, оилаашон ба Олмон кӯчид. Акнун Френсис ба мактаби олмонии духтарона мерафт. Ӯ ба зудӣ фаҳмид, ки толибаҳо дар бораи Худованд Исо чизе намедонанд. Ба ҷои он ки Френсис ноумед шавад, инро ҳамчун як даъват қабул кард. Вай қарор дод, ки дар ҳар ҳолат шаҳодатдиҳандаи ҳақиқии Худои худ бошад, то ки аз рӯи имконият духтаронро ба

назди Ӯ биёрад.

Ҷаноби Ҳавергал ба духтари худ забони юнониро меомӯзонд. Баъди муддате Френсис Инҷилро бо забони юнонӣ хонда метавонист. Дар баробари таҳсил ӯ суруд навиштанро низ давом медод.

Азбаски Френсис истеъдоди навозандагӣ дошт, вай худаш барои чанд сурудаш мусиқӣ навишт ва онҳоро ба навозандаи машҳур Фердинанд Ҳиллер нишон дод. Мазмуни шеър ва мусиқӣ ба Ҳиллер таассуроти амиқ гузошт ва ӯ аз Френсис пурсид, ки оё ӯ мехоҳад ба таври ҷиддӣ бо мусиқӣ машғул шавад, то навиштани асарҳои мусиқии ҳақиқатан хубро омӯзад. Вай розӣ шуд.

### *Френсис овозашро гум мекунад*

Чун Френсис овози хуби сарояндагӣ дошт, ба ӯ пешниҳод карданд, ки дар филармония сароянда шавад. Ин пешниҳод барои ӯ тамоман наву ҳаяҷоновар ва аз он чи то ин вақт машғул мешуд, хеле шавқовартар буд. Аммо пас аз андешаҳои зиёд фикре ба сараш омад, ки аз барои ин шуда вай метавонад Худоро фаромӯш кунад. Вай нақл мекард: "Ба ман як қувваи наву ногаҳонӣ дода шуда буд. Ман бо он чунон хурсанд будам, ки ҳама чизҳои дигар аҳамияти худро гум карданд. Баъд ман дуо кардам, ки агар овози ман бароям садди роҳ мегашта бошад, бигзор Худо ин истеъдодро аз ман гирад".

Ин дуоро Худо шунид. Вай ногаҳон касал шуд ва овозашро гум кард. Баъд аз сиҳат шуданаш Френсис бо гурӯҳҳои гуногун кор кард. Вай мусиқӣ дарс медоду ҳам меомӯхт, суруд менавишт ва оҳанг мебаст. Ин атое аз тарафи Худо буд ва ӯ онро сарфи назар карда наметавонист.

### *Сурудҳое ки машҳур шуданд*

Яке аз машҳуртарин сурудҳое ки Френсис Ҳавергал ба мо тӯҳфа кардааст, суруди "Худоё, зиндагиро гир: ҳамааш ба Ту бахшида шудааст" мебошад. Ин сурудро вай дар вазъияти тамоман ғайриоддӣ навиштааст. Рӯзе, ҳангоме ки ӯ дар меҳмонии дӯстонаш буд, дар он ҷо даҳ нафар ҳузур доштанд, ки аксари онҳо масеҳӣ набуданд. Бисёре аз онҳо дӯстон ва наздиконе доштанд, ки ба Исо имон доштанду барои онҳо дуо мекарданд. Дар байни онҳо якчанд масеҳиён низ буданд, ки чуноне ки ба назар мерасид, аз наҷоти худ на он қадар хурсанд буданд. Бо ин андешаҳо Френсис барои он даҳ нафар дуо кард: "Худоё, ҳамаи касонеро, ки дар ин хона ҳастанд, ба ман тӯҳфа кун!"

Френсис панҷ рӯз дар ин хона меҳмон шуд. Пеш аз рафтанаш Худо ба дуои ӯ ҷавоб дод. Ҳамаи ин одамон ба Исо рӯ оварда, хоҳиш доштанд аз пайи Ӯ раванд. Ва онҳое ки наҷот ёфта буданд, вале пеш аз ин хушбахтии наҷотро ҳис накарда буданд, зиндагии худро пурра ба Худо супориданд ва аз Ӯ хоҳиш намуданд, ки онҳоро барои ҷалоли Худ истифода барад. Он

гоҳ Френсис чунин шеър навишт:

“Худоё, зиндагиро гир: ҳамааш ба Ту бахшида шудааст.

Рӯзҳоро гир, бигзор ҳар соат Ту садои ҳамдро шунавӣ.

Дастҳоро гир, онҳоро ман ба сӯи Ту барои дуо мебардорам.

Пойҳоро гир, онҳо бояд бо роҳҳои Ту раванд.

Овозро гир, то ки он Туро сарояд, Подшоҳи ман, Худои ман! Бигзор лабонам арзандаи хушхабари Ту бошанд.

Тилло ва нуқра, ҳамаи сарвати маро гир. Ақламро роҳнамоӣ кун, то ки фармудаҳои Туро риоя карда тавонад.

Иродаро гир, он бояд иродаи Ту бошад.

Дилро гир, дар он минбари шоҳонаи Худро соз”.

Дигар суруди шинохтаи Френсис ин аст: “Ҷони худро Ӯ барои ту фидо кард”. Ин сурудро вай дар Олмон навиштааст. Боре вай шеъри дар девор навишташударо дид: “Ман барои ту ҷони худро фидо кардам”. Вай дар бораи ин суханон андеша карда, зуд дар сиёҳнавис шеър навишт. Вақте ки онро хонд, ба ӯ маъқул нашуд. Байтҳо ба ӯ ягон таассурот набахшиданд, аз ин сабаб вай коғазро ғиҷим карда, ба оташ партофт.

Лекин Худо ба ҳимояи ин суханон бархост. Худо мехост, ки ин байт барои ҳамди номи Ӯ истифода шавад. Аз ин сабаб Ӯ нагузошт, ки порчаи коғаз сӯзад, ҳол он ки он аз оташ дур набуд. Аз чашми Френсис ин пӯшида



намонд ва ӯ фаҳмид, ки Худо барои ин байт ягон пешбинии махсус дорад. Аз ин сабаб вай онро дубора аз оташ гирифт. Баъд аз чанд моҳ вай сурудро ба падараш нишон дод. Падараш калимаҳоро бо диққат хонда, фармуд, ки онро нигоҳ дорад, зеро он метавонист ба Худо хизмат кунад. Дертар ин шеър ба оҳанг дароварда шуд. Дар Англия ва Амрико ин сурудро кӯдакон дар мактаби якшанбегӣ месароянд.

### *Аз падар омӯхт*

Бисёр чизро Френсис аз падараш омӯхт. Яке аз муҳимтарин дарсҳои ибрат, ки вай дар ёд дошт, пули худро ба Худо додан буд. Ҷаноби Ҳавергал бисёр суруд эҷод мекард ва онҳоро мефурӯхт ва маблағи ба даст омадаро ба Худо медод. Френсис инро аз ӯ омӯхт. Маблағи аз фурӯши шеърҳо ба даст омадаро вай ба ихтиёри Худо вогузор мекард. Френсис на танҳо шеъру суруд менавишт, на танҳо меомӯхт ва навохтанро меомӯзонд, балки ба гурӯҳи сароянддагон роҳбарӣ низ мекард.

### *Охирин солҳои зиндагиаш*

Соли 1873 Френсис сахт касал шуд. Аз ин сабаб вай ба Швейтсария рафт, то ки дар он ҷо табобат шавад. Ҳангоми ба хона баргаштанаш ӯ мактубҳои зиёдеро, ки дар набудани ӯ фиристода буданд, дида, ба ҳайрат афтод. Онҳоро аз ҳар тараф фиристода буданд, асосан шахсоне ки вай онҳоро намешинохт.

Одамон менавиштанд, ки сурудҳои вай ба онҳо хушбахтӣ ва оромӣ мебахшанд, асосан дар вақти ғаму андӯҳ ё ҳангоме ки дар хона касе вафот мекунад.

Баъзан аз Френсис Ҳавергал мепурсиданд, ки ӯ чӣ гуна ин хел сурудҳои зеборо менависад. Он гоҳ ӯ ҷавоб медод, ки наметавонад ҳар вақте ки мехоҳад, шинаду эҷод кунад. Фикрҳо ва калимаҳо аз Худованд Исо меояд, ва ӯ бояд фақат интизори илҳом шавад.

Чун хизмати Френсис Ҳавергал ба анҷом расид, ҳангоме ки охирин шеър ва охирин сурудашро навишта шуд ва охирин бор гурӯҳи сарояндагонро роҳбарӣ кард, Худованд Исо ӯро назди Худ гирифт. Ин 3-юми июни соли 1879 буд. Вай ҳамагӣ 42-сола буд. Вай аз худ як қатор шеърҳо ва сурудҳои олидараҷа боқӣ гузоштааст, дар байни онҳо суруди дар Олмон машҳури ӯ “Мисли селоб аз осмон муҳаббати Худо ба замин ҷорӣ мешавад” мебошад.



## *Айра Д. Санкӣ*

*Овоз барои Худо*

Дар номаи дуюм ба Тимотиюс 3:15 мо мехонем: “Ва аз кӯдакиат Навиштаҳои Муқаддасро медонӣ...” Айра Дэвид Санкӣ аз кӯдакӣ Навиштаҳои Муқаддасро медонист; вай онҳоро дар кӯдакиаш аз волидонаш, ки зуд-зуд сурудҳои рӯҳонӣ месароиданд, омӯхта буд.

Дар рӯзҳои сарди зимистон волидон бо фарзандонашон — онҳо нӯҳ нафар буданд — дар атрофи оташдон нишаста, сурудҳои қадимаи рӯҳониро месароиданд. Дэвид, ки ӯро ҳамин хел ном мебурданд, шунидани сурудҳоро дӯст медошт. Ҳангоме ки ӯ ҳаштсола шуд, аллакай аз ҷиҳати мусиқидонӣ хеле пеш рафта буд, ва бисёр сурудҳои қадимиро сароида метавонист.

Ҳангоме ки ӯ ба синни 17-солагӣ расид, падараш президенти банк таъин шуд. Дэвид ба мактаби олӣ дохил шуда, имконият ёфт маълумоти хуб гирад, ки ин ба ҳамаи ҳамсолони ӯ дастрас набуд.

Андак пеш аз дохил шуданаш ба мактаби олӣ Дэвид Худованд Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул кард. Акнун вай аз тахти дил бо ҷамоати худ ҳамкорӣ мекард. Вай роҳбари гурӯҳи сароядагон буда, якканавозӣ ҳам мекард ва низ роҳбари мактаби якшанбегӣ буд. Вай ба ҳама дарсҳо ҷиддӣ тайёрӣ медид, то ки агар саволе пайдо шавад, ҷавоби дуруст дода тавонад.

### *Аввалин қадамҳо ҳамчун сароянда-хушхабаррасон*

Дар синни бистсолагӣ Айра Д. Санкӣ ба сафи артиш дохил шуд. Дар он ҷо ғайр аз дигар корҳо, дар парастишҳо суруд мехонд ва зуд-зуд ба рӯҳониён ёрӣ медод. Бисёр вақт бегоҳиҳо сарбозон давра нишаста, сурудҳои башоратии ӯро мешуниданд. Соли 1863 Айра Санкӣ бо як духтари ҷавон, ки дар гурӯҳи сароянадагони ҷамоати вай суруд мехонд, издивоҷ кард. Худо ба ӯ се писари солим ато кард.

Дэвид бо Ҷамъияти амрикоии ҷавонони масеҳӣ ҳамкорӣ мекард. Бо ин восита ӯ метавонист дар бисёр ҷамоатҳо, конфронсҳо, анҷуманҳо ва ҷамъомадҳои сиёсӣ суруд хонад. Ӯ ҳамеша сурудҳои башоратӣ мехонд ва ҳеҷ гоҳ барои баромадҳояш музд намегирифт.

Боре ӯ дар кори Ҷамъияти ҷавонони масеҳӣ дар Индианаполис иштирок дошт. Ӯ медонист, ки дар яке аз ҷамъомадҳои дуо Мудӣ мавъиза мекунад. Аз ин сабаб вай ба он ҷо рафт. Дар вақти парастиш Дэвид суруди машҳур "Хуни муқаддас чун ҷӯй ҷорист..."-ро хонд. Ба ӯ Мудӣ мароқ зоҳир намуд ва дар охири парастиш наздаш омада пурсид, ки ӯ кӣ шуда кор мекунад. Санкӣ ҷавоб дод, ки ӯ корманди давлатӣ аст. Он гоҳ Мудӣ ҷавоб дод: "Шумо бояд ин корро тарк намоед. Ман аллакай ҳашт сол инҷониб шахсеро ба мисли шумо мекобам".



### *Ҳамкорӣ бо Мудӣ*

Айра Д. Санкӣ дар аввал дилпур набуд, ки бояд корро партояд. Он гоҳ Мудӣ дар чорроҳае воҳӯрӣ таъин кард. Ҳангоме ки Санкӣ ба он ҷо омад, Мудӣ дар назди ӯ қуттиеро монд ва талаб кард, ки ба болои он баромада, ба сурудхонӣ сар кунад. Санкӣ итоат кард; дере нагузашта одамони зиёде ҷамъ шуданд. Он гоҳ Мудӣ ба мавъиза кардан сар кард. Одамон зиёд мешуданд, Мудӣ аз онҳо хоҳиш намуд, ки назди бинои Опера биёянд ва дар он ҷо ҷамоат давом дода мешавад. Дар муддати якчанд дақиқа бинои калони Опера пур аз одам шуд. Он гоҳ Санкӣ қарор дод, ки аз кори ҳукуматиаш даст кашида, дар ҷамъомадҳои башоратӣ ҳамсафари Мудӣ шавад.

Дар Чикаго онҳо ба хабаргирии беморон мерафтанд, соатҳои дуо ташкил мекарданд, ва шабҳо ҷамъомадҳои умумӣ мегузарониданд.

8-уми октябри соли 1871 шоми якшанбе Санкӣ ва Мудӣ ҷамъомад мегузарониданд. Ногаҳон бонги мошинҳои сӯхторхомӯшкунӣ шунида шуд. Сӯхтори бениҳоят сахт маҳаллаҳои томи Чикагоро фаро гирифт. Ҳамон замон ҷамъомад қатъ карда шуд; одамон ба тарафи хонаҳояшон ва ҷойҳои аз оташ дур медавиданд.

Мудӣ ва Санкӣ ҳамдигарро гум карданд. Санкӣ тамоми шабро дар қаиқ дар кӯли Мичиган гузаронд. Аз он ҷо вай вайрон шудани шаҳри калонро мушоҳида менамуд. Пеш аз он

ки вай бо Муди̅ боз вохӯрад, ду моҳ гузашт. Он вақт онҳо ҷамъомадҳоро дар Чикаго аз нав сар карданд. Ин дафъа онҳо ҷои хоби ҳамешаги̅ ёфта натавонистанд. Онҳо дар ибодатхонаи хурди католики̅ хоб карданд, ки дар он ҷо шамоли хунук мевазид ва гоҳо бод ҳатто барфро меовард.

Яке аз дӯстони Санки̅ — навозанда — вазифаи хубу сердаромадро пешниҳод намуд, агар ӯ рози̅ шавад, ки бо вай дар консертҳо суруд хонад. Барои Санки̅ ин пешниҳоди ҷолиб буд, аммо азбаски ӯ масеҳие буд, ки ҳаёти худро пурра ба Худованд Исои Масеҳ супорида буд, намехост ба ин кор даст занад. Зиндагии вай ба Худо тааллуқ дошт; аз ин сабаб ӯ қарор дод бо Муди̅ корро давом диҳад ва бо сурудҳояш хушхабарро паҳн намояд.

Агарчи мардҳо аз ҳамдигар фарқ доштанд, Худо хизмати онҳоро истифода мебурд. Баъзан мавъизаҳои Муди̅ одамонро метарсонд, такон медод; сурудҳои Санки̅, баръакс, онҳоро ором менамуданд.

Санки̅ ҳамроҳи Муди̅ ба Аврупо сафар мекард, дар он ҷо бисёр одамон ба ҷамъомадҳо омада, ба Исо имон оварданд. Ҳангоме ки як ҷамъомади башоратиро мегузарониданд, аллакай ба дигараш даъватнома мегирифтанд. Ҳамин тавр Муди̅ ва Санки̅ аз як кишвар ба дигараш рафта, яке мавъиза мекарду дигаре суруд мехонд. Аксаран онҳо хеле кам истироҳат мекарданд, аммо онҳо ба ин тоб



оварданд, чунки дар ҳаёти худ Худоро ба ҷои аввал гузошта буданд ва мехостанд одамонро назди Худованд Исо биёранд.

Дар вақти баромади Санки̅ баъзан одамон гиря мекарданд. Баъзан онҳо хурсанд ва сипосгузор мешуданд. Лекин дар айни ҳол онҳо ҳамеша баракат ба даст меоварданд. Рӯзе як шунаванда чунин изҳори ақида намуд: “Ин боварибахштарин мавъизае буд, ки ман ягон вақт шунида будам”.

Айра Д. Санки̅ — сароянда-мавъизачи̅, дорандаи овози тозаю зебо, 13-уми августи соли 1908 назди Худои худ рафт.

## *Мартин Лютер*

*Ислоҳотчии ҷамоатҳо*

Мартин Лютер 10-уми ноябри соли 1483 дар Айслебен, Саксония, таваллуд шудааст. Ӯ дар оилаи Ҳанс ва Маргарет Лютер фарзанди аввалин буд. Рӯзи дигар ӯро ғӯтаи таъмид доданд. Азбаски он рӯз рӯзи Мартини муқаддас буд, ба бача ҳамин номро доданд.

Оилаи Лютерҳо бисёр камбағал буд. Ба падару модар лозим меомад кори вазнин кунанд, то кӯдаконро хӯронанду пӯшонанд, ва аз ин сабаб барои маълумоти хуб додан имконият надоштанд. Мартини хурдакак боз шаш бародару хоҳар дошт.

### *Мактаббачаҳо дар бенавоии азим*

Мартин аз панҷсолагӣ ба мактаби лотинӣ, ки дар Мансфелд буд рафт ва дар он ҷо то 13-солагӣ таҳсил намуд. Дар баробари хондан ва навиштан вай дар он ҷо лотиниро низ омӯхт. Дар чордаҳсолагиаш ба мактаби дигари шаҳри ҳамсояи Магдебург рафт. Азбаски падару модараш ба ӯ ёрии моддӣ расонда наметавонистанд, ӯро лозим меомад соли аввал суруд хонда садақа пурсад.

Ҷои зисти навбатии ӯ шаҳри Айзенах буд. Мартин дар ин ҷо низ маҷбур шуд дар аввал садақа пурсад, то даме ки хонуми солхӯрда Урзула Коттаи осудаҳол ӯро дар хонаи худ қабул намуда, сарпаноҳ дод. Мартин диққати ӯро ҳангоми бо дигарон дар кӯча сурудхонон садақа пурсиданаш ба худ ҷалб кард. Дар хонаи ӯ Мартин то ба анҷом расонидани таҳсилаш чор сол зиндагӣ кард. Ӯ дар он ҷо навохтани най ва арфаро омӯхт. Вай зуд-зуд ба навохтани ин асбобҳо машғул мегашт, асбобҳо аз они хонум Котта буданд ва ӯ худ дӯстдори мусиқӣ буд.

Урзула Котта Мартини ҷавонро чун писари худаш дӯст медошт ва ба ӯ бисёр некиҳо мекард.

Ҳангоме ки Мартин 18-сола шуд, шароити молии падараш хубтар гашт ва вай хост ба писараш имкони илмомӯзиро диҳад. Бо ин мақсад вай Мартинро ба Донишгоҳи шаҳри Эрфурт фиристод. Ҷавон бояд худро ба омӯзиши ҳуқуқ ва адлия бахшида, ҳуқуқшинос мешуд.

### *Солҳои хониш*

Мартин ҷавони самимӣ, шӯх ва хушгуфтор буд. Махсусан донистани санъати мусиқӣ ва навохта тавонистани асбобҳо ӯро дар байни донишҷӯён машҳур гардонид.

Мартин имтиҳонҳоро яке аз паси дигар месупорид. Дар соли 1502 вай бакалавр шуд, дар соли 1505 бошад магистр шуда, дар байни 17 донишҷӯ ҷойи дувумро ишғол намуд.

Ҳангоме ки дар китобхонаи донишгоҳ вай Китоби Муқаддасро ба даст гирифт, ин дар ҳаёти ӯ як воқеаи муҳим шуд. Мартин ин китобро бо майли зиёд мехонд. Ӯ мувофиқи хости падараш омӯзиши ҳуқуқшиносиро

давом дода, дар айни замон вақти зиёдеро бо омӯхтани Навиштаҳои Муқаддас мегузаронд. Мартин аз дилу ҷон ҳақиқати Худоро меҷуст.

Дар хона Лютерҳо ҳамеша сахтгир буданд. Волидон фарзандонашонро дар рӯҳияи худотарсӣ тарбия карда буданд. Онҳо аз кӯдакиашон эътирофи имон, даҳ фармуда, дуои "Эй Падари мо" ва якчанд сурудҳои гурӯҳии масеҳиро медонистанд. Дар он замон таълимоте ҳукмронӣ мекард, ки шахс метавонад худаш гуноҳҳои худро кафорат намояд — ё бо роҳи тавба, ё бо корҳои нек. Азбаски қуввати худи одам намерасад, аз осмон муқаддасон ва Марям — модари Исоро, бояд даъват кард, то онҳо аз Исо ҳоҳиш намоянд, ки ба гуноҳкорон раҳм намояд.

## *Дар дайр**

Андаке пеш аз хатми Донишгоҳ дар ҳаёти Мартин Лютер ногаҳон дигаргунӣ ба амал омад. Марги яке аз дӯстонаш ӯро сахт ғамгин намуд. Баъд аз ин дар саҳрои кушод ӯ ба боду борони сахт рӯ ба рӯ шуд, ки ҳангоми он боз як дӯсташро барқ зада кушт. Ӯ дар андӯҳ аз тарси марговар нидо мекард: "Аннаи Муқаддас, ёри деҳ! Ман мехоҳам роҳиб** шавам!" Аммо дертар вай аз ин суханони худ пушаймон шуд, лекин ҳис мекард, ки ба аҳди худ вобаста аст. Баъд аз

* монастир, ҷое ки дар он роҳибон аз дунё ҷудо зиндагӣ ва фаъолият мекунанд.

** шахсе ки дар дайр зиста, бо хизмати Худо машғул мешавад.



ин воқеа вай дар Эрфурт ба дайри августинҳо дохил шуда, номи Августинро гирифт. Вай қарори худро дигаргун карданӣ набуд. Ба ҳар ҳол дӯстонаш ду рӯз ӯро дар назди дарвозаи дайр интизор шуданд, бо умеди он ки вай аз фикри худ мегардад. Падараш, ки хоҳиш дошт писарашро ҳуқуқшинос бубинад, ин қарори Мартинро сахт маҳкум намуд.

Лютер аҳди сегонаи худро, ки ҳангоми дохил шудан ба дайр дода буд — дар камбағалӣ, покдоманӣ ва итоаткорӣ зистанро — чунон қатъӣ риоя мекард, ки рафта садақа пурсидан барои ӯ душворӣ надошт. Ҳангоме ки профессорҳо ва донишҷӯён инро диданд, бар зидди ин дараҷа худро паст задани чунин донишҷӯйи маъруф ва магистри машҳур эътироз баён карданд. Онҳо ба он муваффақ шуданд, ки на дар шаҳр, балки танҳо дар деҳаҳо садақа пурсидани Лютер иҷозат дода шуд.

Соли 1507 Лютер ба мартабаи коҳинӣ расид ва барои таҳсили илм ҳуҷраи шахсӣ гирифт. Дар байни тӯҳфаҳое ки ҳангоми ҷашн гирифтани аввалин ибодати католикии гузаронидааш ба ӯ тақдим шуда буданд, Китоби Муқаддаси муқовааш сурх низ буд. Вай онро бо шавқ меомӯхт, зеро ҳоло ҳам дар ҷустуҷӯйи ҳақиқат буд. Баъзан вай чанд рӯз рӯза гирифта, умедвор буд, ки бо ин роҳ дили худро ором мекунад. Аммо ҳамааш бефоида буд.

### *Сафар ба Рум*

Тадқиқот ва омӯзиши Навиштаҳо Лютерро ба хулосае оварданд, ки дар ҷамоатҳои мавҷуда бисёр чизҳо нодурустанд. Ҳамроҳи як роҳиб вай бо корҳои фирқаи худ ба "шаҳри ҷовидона", яъне Рум, равона шуд. Пиёда роҳро дар шаш ҳафта тай намуда, вай ба мақсади худ расидан баробар ба замин афтоду дастонашро бардошт ва гуфт: "Дуруд ба ту, Руми муқаддас!" Ин шаҳрро вай аз ростӣ "шаҳри муқаддас" ва бегуноҳ меҳисобид.

Аммо аллакай дар худи аввал вай як чизи бисёр бадро дида, ғамгин шуд ва тарсид. Лекин ба ҳар ҳол ба ҳамаи ҷойҳое ки барои зиёраткунанадагон муқаррар шуда буданд, рафт. Дар байни чизҳои дигар вай ба зинапояи Пилотус, "Scala Sancta" (зинапояи муқаддас), боло баромад, то бо ин восита гуноҳҳои худро кафорат намояд.

Бо зону ба зинапоя боло баромада, вай овозеро шунид: "Одил бо имон хоҳад зист".

Дертар ин ҳақиқат таълимоти асосии ислоҳот гардид — таълимот дар бораи сафед шудан танҳо бо воситаи имон.

Дертар Лютер дар бораи шаҳри Рум гуфта буд: "Рум фоҳишаи ҳақиқӣ аст. Бехудоӣ ва беҳаёии Рум чунон бузург аст, ки на аз Худо метарсад, на аз одамон, на аз гуноҳ, на аз шармандагӣ. Ҳамаи одамони бовиҷдоне ки ба Рум сафар кардаанд, инро тасдиқ мекунанд. Ҳамаи нобакорон аз пештара бадтар шуда, аз



он ҷо бармегарданд".

Худо чашмони Мартин Лютерро ба ҳақиқат боз кард. Вазъияти корро дар рӯшноии ҳақиқат дида, вай немехост ақибнишинӣ кунад ё интизор шавад, ки бародарони ӯ дар дайр бо кадом роҳ мераванд, балки ҷасурона ба роҳи худ бо Масеҳ пеш мерафт.

### *Китобхониҳо дар Виттенберг*

Вай ба Виттенберг баргашта, боз китобхонии худро давом дод. Дар дили вай калимаҳои Китоби Муқаддас ҷӯш мезаданд: "Одил бо имон хоҳад зист". Вай декани факултаи теология ва баъд — доктори илоҳиётшиносӣ шуд. Дар аввал вай аз қабул намудани ин дараҷаи академикӣ худдорӣ мекард, аммо дертар аз ин миннатдор буд, зеро ин ба ӯ ҳуқуқ медод, ки Китоби Муқаддасро ҳамон тавре ки ӯ дуруст меҳисобад, баён намояд.

Вай бо ҷидду ҷаҳди нав ба кори педагогии худ рӯ овард. Шунавандагони вай боз ҳам зиёдтар мешуданд. Дар ин ҷо онҳо Каломи Худоро бо тафсири тамоман нав ва ғайримуқаррарӣ мешуниданд. Илова бар ин Лютер бо забони оммавию фаҳмо гап мезад.

Мартин Лютер аз он наметарсид, ки таълимоти калисоро зери шубҳа мегузорад, зеро медид, ки он ба Каломи Худо мухолифат дорад. Ба зудӣ вай ба роҳибон дар калисои хурди католикӣ мавъиза мекард. Ин аввали ислоҳот буд.

### *Ниҳоят сулҳ бо Худо!*

Бо омӯзиши ҷойҳо аз Навиштаҳо дар бараи росткории Худо Лютер фаҳмид, ки наҷоти ҷон ва сулҳ бо Худо танҳо ба воситаи имон ба Исои Масеҳ дастрас мешавад. Вай ғуломи калисои католикӣ ва папа буданро бас карда, дар Исои Масеҳ одами нав шуд. Рӯз то рӯз Китоби Муқаддас барои ӯ гаронбаҳотар мешуд. Китоби Муқаддас асоси мавъиза ва таълимоти ӯ шуд. Дар бораи Навиштаҷоти Муқаддас вай чунин мегуфт: "Чунон ки чаманзор барои ҳайвонот, хона барои одамизод, лона барои паррандагон, харсанг барои оҳувон, об барои моҳиён аст — Китоби Муқаддас барои ҷони имондор ҳамин тавр аст".

Дар он вақте ки Лютер ба воситаи имон таваллуди нав ва аҷоиби худро аз сар мегузаронд, коҳинони дигар аз фурӯхтани индулгенсия (хати кафорати гуноҳҳо) бой мешуданд. Мегуфтанд, ки мавъизачиёни индулгенсия Тесел ва пайравони ӯ дар ҷамъомадҳои худ дод зада мегӯнд: "Ҳамин ки танга ҷарангос зада ба қуттӣ меғалтад, ҷон аз аъроф ҷаста мебарояд".

### *Тезисҳои машҳур*

Лютер аллакай хомӯш истода наметавонист. Вай фаҳмид, ки одамизод танҳо бо имон метавонад наҷот ёбад, ва акнун ӯ дар мавъизаҳои худ кушоду равшан бо танқиди индулгенсия баромад мекард. Бисёре аз шунавандагон ба ҳайрат афтоданд, дигарон — ба хашм омаданд ва боз баъзеи дигар — сахт эътироз намуданд. Баъд аз ҳашт моҳ, 31-уми октябри соли 1517 Лютер дар дари Шлосскирхе дар Виттенберг "наваду панҷ тезис"-и машҳури худро овезон кард. Дар он ҷо сухан дар бораи як қатор далелҳои вобаста ба бадкирдориҳо бо индулгенсия мерафт. Ӯ ба ҳамин восита ҳарифонро ба мубоҳиса даъват мекард. Вай мавъиза мекард, ки наҷот ба воситаи имон аст. Агар ин ҳамин тавр бошад, пас омурзиши гуноҳҳо аз тарафи одам дигар нақши асосӣ бозида наметавонад. Дар шакли ҷамъбаст дар тезисҳо чунин гуфта мешуд: омурзиши гуноҳҳо ба воситаи тавба ва имон ба наҷот, ки Исои Масеҳ дар салиб ба амал овард, ба ҷо оварда мешавад. Пардохтани пул барои омурзиши гуноҳҳо ҷонро аз ҷазои гуноҳҳо озод карда наметавонад. Эълон кардани тезисҳо ҳақиқатан аввалин падидаи ислоҳот ба шумор мерафт.

Фикрҳои асосии ислоҳот инҳо буданд: 1. Китоби Муқаддас дар ҳаёти шахси масеҳӣ сарчашмаи асосии боэътибор аст. 2. Барои масеҳӣ шудан маблағ, корҳои нек ё ба ин монанд чизе талаб карда намешавад, танҳо имон талаб карда мешавад. 3. Ҳамаи имондорон коҳинон мебошанд, на танҳо илоҳиётшиносоне ки аз тарафи ҷамоат барои ин кор таъин шудаанд.

### *Дар оташ сӯзонда шудан таҳдид мекунад*

Баъди чоп кардани тезисҳо Лютер ба хулосае омад, ки бисёре аз католикҳо бо ӯ ҳамфикр

ҳастанд, лекин аз тарс хомӯш мондаанд. Акнун ба Лютер хатари дар оташ сӯзонда шудан таҳдид мекард, зеро ӯ ҷасурона “ба бахшидани гуноҳҳо салоҳият доштани папаро зери шубҳа гузошт”. Мегӯянд, ки усқуфи Бранденбург рӯзе чӯбро ба оташ партофта, гуфт: “То даме ки Мартин Лютерро ба мисли ин чӯб дар оташ напартоям, ором намешавам”.

Вақте ба папа маълум гашт, ки Мартин Лютер на як олмонии майзада, балки роҳиб ва профессори Донишгоҳ аст, талаб кард, ки дар муддати 60 рӯз ӯ барои пурсуков ба назди ӯ ба Рум ҳозир шавад. Дӯстони Мартин ӯро дастгирӣ намуда, хоҳиш карданд, ки бигзор пурсуков на дар Рум, балки дар Олмон баргузор гардад ва ваъда доданд, ки хароҷоти калони вобаста ба онро ба ӯҳдаи худ мегиранд. Бо розигии папа пурсиш дар Аугсбург баргузор гардид.

Аммо, дар пурсукови назди саркоҳини кишвар Лютер аз таълимоти худ даст накашид. Ӯ изҳор намуд, ки танҳо дар он маврид чунин карда метавонад, ки онҳо дар ягон масъала хато кардани ӯро исбот кунанд.

Саркоҳини кишвар дар талаби худ беҳуда истодагарӣ мекард. Баъд аз вохӯриҳои зиёди бебарор дар охир Лютерро бо амрномае раҳо карданд, ки агар аз таълимоти худ рӯ нагардонад, ба ҳеҷ ваҷҳ дар назари папа нанамояд.



### *Натиҷаи таъсири навиштаҳои Мартин Лютер*

Навиштаҳои Мартин Лютер боз ҳам зиёдтар паҳн мешуданд. Суханондар вақти таълиф кардан гӯё ба осонӣ аз зери қалами ӯ мебаромаданд; боре вай гуфт, ки ба ӯ чунин менамояд, ки онҳо худашон навишта мешаванд. Мо медонем, ки вай онҳоро бо роҳбарии Рӯҳулқудс менавишт. Аз ин сабаб онҳо чунин таъсир доштанд. Соли 1520 вай якчанд ҳуҷҷатро навишт, ки аз онҳо аниқ маълум мешуд, ки ӯ муносибатҳояшро аз ҷамоати католикӣ меканад. Агар таъсири онҳоро ба назар гирем, онҳо як ҳуҷҷати дорои аҳамияти таърихӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар мавъизаҳо ва асарҳои худ Лютер аниқ тасдиқ мекунад, ки папа соҳиби обрӯю эътибори хосса набуда, ба шумори онҳое ки хато намекунанд, намедарояд. Вай инчунин пинҳон намекунад, ки нури ҳақиқӣ — Исои Масеҳи Худовандро ёфт ва муносибатҳояшро аз ҷамоати Рум канд. Ӯ заррае ҳам аз ақидаи худ нагашт.

Дар натиҷа бисёре аз роҳибони дайр, ки Лютер дар он ҷо таълим медод, онро тарк карда, ба зиндагии муқаррарӣ баргаштанд ва бо тамоми ҷидду ҷаҳд вақт ва қуввати худро ба Худованд Исо бахшиданд. Дигар дайрҳо низ аз онҳо ибрат гирифтанд. Ба зудӣ бисёр дайрҳои занона низ холӣ шуданд, зеро бисёре аз роҳибагон аз фирқаи худ баромаданд.

Гоҳ-гоҳ ба Лютер лозим меомад, ки дар назди

роҳбарони калисо биистад, зеро онҳо мехостанд донанд, ки ӯ аз ақидаи “бидъаткорона”-и худ гаштааст ё не. Лютер ҳар дафъа дар бораи имони худ ба Исои Масеҳ ҳамчун ягона Наҷотдиҳанда ва Худованди худ аниқ шаҳодат медод.

### *Истиқомати маҷбурӣ дар Вартбург*

Рӯзе ба фойтуне ки Лютер азми сафар дошт, саворагони силоҳбадаст ҳуҷум карданд. Сари ӯро бо бороние пӯшониданд, то дида натавонад, ки ӯро ба куҷо мебаранд.

Маълум шуд, ки ин ҳуҷум аз тарафи дӯстонаш барои аз марг раҳонидани ӯ амалӣ шуда буд. Онҳо ӯро дар Вартбург, наздикии Айзенах пинҳон карданд. Танҳо раиси қалъа медонист, ки меҳмони нав кист. Дигар сокинон ӯро мулкдор меҳисобиданд, чунки вай ба мулкдор монанд сару либос мепӯшид. Ҷаҳони берун бояд фикр мекард, ки ӯ ҳалок шудааст.

Ин ҳабси хонагӣ бешубҳа дар нақшаи Худо буд, зеро дар ин ҷо “Мулкдор Йорг”, пештара Мартин Лютер, вақти зиёди худро барои андешидану таълиф намудан мегузаронд. Вай на танҳо забони олмонӣ, балки лотинӣ, юнонӣ ва ибрии қадимиро низ бисёр хуб медонист. Дар давоми камтар аз се моҳ вай тамоми Инҷилро ба забони олмонӣ баргардонд, ки зуд нашр шуда, дар байни мардум паҳн гардид. Баъд Лютер ба тарҷумаи Аҳди Қадим сар кард. Аммо танҳо баъди баргаштан ба Виттенберг имкон ёфт, ки тамоми Китоби Муқаддасро бо забони олмонӣ



ба чоп расонад.

Лютер дар Вартбург қариб як сол монд ва дар охир ба Виттенберг баргашт, ки дар он ҷо ба ӯ хеле эҳтиёҷ доштанд. Вай дар он ҷо зуд масъулиятро ба ӯҳда гирифт – мавъиза мекард, таълим медод ва далелҳои худро аз рӯи Навиштаҷоти Муқаддас асоснок менамуд.

### *Лютер оила бунёд мекунад*

Мушкилии асосӣ мумкин набудани зиндагии оилавӣ барои роҳибон ва коҳинон буд. Оҳиста-оҳиста бисёриҳо фаҳмиданд, ки ин манъкунӣ нодуруст аст ва баъди баромадан аз калисои католикӣ оиладор шуданд. Дертар Лютер низ либоси роҳибиро аз худ дур карда, 13-уми июни соли 1525 ба Катарина фон Бора, ки пештар роҳиба буд, оиладор шуд. Дар ангуштарини арӯсии онҳо ин суханон кандакорӣ шуда буданд: “Он чиро, ки Худо ба ҳам пайвастааст, одамизод набояд ҷудо намояд”.

Дар даруни дайри кӯҳнаи августинӣ, ки тамоман холӣ меистод, онҳо барои худ истиқоматгоҳ интихоб карданд. Худо ба онҳо панҷ фарзанд тӯҳфа кард. Яке аз фарзандони Лютер, Ҳанс, дертар ба омӯхтани ҳуқуқшиносӣ машғул шуд; дигар писараш, Паул, духтур шуд. Хоҳиш ва орзуи падар ин буд, ки яке аз фарзандони вай бо роҳи ӯ равад, аммо ин орзуяш амалӣ нагашт. Писари вай Мартин ба омӯхтани илоҳиёт сар кард, аммо донишгоҳро хатм накарда, аз дунё гузашт.

Издивоҷ рӯҳи пурҳарорати ислоҳотчигии ӯро хомӯш намуд. Дар нақши шавҳар ва падар феъли хуши ӯ махсусан равшан аён гардид.

### *Тартиби ибодат*

Кори бузургтарини Лютер, бе ягон шубҳа, ислоҳот буд; аммо вай дар дигар соҳаҳо низ корҳои арзандаеро ба амал овард, масалан, дар соҳаи забони олмонӣ: дар ин ҷода ӯ худро ҳамчун нависандаи сурудҳои динӣ ва навозанда нишон додааст. Дар замони вазнину мушкили ибтидои ислоҳот вай суруди машҳури худ "Худо қалъаи мост"-ро навишт. Лютер на танҳо сурудҳои зиёд навиштааст, балки худаш аввалин маҷмӯаи сурудҳоро нашр намуд ва сурудхонии умумиро дар вақти ибодат ворид намуд. То ин вақт ягон хел маҷмӯаи сурудҳо вуҷуд надошт ва дар вақти ибодат дар якҷоягӣ суруд намехонданд.

Лютер барномае тартиб дод, ки бояд барои шубонон роҳнамо мегардид. Дар баробари маҷмӯаи сурудҳои ӯ он низ паҳн шуд. Вай мавъизаро асос ва дили ибодат намуд.

Доктор Мартин Лютерро бисёр вакт "падари мактаби халқӣ" меномиданд. Вай аввалин шуда фаҳмид, ки агар одамони оддӣ, деҳқонон, хонданро наомӯзанд, онҳо рӯҳан низ пеш рафта наметавонанд. Вай нақшаи таълимӣ тартиб дод, ки мувофиқи он ҷавононро омӯзондан лозим буд. Ҳамин тавр ин нақшаи таълимӣ барои маърифатнок шудани одамони оддӣ нақши муҳим бозид.



### *Марги Лютер*

Соли 1527 Лютер сахт касал шуд ва фикр кард, ки вақти маргаш фаро расидааст. Лекин сиҳат шуду боз тавонист, то соли 1546 барои Худо хизмат кунад. Рӯзе ба нотобиаш нигоҳ накарда, вай дар зимистон (23 январ) ба сафар баромад. Дар Айслебен саломатиаш бад шуд. Бо вуҷуди ин, вай боз чор маротибаи дигар мавъиза намуд, ду маротиба маросими шикастани нони Шоми Худовандро гузаронд ва ба ду рӯҳонӣ даст гузошта, баракат дод. Моҳи феврал бемориаш хуруҷ кард. Акнун вай медонист, ки аз умраш рӯзҳои башумор боқӣ мондааст.

Ҳангоме ки ӯ дар дами марг буд, аз ӯ пурсиданд, — "Оё ту бо имони мустаҳкаме ки худат меомӯзондӣ, мемирӣ".

"Ҳа", — ҷавоб дод вай.

18-уми феврали соли 1546, дар байни соати ду ва сеи шаб вай ба назди Худованди худ, ки Ӯро аз ҷону дил дӯст медошт, рафт.

Доктор Мартин Лютер вафот кард, лекин кори ӯ давом дошт ва таъсири хизмати ӯ дар рӯзҳои мо низ ҳис карда мешавад.

## *Ҷеймс Ҳадсон Тейлор*

*Асосгузори миссия дар Хитой*

То вақти таваллуд шудани Ҳадсон Тейлор волидонаш аллакай ӯро ба Худо бахшида буданд. Онҳо суханони Китоби Муқаддас, Хуруҷ 13-ро медонистанд: “Ҳар нахустзодаро барои ман тақдис намо”. Онҳо медонистанд, ки ин на танҳо ба чорво, меваҷот ё пул, балки ба ҳар он чи дар хонаи онҳо ҳаст ва ҳар як аъзои оилаи онҳо дахл дорад. Онҳо 21-уми майи соли 1832 дар Йоркшири Англия писардор шуданд. Ӯро Ҷеймс Ҳадсон Тейлор ном монданд.

Аз кӯдакиаш волидон Ҳадсони хурдакакро бо худ ба ибодат мебурданд. Ҳангоме ки вай калонтар шуд, ҳанӯз нағз дар хотир дошт, ки дар ҷамоат бобою бибиаш дар қафои ӯ ва волидонаш менишастанд.

### *Ҳадсон дар ҷавонӣ чиро омӯхт*

Аввалин дарсро Ҳадсон дар хонаи падару модараш омӯхтааст. Ҳангоме ки вай ҳамагӣ чорсола буд, модараш ба ӯ хондан ва навиштанро омӯзонд, падараш бошад ӯро бо ҳарфҳои ибронии қадим шинос намуд.

Чун кӯдакони дигар Ҳадсон бо бародарон ва хоҳаронаш “ибодат”-бозӣ мекард. Курсии падараш ба ӯ ҳамчун минбар хизмат мекард. Мавзӯи дӯстдоштаи кӯдакон “Торикӣ дар кишварҳои бутпараст” буд. Дар ин бора онҳо ҳамеша дар хона ва дар ибодат мешуниданд.



“Вақте ки ман калон мешавам, миссионер шуда, ба Хитой меравам”, – борҳо такрор мекард Ҳадсон. Оилаи Тейлорҳо одат доштанд, ки кӯдакон барои харҷи кисагӣ бояд худашон пул кор мекарданд. Волидайни Ҳадсон фикр мекарданд, ки кӯдакон ҳарчи барвақттар бояд арзиши пулро донанд. Бинобар ин дар хона ё берун аз он ягон кореро ба зиммаи онҳо месупориданд.

Рӯзе дар шаҳр ярмарка шуд. Ҳадсон як пеннӣ ҷам карда буд, ки ин тамоми дороии ӯ буд. Ӯ қарор дод, ки ин пулро дар ярмарка сарф кунад. Ҳангоме ки ӯ бесаброна ба он ҷо рафт, ба ӯ фаҳмонданд, ки касе барои даромадан чипта харад, ба ярмарка даромада метавонад. Вай пеннии худро гирифта ба назди фурӯшандаи чиптаҳо рафт. Аммо он кас бо аломати инкор сар ҷунбонд. Чипта барои даромадан ду пеннӣ арзиш дошт.

“Ман ду пеннӣ надорам, — гуфт Ҳадсон. — агар шумо ба ман иҷозати даромадан диҳед ман, пеннии худро ба шумо медиҳам. Магар як пеннӣ аз ҳеҷ чиз хубтар нест!”

Лекин мард ба ин маслиҳат розӣ нашуд ва Ҳадсони майдаяк ғайр аз баргаштан ба хона дигар илоҷе надошт. Дар роҳ вай гиря кард. Модараш дид, ки вай ғамгин менамояд ва ба ӯ боз як кори майда дод, аз ин кор вай боз як пеннӣ ба даст оварду ба ярмарка рафт. Ин саргузашти давраи кӯдакӣ ба он мусоидат намуд, ки Ҳадсон Тейлор қадри пулро донад.

Дар хонаи Тейлорҳо кӯдаконро чунон ҷиддӣ тарбия карда буданд, ки ба онҳо тамоман иҷозат дода намешуд, ки аз рӯи миз худашон чизеро гиранд ё дар назди миз рост истода хӯрок хӯранд. Онҳо вазифадор буданд, ки интизор шаванд, то модарашон ба табақчаҳои онҳо хӯрок андозад. Рӯзе дар хонаи онҳо меҳмонон барои хӯроки нисфирӯзӣ даъват шуда буданд ва ба табақи Ҳадсон хӯрок наандохтанд. Бача чанд вақт чизе нагуфта, хомӯш нишаст. Ҳангоме ки гуфтугӯи калонсолон каме қатъ гардид, вай аз онҳо хоҳиш кард, ки ба ӯ намак диҳанд.

Меҳмоне ки дар назди вай менишаст, ба табақи холии Ҳадсон назар карда гуфт: “Намак ба ту чӣ даркор аст?”

Бача ҷавоб дод: “Ҳамин ки модарам барои хӯрдан ба ман чизе диҳад, он ба ман даркор мешавад”.

### *Шамъи нимсӯхта*

Ҳадсони майдаяк беш аз ҳама китобхониро дӯст медошт. Агар имконияти дар рӯшноии рӯз хондани китоб набошад, вай хеле мехост хондани китобро дар рӯшноии шамъ ба охир расонад. Аммо он вақт ҳамеша модараш ба ҳуҷра медаромаду чароғро мегирифт ва ӯро ба хоб кардан водор мекард. Боре ба дасти Ҳадсон як ҳикояи аҷиб расид. Ба хотираш омад, ки падараш шамъҳои нимсӯхта дорад, ки баъзан онҳоро дар таҳхона истифода мебарад. Агар вай якчанд нимсӯхтаи шамъро аз худ кунад,



касе намефаҳмад! Он гоҳ вай метавонад онҳоро даргиронда, дар ҷойгаҳ китоб хонад.

Дар он шаб, андак пештар аз он ки ӯ ба ҷойгаҳи хоб равад, ногаҳон меҳмонон омаданд. Ҳадсон шамъҳоро ба кисаҳои шимаш андохта назди калонсолон рафт, то ки ба ҳама хоби хуш таманно кунад. Лекин як меҳмон, ки кӯдаконро дӯст медошт, ӯро дар сари зонуи худ шинонда, ба нақл кардани ҳикояи аҷибе сар кард.

Агарчи Ҳадсон чунин ҳикояҳоро нағз медид, он шаб дар зонуи меҳмон беқаророна меҷунбиду хамёзаҳои беохир мекашид. Ҳангоме ки ҳикоя ба поён расид, вай кӯшиш кард гурезад. Дар бораи шамъҳои нимсӯхтаи дар кисааш буда фикр кардан ҳам намехост; танҳо мехост, ки онҳо об нашаванд, зеро вай дар назди камин (оташдони деворӣ) менишаст. Ҳангоме ки мард мехост ӯро раҳо кунад, модараш гуфт, ки ҳоло барвақт аст ва вай метавонад боз каме истад.

Меҳмон инро шунида, боз як ҳикояи дигар нақл кард. Ҳадсони майдаяк боз беқаророна ҷунбида, хамёза кашидан гирифт. Дар охир ӯ тавонист озод шавад. Меҳмону волидайнаш тамоман дар ҳайрат буданд. Ҳангоме ки Ҳадсон ба ҳуҷраи худаш даромад, модараш пинҳонӣ аз паси ӯ рафт. Модараш бачаи гирёнро дар назди шамъҳои обшуда ёфт. Ин ҳам як саргузаште буд, ки Ҳадсон Тейлор ҳеҷ гоҳ фаромӯш накарда буд.

### *Кӯдаки дардманд*

Азбаски хонум Тейлор муаллимаи фарзандони худ ба ҳисоб мерафт, вай бо диққат назорат мекард, ки онҳо вазифаҳои худро бо ҷидду ҷаҳд тайёр кунанд. Ҳар гоҳ ягон калимаи нофаҳмо пайдо шуда монад, онҳо бояд маънои онро аз луғат дида мебаромаданд.

Дақиққорӣ низ яке аз одатҳое буд, ки Ҳадсон аз волидайнаш омӯхтааст. Падараш ин мақолро дӯст медошт: "Магар намефаҳмӣ, ки агар панҷ кас якдақиқагӣ интизор шаванд, ин чунин маъно дорад, ки панҷ дақиқа муфт аз даст рафтааст?"

Дар зиндагии рӯҳонӣ Ҳадсони ҷавонро махсусан падараш ҳавасманд ва мустаҳакам мекард. Дар кӯдакӣ вай ҳар рӯз бояд ба ҳуҷраи падараш мерафт, ки дар он ҷо Китоби Муқаддас мехонданд ва дуо мекарданд. Падараш инчунин ба Ҳадсон нигоҳ доштани муносибати шахсӣ бо Худоро низ омӯзонда буд. Вай дар он вақт аллакай хондани Каломи Худо ва пеш аз наҳорӣ дуо кардан ва боз як бори дигар —дар шомгоҳон дуо карданро омӯхта буд.

Азбаски Ҳадсон зуд-зуд бемор мешуду ба мактаб намерафт, маълумоти ботартиб гирифта натавонист. Лекин дарсҳои волидайнаш бо тартиб буданд. Дар натиҷа вай аз ҳамсолонаш, ки ба мактаби ҷамъиятӣ мерафтанд, хеле зиёдтар медонист.



### *Муҳаббати падар ба хитоиҳо*

Дар хонаи Тейлорҳо миссия мавзӯи асосии сӯҳбат ба ҳисоб мерафт. Махсусан ба дили падари Ҳадсон Хитой хеле наздик буд. Вай дар бораи ин мамлакат бисёр гап мезад ва ҳамеша барои хитоиҳо дуо мекард.

Ҳангоме ки Ҳадсон ҳаштсола буд, ҷамоат ба хотири миссия рӯзи махсус ташкил намуд; дар он рӯз ба хотири миссия хайрот ҷамъ карда, барои миссионерҳо дуо мекарданд. Баъди ин ҷашн падари Ҳадсон ба хулосае омад, ки ба бисёр кишварҳо миссионерҳо фиристода шуда бошанд ҳам, ягонтои онҳо ба Хитой равона карда нашудааст. Ин суханон, ба мисли китоби Петер Парлӣ "Хитой", ба Ҳадсон Тейлор бисёр таъсир карданд. Аммо волидайни ӯ умед надоштанд, ки Ҳадсон метавонад миссионер шавад, зеро вай зуд-зуд бемор мешуд.

### *Аз Худо дур шуд*

Ҳангоме ки Ҳадсон калонтар шуд, саломатиаш хуб шудан гирифт, акнун вай метавонист ба мактаб равад. Дар он ҷо ба ӯ фазои рӯҳонӣ, ки дар хона ба он одат карда буд, намерасид; ҳамеша дар мактаб банд будан боиси он шуд, ки ӯ барои дуо ва хондани Китоби Муқаддас вақт надошт. Аз ин сабаб ӯ ҷӯшу хурӯши рӯҳониро аз даст дод.

Дар байни 11 ва 17-солагӣ зиндагии Ҳадсон пурпечу тоб буд. Ҳангоме ки ӯ 15-сола шуд, ба вай вазифаи ҷонишини муҳосиби бонкро

пешниҳод карданд. Дар он ҷо барои ӯ осон набуд — на аз он сабаб ки кор барояш нав буд, балки аз сабаби дӯстони наваш, ки дар он ҷо бо онҳо шинос шуда буд. Бисёре аз онҳо ба имон ва ақидаҳои вай механдиданд. Ғайр аз ин ӯро неъматҳои заминӣ ба худ ҷалб мекарданд.

Лекин дасти Худо бар Ҳадсон Тейлор буд. Дарди давомноки чашм ӯро маҷбур намуд, ки аз вазифаи дар бонк доштааш даст кашад. Вай ба хона баргашт, то ки ба падараш ёрӣ диҳад. Аз сабаби аз Худо дур шуданаш бо волидайн ҷиддӣ сӯҳбат кардани ӯ бисёр мушкил шуд. Бо хоҳараш Эмилӣ, ки он вақтҳо ба синни 13 медаромад, сӯҳбат кардан осонтар буд. Эмилӣ қарор дод, ки барои бародараш дар як рӯз се маротиба дуо кунад. Вай ҷиддӣ ба ин кор даст зад, ҳатто дар рӯзномааш навишт, то вақте ки бародараш ба сӯи Худо барнагардад, барои ӯ дуо карданро бас намекунад.

### *Дуои модар*

Як рӯз ҳангоме ки модараш дар хона набуд, Ҳадсон ба ҳуҷраи падараш даромад, то ки барои худ якчанд китоб гирад. Ягон китоби хонданибоб наёфта, ногаҳон чашмаш ба сабади пур аз рисолаҳо афтод. Ҳадсон бо ҷӯшу хурӯш ба он часпид ва дар охир варақеро ба даст гирифт.

Айнан дар ҳамин вақт модараш дар масофаи зиёда аз сад километр дур аз хона дар меҳмонии дугонааш буду аз паси миз бархоста ба ҳуҷраи



худаш даромад. Вай бо нияти имон овардани писараш дар ҳуҷра ба зону афтода дуо мекард, ки то боварӣ ҳосил накунад, ки дуоҳояш шунида шудаанд, аз ҷой барнамехезад. Соатҳо мегузаштанду вай бо дуо аз Худо илтиҷо мекард. Ногаҳон вай ҳис кард, ки Худо ба дуои вай ҷавоб дод. Он гоҳ вай барои писараш ба Худо шукр гуфт.

Ҳадсон, ки ин вақт дар хона буд, қарор дод рисоларо хонад. “Хонда мебинам, ки дар ин варақ оиди чӣ сухан меравад. Ҳангоме ки ба мавъиза расидам, хонданро бас мекунам”, — худ ба худ фикр кард вай. Аммо худаш пай набурд, ки на танҳо мавзӯъро, балки мавъизаро низ хонда баромад. Дар рисола сухан дар бораи Исо мерафт, ки бо хоҳиши Худ ҷони Худро барои ҳамаи одамон қурбон карда буд.

Он вақт ба сари Ҳадсон фикре омад. Агар Исо барои тамоми халқи ҷаҳон мурда бошад, пас, ҳар шахс бояд дар ин бора донад. Ин чунин маъно дорад, ки касе бояд расонидани хушхабари наҷотро давом диҳад. Вай зону зада, худро ба Худованд Исо супорид.

Ҳангоме ки модараш аз сафар баргашт, вай ба пешвози ӯ баромад, то ки дар бораи имони худ гап занад.

Модараш, ки дар ҳаяҷон буд, танҳо ин суханонро гуфта тавонист: “Ман медонам”.

Ҳадсон фикр кард, ки хоҳараш Эмилӣ дар ваъдааш наистода ба модараш дар бораи таассуроти ӯ нақл кардааст. Аммо модар ба

писараш фаҳмонд, ки ин тавр нест. Худо ӯро бовар кунонд, ки ба дуояш ҷавоб медиҳад.

### *Дигаргуншавии бузург*

Баъд аз он ки Ҳадсон Тейлор дилу ҷони худро ба Худо супурд, дар зиндагиаш тағйиротҳо ба амал омаданд — на танҳо дар рафтораш нисбат ба аҳли хонавода, балки дар муносибат ба шахсони эҳтиёҷманд.

Як рӯз дар вақти дуо вай ба таври махсус ба Худо зиндагиашро пешкаш намуд ва аз Ӯ хоҳиш кард, ки Ӯ онро барои хизмати Худ истифода барад. Аз он рӯз сар карда вай ва Эмилӣ шабҳои якшанберо барои шаҳодат додан истифода мебурданд. То ин вақт онҳо аз рӯи одат ба ибодати якшанбегии шабона мерафтанд; акнун ба онҳо лозим меомад, ки барои робита бо касоне ки дар дигар вақт бо онҳо вохӯрдан номумкин аст, аз одати худ сарфи назар кунанд.

### *Тайёрӣ барои сафари Хитой*

Ҳангоме ки Ҳадсон Тейлор тахминан 18-сола буд, вай боварӣ ҳосил кард, ки Худо ӯро ба Хитой даъват мекунад. Баъди чанд вақт вай барои фаъолият дар соҳаи миссионерӣ тайёрӣ диданро сар кард. Дар аввал вай хост саломатии худро беҳтар кунад. Вай ба варзиш машғул шуда, аксаран вақти худро дар ҳавои кушод мегузаронд. Барои тайёрӣ ба зиндагии мушкил вай аз бистари пари қу даст кашид. Ба вазифаи ҳаррӯзаи вай тақсим кардани рисолаҳо,



гузаронидани дарсҳо дар мактаби якшанбегӣ ва хабар гирифтани камбағалону беморон медаромад.

Ҳадсон китоби дарсии забони хитоӣ надошт, аммо вай як нусха китоби Инҷили Луқоро бо забони хитоӣ дар ихтиёр дошт. Бо ёрии он вай бо ҷидду ҷаҳд соатҳои зиёд ба омӯзиш машғул шуда, бо мафҳумҳои асосии забони бегона шинос шуд. Бо ёрии падараш навиштану хондани тақрибан 500 иероглифҳои хитоиро омӯхта тавонист.

Дар синни 19-солагӣ Ҳадсон хонаи падарашро тарк кард, то ки дар соҳаи тиб ва ҷарроҳӣ дониш омӯзад, вай боварӣ дошт, ки ин ба фаъолияти миссионериаш ёрӣ медиҳад. Ӯ чунон бесаброна сафари худро интизор буд, ки қарор дод кор кунад, то барои сафари баҳрӣ пул дошта бошад.

### *Сафари хатарноки баҳрӣ бо киштӣ*

Дар охир рӯзе ки дер боз интизор буд, фаро расид. Ҳадсон ба саҳни киштие ки бояд ба Хитой мерафт, баромад. Киштӣ бодбондор буда, бо вазидани боди мусоид ҳаракат мекард. Рӯзе, ҳангоме ки онҳо дар уқёнуси кушод қарор доштанд, шамол бозистод.

Капитан ба Ҳадсон Тейлор гуфт: “Ҳар он чи ба қуввати одам вобаста аст, мо кардем”.

“Не”, — рад кард Тейлор. — Дар киштӣ чор масеҳӣ ҳаст. Мо аз Худо талаб мекунем, ки Ӯ худи ҳозир шамол фиристонад”.

Чор мард ба ҳуҷраҳояшон рафта, ба дуо кардан шурӯъ намудан. Зуд шамоли сахт бархост ва киштӣ боз роҳи худро давом дод. На танҳо чор марди дуогӯй, балки ҳамаи дар киштӣ будагон ҳайрон шуданд. Онҳо донистанд, ки Худо Ҳукмфармои боду баҳр низ мебошад.

Ин сафар тамоман оддӣ набуд. Баръакс, он қариб ба таври фоҷиавӣ ба поён мерасид. Ба киштӣ лозим омад бар зидди тӯфон мубориза барад, он ба тундбод ва ба тӯфони барфӣ афтод. Лекин дар охир, баъд аз панҷуним моҳ он ба бандари Шанхай расид.

### *Дар кишвари орзуҳои худ*

Аз худи аввал Ҳадсон Тейлор умед дошт, ки кори миссионериро сар мекунад, аммо монеаҳои гуногун ба иҷрои ин кор халал мерасонданд. Ҳангоме ки дар байни лашкари император ва лашкарҳои хориҷӣ ҷанг аланга зад, вазъият боз ҳам бадтар шуд. Бе милтиқ аз хона баромадани аврупоиҳо хеле хатарнок буд. Ин миссионери ҷавонро метарсонд, чунки вай ба Хитой бо боварие омада буд, ки Худо ӯро ба ин ҷо ба мақсади ба аҳолӣ расонидани хабари наҷотбахш дар бораи Исои Масеҳ, Писари Худо фиристодааст. Табъи ғамангез аз сабаби дигар низ бадтар мешуд. Аз таъсири офтоб ва чанг бемории пешинаи чашмаш бозгашт — бемории илтиҳоби чашм. Ба ин нигоҳ накарда, Ҳадсон дар як рӯз панҷ соат бо омӯзиши забони хитоӣ машғул мешуд. Вай дар баробари забономӯзӣ, бо мақсади фаромӯш накардани донишҳои дар ватан гирифтааш, бо тиб ва усулҳои табобат низ машғул мешуд.

Тақрибан пас аз як соли тарки ватан карданаш Ҳадсон Тейлор аввалин бор ба мардуми маҳаллӣ ёрии тиббӣ расонд. Кори ӯ хеле пеш рафт. Бо ҳамроҳии муаллими масеҳӣ ӯ мактаб ташкил намуд, ки дар он даҳ бача ва панҷ духтар ба таҳсил сар карданд. То ҳол ба маънои томи ин калима маркази тиббӣ накушода бошад ҳам, ҳар рӯз вайро беморони нав ҷустуҷӯ мекарданд. Ба ҷамъомади дуо низ иштирокчиён бештар меомадагӣ шуданд. Аввал дар ҷамъомадҳои дуо танҳо ӯ ва муаллимаш иштирок доштанд, лекин баъдтар то 20 нафар ҷамъ омаданд. Баъзеҳо субҳ ва баъзеҳо шаб меомаданд. Аммо миссионер ҳамеша ба мушкилиҳои нав ба нав рӯ ба рӯ мешуд, ки онҳо шасти ӯро мегардонданд. Вай ба ҷои зисти ҳамешагӣ, ба маводи хӯроквории ва ба чизҳои барои зиндагӣ зарурӣ эҳтиёҷ дошт. Ғайр аз ин дар мамлакат ҷанг давом дошт.

### *Бо қаиқ қад-қади дарёи Янтзиянг*

Пас аз чанд моҳ Ҳадсон ва боз як миссионери дигар хонаи шинокунандаеро ба иҷора гирифтанд. Онҳо бо он ба дарёи хатарноки Янтзиянг шино карданд. Як дафъа онҳо дар соҳили ҷазирае фуруд омаданд, то ба сокинони ҷазира мавъиза кунанд. Ҳадсон барои ба онҳо муроҷиат намудан тайёр буд, ки ногаҳон дар пушти қаиқ ғалоғуларо шунид. Вай баргашта

дид, ки садҳо сокинони маҳаллӣ аз хушкӣ ба об медаромаданд. Онҳо чун хонаи занбӯр дар атрофи ӯ тӯда шуданд, то Инҷилро гӯш кунанд. Ҳадсон зуд қаиқро тела дода, аз соҳил дур шуд, то онҳо ӯро танг накунанд. Лекин ин ёрӣ надод. Одамон мехостанд донанд, ки вай чӣ кор мекунад. Аз ин сабаб онҳо худро ба об партофта, аз қафои онҳо меомаданд. Ҳадсон бошад тамоми боқимондаи рӯзро ба хушхабаррасонӣ дар бораи Исо бахшид.

***Ба хитоиҳо – хитоӣ***

Ба Тейлор маълум шуд, ки ягона воситаи дар ҳақиқат роҳ ёфтан ба дили мардуми Хитой он аст, ки ҳарчи зиёдтар ба мардуми маҳаллӣ монанд шавад. Вай барои худ либосҳои хитоӣ харид ва дар вақти хӯрок хӯрдан чӯбчаҳоро истифода мебурд. Аммо боз ба ӯ лозим меомад, ки як қадами муҳими дигар гузорад: мӯйҳои тиллорангу ҷингилаи ӯ аз аврупоӣ буданаш шаҳодат медоданд. Вай ҳис кард, ки фақат агар мӯяшро ба тарзи дар ин кишвар қабулшуда мувофиқ кунад, бо хитоиён робитаи ҳақиқӣ карда метавонад, ва Ҳадсон ҳамин тавр ҳам кард. Вай сартарошро даъват карда, хоҳиш намуд, ки мӯи сарашро ба мардуми маҳаллӣ монанд кунад. Акнун вай ба хитоии ҳақиқӣ монанд буд. Ҳамаи ин ҳусни таваҷҷӯҳи сокинони маҳаллиро ба ӯ ҷалб намуд, танҳо дар вақти гап заданаш бисёриҳо мушоҳида мекарданд, ки вай аврупоӣ аст.



Чунон ки аз номаҳои гирифтааш боварӣ ҳосил кард, ин тарзи андомаш ба аҳли хонаводаашон дар Англия тамоман маъқул нашуд. Дар номаи ҷавобии худ ӯ фаҳмонд, ки дуруст рафтор мекунад ва ин корро ба хотири он мекунад, ки хитоиҳоро зудтар ба назди Масеҳ оварад. Таҷриба нишон медод, ки ин бениҳоят зарур аст.

***Зангирӣ***

Вақте ки дар Хитой ҷанг сар шуд, қариб ба ҳамаи хориҷиён лозим меомад, ки барои ҷони худ дар хавф бошанд. Лекин азбаски Ҳадсон чун хитоиҳо либос мепӯшиду ба онҳо монанд буд, ин ба ӯ таҳдид намекард. Аммо зиндагии ӯ низ борҳо дар зери хатар монда буд.

Дар Хитой Ҳадсон ба як духтари ҷавон, ки дар миссия муаллима шуда кор мекард, шинос шуд. Ӯ низ ба садои дили худ гӯш дода, зиндагии худро ба Худо бахшида, дар Хитой хизмат мекард. Азбаски духтар ятим буд, Ҳадсон Тейлор ба амаки ӯ ба Шотландия мактуб навишта, аз вай барои издивоҷ иҷозат пурсид. Пас аз ду моҳ ҷавоб омад, он ҷавоби мусбат буд. Амакаш розигии худро дода буд, лекин хоҳиш намуда буд, ки то ба 21 даромадани Мария интизор шаванд.

16-уми январи соли 1858 Мария Дайер ба синни 21-солагӣ даромад. 20-уми январ базми арӯсии ӯ бо Ҳадсон Тейлор баргузор гардид. Ҳаҷми кори миссионерии ҷуфти ҷавон хеле васеъ шуд. Мария роҳбарии кор бо кӯдакону

занонро ба ӯҳда гирифта, хонаи худро барои сокинони маҳаллӣ кушод. Ҳадсон рӯзу шаб монда нашуда, чун хушхабаррасон ва духтур меҳнат мекард. Рӯз ба рӯз ва сол ба сол дар пеши ҳар ду мушкилиҳои нав пайдо мешуданд, лекин онҳо асбоби дасти Худо буданд. Дар охир Худо ба онҳо имконият дод, ки ҷамъияти миссионерии нав таъсис диҳанд – “Миссияи дохилии Хитой”. Имрӯзҳо ин миссияро “Ҷамъияти миссионерии он тарафи уқёнус” ном мебаранд. Худо ба онҳо духтарча тӯҳфа кард, ки онҳо ӯро Грейс ном ниҳоданд.

***Мо аз Ҳадсон Тейлор чиро омӯхта метавонем***

Зиндагии Ҳадсон Тейлор зиндагии дуо ва вобастагӣ ба Худо буд. Бе дуо вай ба ягон кор даст намезад. Ӯ дар ҷавонӣ ҳамин тавр амал мекард, ҳангоме аз Худо мепурсид, ки оё лозим аст ба Хитой равад. Вай пеш аз ҳар сафараш ба болооби дарё ба ноҳияҳои дохилии кишвар низ ҳамин тавр мекард, то ки дар он ҷо ҳамчун хушхабаррасони ва духтур хизмат кунад. Ӯ айнан ҳамин тавр амал намуд, ҳангоме ки хоҳиш дошт хости Худоро дар бораи издивоҷ фаҳмад. Мо низ, ҳангоме ки ягон қарори хурд ё бузург кардан мехоҳем, бояд хости Худоро фаҳмем. Агар мо ба Исо тааллуқ дошта бошем, пас бояд донем, ки хости комили Ӯ нисбати мо чӣ гуна аст.

Ҳангоме ки Ҳадсон аллакай медонист, ки



хизматаш дар Хитой ба анҷом мерасад ва аз умри ӯ тамоман кам мондааст, ба баъзе дӯстони худ гуфт: “Агар ба ман ҳатто ҳазор умр дода мешуд, ҳар кадоми онҳо ба Хитой тааллуқ медошт!”

## *Чарлз Стадд*

*Аз ситораи бозии крикет то ба миссионер барои бутпарастҳо*

Агар масеҳиён Чарлз Т. Стаддро чун миссионер-нававари барҷаста эҳтиром мекарда бошанд, дар ҷаҳони варзиш ӯро чун машҳуртарин бозингари крикет дар Англия дар ёд доранд.

Оилаи Стадд хеле бой буда, барои фарзандон ҳар гуна фаровониву ҳашаматро пешниҳод карда метавонист. Шавқи онҳо бештар ба шикор, бозии крикет ва аспҳои даванди падарашон равона шуда буд. Махсусан крикет дили Чарлз ва бародарони ӯро рабуда буд, ва азбаски кор кардан лозим намеомад, онҳо вақти зиёдеро бо машқи ин намуди варзиш сарф мекарданд. Аллакай дар синни 16-солагӣ Чарлз устоди бозии крикет шуд ва дар 19-солагӣ ӯро дар коллеҷи Итон капитани гурӯҳ интихоб намуданд.

Чарлз Стадд ҷавони қадбаланд, зоҳиран зебо буда, дар бораи истеъдоди варзишии худ фикрҳои олӣ дошт. Вай соатҳои зиёд дар назди оина бозӣ карда, маҳорати бозиашро такмил медод.

### *Дигаргуниҳои бузург сар мешаванд*

Баъд аз Итон Чарлз ба Донишгоҳи Кембриҷ дохил шуд, то ки ҳуқуқшинос шавад. Аммо дар охири соли хониш воқеае рӯй дод, ки ҳамаи нақшаҳои ӯро дигаргун кард.

Дар яке аз ҷамъомадҳое ки хушхабаррасони машҳури амрикоӣ Дуайт Л. Мудӣ мегузаронд, падари Чарлз руҷӯи ҳақиқиро аз сар гузаронд. Хушхабаррасонии Мудӣ ҷаноби Стаддро барои он ба худ ҷалб намуд, ки ӯро дар рӯзнома тамоман хандаовар ба қалам дода буданд. “Дар ин Мудӣ чизе ҳаст, вагарна рӯзномаҳо ӯро ин қадар сиёҳ намекарданд”, — ақидаи худро баён кард ҷаноби Стадд.

Аз он рӯз сар карда ӯ тамоми вақт ва қуввати худро ба Худованди нави худ бахшид. Ӯ бо ҳар восита кӯшиш мекард, ки таассуроти худро ба дигарон расонад. Вай ҳамаи аспҳои худро тӯҳфа кард ё фурӯхт. Баъд аз ин вай ҳуҷраи аз ҳама калони виллаи зебои худро холӣ карда, дӯстонашро ба ҷамъомадҳои башоратӣ даъват менамуд.

Ҷаноби Стадд чанде пас аз имон оварданаш вафот кард; аммо Мудӣ боре гуфт, ки кам касон чун ӯ барои Худо ин қадар хизмати бисёр кардаанд.

Табиист, ки ӯ бо се писари худ низ оиди ҳолати рӯҳонии онҳо сӯҳбат мекард. Аммо он вақт ӯ муваффақ нашуда буд, ки писари худ Чарлзро назди Худо оварад.

### *Чарлз мехоҳад миссионер шавад*

Ҳангоме ки бародари ӯ Георг сахт бемор шуд, Чарлз аз боиси ӯ сахт дар ташвиш шуд. Вай аввалин бор арзиши ҳақиқӣ ва бефанои сарвати рӯҳониро эҳсос намуд.

Дар ин вақт Дуайт Л. Мудӣ ва Айра Д.

Санкӣ дар Кембриҷ ҷамъомадҳои башоратӣ мегузарониданд. Бисёр донишҷӯёни Донишгоҳ ба ҷамъомади онҳо мерафтанд. Дар аввал Чарлз ба он ҷо рафтан нахост, зеро то ин вақт ӯ ҳеҷ гоҳ ба дин диққати ҷиддӣ намедод. Лекин дар охир қарор дод, ки дар як ҷамъомад иштирок кунад ва яке аз садҳо донишҷӯён гардид, ки рӯҳу ҷони худро ба Исои Худованд супориданд.

Бевосита пас аз ин қарор ӯ аз нақшаи оғоз намудани кори ҳуқуқшиносӣ даст кашид. Ин амали ӯ сабаби норозигӣ дар оила шуд. Аммо Чарлз дар қарори худ устувор буд. Зиндагии ӯ акнун дар дасти Худо буд ва ӯ мехост миссионер шавад.

Чарлз кушоду равшан шаҳодат медод, ки дар зиндагиаш бо ёрии Исо тағйирот ба амал омад. Азбаски вай варзишгари машҳур буд, дар ҳар ҷое ки пайдо шавад, шунавандагони зиёд пайдо мекард. Ҳамин тариқ вай ба онҳое ки Каломи Худоро шунидан намехостанд, дар бораи Хушхабар нақл карда тавонист.

### *“Ҳафт нафар аз Кембриҷ”*

Рӯзе Стадд бо Ҳадсон Тейлор, ки асосгузори Миссияи дохилии Хитой буд, вохӯрд ва ба ӯ хизмати худро ҳамчун миссионер дар Хитой пешниҳод кард. Ҳангоме ки ӯро қабул карданд, вай тавонист шаш нафар рафиқони худро аз давраи донишҷӯӣ дар Кембриҷ ба муҳим будани ин кори миссионерӣ бовар кунонад. Онҳо ба ӯ ҳамроҳ шуда, бо номи “ҳафт нафар аз Кембриҷ” машҳур шуданд.



Ин ҳақиқат буд, ки ҳафт нафар равшанфикрони ҷавон, ки маълумоти олӣ доштанд, аз ихтисос ва пешравӣ дар вазифа ва зиёда аз ин, аз мулкҳои худ даст кашиданд ва ин дар тамоми мамлакат ҳангомаеро ба вуҷуд овард. Лекин онҳо ба садои Худо гӯш карда, розӣ буданд дар Хитой хушхабарро расонанд.

### *Сафар ба Хитой*

Соли 1885 Чарлз Стадд бо киштӣ ба сӯи Хитой шино кард, то ки дар он ҷо ба кори миссионерӣ сар кунад. Пас аз расиданаш ба Шанхай 18-уми март, вай бевосита ба омӯхтани забони мушкили хитоӣ сар кард. Барои омӯзиши забон дар як рӯз ҳафт соат ҷудо намуд.

Стадд низ чун Ҳадсон кӯшиш мекард, ки ба мардуми хитой монанд шавад. Ӯ низ либосҳои хитоӣ ба бар намуда, хӯроки хитоӣ мехӯрд ва кӯшиш менамуд аз тарзи зиндагии ғарбии худ даст кашад.

### *Бузургтарин воситаи хайротҷамъкунӣ*

Ҳамин вақт хабари марги падараш ба ӯ расид. Ҳамчунин мактубе омада буд, ки дар он гуфта мешуд, ки ӯ маблағи калоне ба мерос гирифтааст.

Азбаски Чарлз айнан дар ҳамон вақт аз Навиштаҳои Муқаддас оятеро хонд “Бирав, ҳар он чи дорӣ, бифурӯш ва ба мискинон бидеҳ, ва дар осмон ганҷе хоҳӣ ёфт” (Марқус 10:21), вай қарор дод қисми зиёди сарвати худро ба кори

Худо диҳад. Ӯ 25.000 долларро ба Д.Л. Муди тӯҳфа кард, то ки ин маблағро барои бунёди Донишгоҳи Китоби Муқаддаси Муди дар шаҳри Чикаго истифода барад, — ин муассиса то кунун вуҷуд дорад. Тахминан ҳамин қадар маблағро ба Георг Мюллер барои сохтмони ятимхона фиристод; ва дар охир боз як миқдор калони маблағ барои дастгирии кори Лашкари Наҷот дар Ҳиндустон равона гардид. Чор чек ҳар яке бо маблағи 5 000 доллар ба роҳбарони ҳар гуна муассисаҳои дигар барои кори Худо фиристода шуд.

Баъд аз се соли дар Хитой буданаш Чарлз ба Присилл Стюарт, духтари ирландӣ, ки ӯ низ дар корҳои миссионерӣ иштирок мекард, издивоҷ намуд.

### *Аз Хитой бо воситаи Ҳиндустон ба Африқо*

Азбаски Чарлз бемории астма (зиққи нафас) дошт, иқлими Хитой барояш тоқатфарсо шуда буд, аз ин сабаб, дар охир ба ӯ лозим омад, ки бо оилааш ба Англия баргардад. Баъд аз шаш сол вай боз ба кори миссионерӣ баргашта рафт, ин навбат ба ҷануби Ҳиндустон, ки дар он ҷо иқлимаш хубтар буд. Дар он ҷо вай бо ҷамоат корро сар кард.

Ҳангоме ки дертар боз ба Англия баргашт, ба ӯ имконият дода шуд, ки барои кори миссионерӣ ба Африқо тайёрӣ бинад. Дар нақша буд, ки Африқо аз Нил то Нигер бо кори миссионерӣ фаро гирифта шавад.



15-уми декабри соли 1912 Стадд бо ҳамсараш ва чор фарзандаш дар Англия хайрухуш намуда, ба сафаре баромад, ки бояд ӯро ба дили қитъаи сиёҳ мебурд. Дар Ниангар маркази миссионерӣ бунёд карда шуда буд, ва дар моҳи июни соли 1915 аввалин бор 12 шахси наҷотёфта тавонистанд ғӯтаи таъмид гиранд.

Баъд Стадд ба Англия баргашт, то масеҳиёни бештарро ба кори миссионерӣ шавқманд намояд. Соли 1916 вай бо ҳамкорони зиёд ба Африқо баргашт. Ин миссияро "Ҳаракати инҷилшиносонии умумиҷаҳонӣ" ном гузоштанд.

Дар охир зани ӯ низ қарор дод, ки ба Африқо сафар кунад, то ки баъди ҷудоиҳои зиёд боз шавҳарашро бинад.

Ба ҳар ду насиб гашт, ки дар Африқо бимиранд. Лекин кори миссионерии онҳо дар пояи мустаҳкам истода буд. Кор давом меёфт ва Худо онро баракат медод.

"Аз ситораи бозии крикет то ба миссионер барои бутпарастон", "Аз чароғҳои саҳнаи ҷаҳонӣ ба сӯи нури файзи илоҳӣ" — зиндагии Ч.Т. Стаддро ҳамин тавр ё ба ин монанд ном бурдан мумкин аст. Умуман таърихи зиндагии вай бо боварӣ исбот мекунад, ки одам овози Худоро то чӣ андоза возеҳу равшан шунида метавонад. Муваффақияти ашрофона ва сарват беҷило шуда, қимати худро гум кард, ҳангоме ки вай садои Исоро шунид, ки мегуфт: "Маро пайравӣ кун!"

## *Ҷон Веслӣ*

*Асосгузори ҷамоатҳои методистӣ*

Ҷон Веслӣ 17-уми июни соли 1703 дар оилаи шубон ба дунё омадааст. Вай дар оила кӯдаки понздаҳум буд. На танҳо падари ӯ дар хизмати ҷамоати англиканӣ буд, балки бобо ва бобокалонаш низ намояндаи рӯҳоният буданд.

### *Модар — мураббияи бисёр нағз*

Дар оилаи Веслӣ кӯдакон тарбияи хуб доштанд ва ба камбағалии худ нигоҳ накарда, маълумотнок буданд. Модарашон, Сузанна Веслӣ муаллимаи онҳо буд. Гарчанде ки корҳои хона вақти зиёди ӯро мегирифтанд, ӯ кӯшиш мекард, ки ба ҳар кадоме аз кӯдакон аз синни панҷсолагӣ алифборо омӯзонад. Баъдтар вай ба кӯдакони худ фанҳои муқаррарии мактабӣ ва динро меомӯзонд. Ҳар як духтар забони юнонӣ, лотинӣ ва франсавиро меомӯхт, ғайр аз ин дарсҳои рӯзгордориро низ меомӯхт.

Хонум Веслӣ кӯшиш менамуд ба ҳар кӯдак ҳафтае якчанд соатро дар алоҳидагӣ гузаронад. Инчунин вақт ёфта, ё ҳатто вақтеро барои худ муқаррар намуда, бо онҳо дар бораи Худо сӯҳбат менамуд ва дуо мекард. Вай шабҳои панҷшанбе ба таълими Ҷони хурдакак машғул мешуд. Ин ба ӯ чунон таассуроти зиёд бахшида буд, ки Ҷон онро ҳатто вақте ки донишҷӯи Оксфорд шуд, дар ёд дошт. Дар мактубҳои ҳамонвақтаи худ вай зуд-зуд бо хоҳиш ба ӯ муроҷиат мекард, ки минбаъд



низ ҳар шоми панҷшанбе ӯро ба ёд оварад.

Боре, ҳангоме ки Ҷон Веслӣ шашсола буд, дар хонаи кӯҳнаи шубон сӯхтор ба амал омад. Аз бинои сӯхтаистода ҳама гурехтанд, танҳо Ҷони хурдакак наменамуд. Падараш мехост ба даруни хонаи сӯхтаистода рафта кӯдакро ёбад, лекин ӯро нигоҳ доштанд, чунки болор ана мана нагуфта фурӯ мерафт.

Дар ин вақт Ҷони хурдакак хоб буд. Ҳангоме ки як тарафи хона афтид, вай аз садои баланд бедор шуд. Бачаяк ба тарафи тиреза давид. Азбаски дар наздикӣ нардбон набуд, ҳамсояҳо ба китфи ҳамдигар баромада, то ба тиреза наздик шуданд. Онҳо якчанд дақиқа пеш аз фурӯ ғалтидани боми хона бачаро наҷот дода тавонистанд. Ин воқеаро низ Ҷон муддати зиёд дар хотир дошт. Дертар вай сахт боварӣ дошт, ки он вақт Худо ҳаёти ӯро наҷот дод, чунки барои ӯ нақшаи махсусе дошт.

Ҳангоме ки Ҷон даҳсола буд, падараш ӯро барои омӯзиш ба Лондон ба мактаби Чартерҳаус овард. Дар он ҷо вай маълумоти беҳтарин гирифт, эҳтимол беҳтарин маълумоте ки он вақт дар Англия гирифтан мумкин буд. Вай забонҳои қадимӣ, математика ва илмҳои табиатшиносиро омӯхт.

### *Солҳои таҳсил дар Оксфорд*

Дар ҳабдаҳсолагӣ Ҷон мактабро хатм намуда, дар Донишгоҳи Оксфорд хонданро сар кард. Ӯ дар умраш аввалин бор соҳибихтиёр шуда буд.

Агарчи акнун вай бо дигар донишҷӯён вомехӯрд — дар байни онҳо бисёриҳо сабукфикрона ва бадахлоқона умр ба сар мебурданд — акнун вай исбот намуд, ки тарбияи масеҳиёна ба ҳаёти ӯ чӣ гуна таъсири калон расонидааст, ва бо тарзи зиндагии намунавӣ фарқ мекард.

Дар вақти омӯзиш Ҷон дӯстони зиёд пайдо кард. Дар муҳити худ вай фаъол ва доно буд, ба ғайр аз ин ӯ истеъдоди шоирӣ низ дошт. Аз ин сабаб ҷои тааҷҷуб нест, ки ӯ гули сари сабади ҳар базму ҷамъомад буд. Вай дар оилаҳои донишҷӯён-ҳамкурсонаш, ки дар наздикии донишгоҳ зиндагӣ мекарданд, ҳамеша меҳмони азиз буд.

Ҷон Веслӣ қарор дод, ки аз пайи бобокалон, бобо ва падари худ рафта, хизматчии рӯҳонӣ шавад. Аввалин мавъизаи худро вай дар як ҷамоати майдаи деҳаи Саут Лей гуфтааст.

Имтиҳонҳои давлатиро супорида, Ҷон Веслӣ дар аввал ҳамчун ёрдамчии падараш шуда, дар Линколншир кор кард. Баъд вайро узви Шӯрои Линколн-коллеҷ интихоб намуданд, ки муддати 25 сол вай ин вазифаро иҷро менамуд.

Дар ин вақт Ҷонро ҷамоатҳои англисӣ бо шаклҳо ва маросимҳои худ ҳарчи бештар ҷалб менамуд. Вай ба тарбияи ҷиддии динӣ диққати зиёд медод. Вай соати чори пагоҳӣ аз хоб мехест, мунтазам рӯза мегирифт, ва ба кор чунон сахт мечаспид, ки то тамом шудани қувваташ кор мекард. Вай маҳбусонро дар ҳабсхонаҳо, ки он вақтҳо шароити бисёр бад



доштанд, хабар мегирифт ва мехост, ки каме ҳам бошад дар зиндагии маҳбусон рӯшноӣ биёрад. Вай кӯдакони бесаробонро таълим медод. Бо вуҷуди ин фаъолияти хастанашавандаи динӣ ва ҳамаи мавъизаҳои хуб тайёр кардашуда, вай аз ҳиссиёте дур шуда наметавонист, ки зиндагии ӯ холӣ аст ва самаре барои ҳаёти абадӣ надорад. Вай миқдори зиёди халқро ба худ ҷалб карда наметавонист. Мавъизаҳои вай одамонро нав намегардонданд, виҷдонашон бедор намешуд ва яхи дилашон об намешуд.

Баъд аз чанд вақт бародари хурдии ӯ Чарлз низ барои хондан ба Оксфорд омад ва бо ҳамкории дигар донишҷӯён дар он ҷо гурӯҳеро барпо кард, ки "гурӯҳи муқаддасон" ном гирифт. Дар он ҷо онҳо барои дуо, омӯзиши Китоби Муқаддас ва фаҳмидани фикри ҳамдигар ҷамъ мешуданд. Онҳо мунтазам ба ибодат ва шоми Худованд мерафтанд. Бо мурури вақт дигар донишҷӯён тарзи зиндагии онҳоро дида, онҳоро "Методист" меномиданд.

### *"Воқеа дар Ҷорҷиа"*

Октябри соли 1735 Ҷон бо бародараш Чарлз ба Амрико рафтанд. Ҷон бояд дар вазифаи капеллан (шубон барои армия) дар Саванна иёлати Ҷорҷиа кор мекард; Чарлз бошад, бояд дар вазифаи котиби губернатор Оглторп, ки асосгузори ин иёлат ва генерал буд, ба кор медаромад. Ҷон мунтазам ҷамъомадҳои ибодат мегузаронд, ба хабаргирии ҳар хонадон мерафт,

ва барои фарзандони муҳоҷирон мактабҳо бунёд мекард. Вай ҳамчунин кӯшиш мекард ба раванди таълимии худ ҳиндуҳои Амрикоро низ ҷалб кунад, вале онҳо худро канор кашиданд.

Ҷон хеле фаъол буд, вале машҳур набуд. Вай ҳамеша дар ҷустуҷӯи муносибати дуруст бо Худо буд, гарчанде худаш инро дарк ҳам намекард.

Дар он вақт Чарлз Веслӣ бо губернатор ҷанҷол кард ва аз ин сабаб ба Англия баргашт; дере нагузашта бародараш Ҷон низ аз паси ӯ ба ватан баргашт. "Воқеа дар Ҷорҷиа" умедворона сар шуда, баъд аз ду сол бо ноумедии талх ба анҷом расид.

### *Ниҳоят, боварӣ ба наҷот*

Агарчи худи Ҷон ва бародари ӯ Чарлз имондорони устувор буданд, ягон нафари онҳо бо он фикр намезист, ки тамоми ҳаёти худро ба Худо бахшида бошад. Ҷон гаштаву баргашта ҳикояи тавба кардани Павлусро мехонд ва дуо мекард, то ба ӯ низ нур дурахшида, боварӣ бахшад, ки Исои Масеҳ, Худояш ӯро қабул кардааст. Ҳар ду бародар барои фаҳмидани ростӣ кӯшишҳои ҷиддӣ менамуданд. Дар охир онҳо боварӣ ҳосил карданд, ки Исо барои онҳо низ ҷони Худро фидо кардааст. Онҳо ба наҷот боварӣ пайдо карданд.

Аз он рӯз сар карда, барои Ҷон Веслӣ ҳама чиз тағйир ёфт. Хоҳиши ӯ ба дигарон расондани ин ҳиссиёти худ буд, ба онҳое ки то ҳол хурсандии ҳақиқиро дар Худованд аз сар



нагузарондаанд. Вай дар ҷамоатҳо ба мавъиза кардан сар кард. Ба мавъизаҳои вай одамони бисёр меомаданд. Мавъизаҳои ӯ чунон табиӣ ва боварибахш буданд, ки шахсоне ки зери бори зиндагии гуноҳкоронаи худ азият мекашиданд, тавба карда ба сӯи Худо бармегаштанд.

Аммо дигар рӯҳониёни ҷамоатҳои англисӣ бо мавъизаҳои ӯ розӣ набуданд. Онҳо дигар ӯро ба минбар роҳ намедоданд. Аз ин сабаб барои Ҷон ғайр аз мавъиза кардан дар ҳавои кушод илоҷе намонда буд.

Ба ҳар ҳол, аниқтараш маҳз аз ин сабаб ба шунидани ӯ одамони зиёд меомаданд.

### *Мавъизачии сафаркунанда*

Он вақт Ҷон бо асп дар тамоми Англия мегашт ва дар ҳама ҷо ҷасурона хушхабарро дар бораи Исо мавъиза менамуд. Вай дар толорҳои калон ва хурд, дар назди шунавандагони зиёд ва гурӯҳи хурд, хуллас ҳар ҷо ки имконият мешуд, мавъиза менамуд. Агар барои ӯ толор ёфт нашавад, ҷамъомадро дар ҳавои кушод, дар ҷое ки одамони зиёд ҷамъ шуда метавонистанд, таъин мекард. Агар ӯ дар асп танҳо сафар кунад, ҷилави аспро сар медод, то ки китоб хонда тавонад. Бисёре аз мавъизаҳои худро вай ҳамин тавр тайёр мекард ва дар айни замон омӯхтанро давом медод.

Азбаски то ҳол ҷамоатҳо ва ҷамоатҳои давлатии англисӣ барои Ҷон дастрас набуданд,

ӯ қарор дод, ки дар ҳар ҷое ки равад, дар он ҷойҳо хонаи шахсӣ барои ҷамоат созад. Ин биноҳо чунон лоиҳакашӣ шуда буданд, ки ҳамчун ҷамоат ва низ ҳамчун мактаб хизмат карда метавонистанд. Дар баъзе ибодатхонаҳо ҳамчунин ҷойҳо барои зисти муваққатии мавъизачиёни сафаркунанда пешбинӣ шуда буданд. Агар онҳо дигар ҷои рафтан намедоштанд, дар он ҷо метавонистанд шабро гузаронанд. Аспхонаро низ барои ячанд аспҳо фаромӯш накарда буданд.

Ҷон ба ҳар ҷое ки равад, барои шунидани ӯ одатан садҳо ва ҳатто ҳазорон одамон ҷамъ меомаданд. Баъди муддате маълум гашт, ки ин кори бузургро ӯ худаш танҳо давом дода наметавонад. Аз ин сабаб Ҷон ба ин кор мавъизачиёни худомӯзро пешниҳод намудан гирифт. Онҳо мардоне буданд, ки дар давоми ҳафта ба корҳои худ машғул шуда, рӯзи якшанбе мавъиза менамуданд. Онҳо музди кам мегирифтанд, сару либос ва тайёрии хуб надоштанд, шароити зиндагиашон хеле бад буд, лекин мардонагиашон ба қаҳрамонӣ баробар буд. Онҳо аксаран бо асп ва баъзан пиёда ба ҷойҳои дур сафар мекарданд. Ғайр аз ин ба таъқиботи сахт рӯ ба рӯ мешуданд. Ҳукуматдорон ҳамеша бо ғазаб бо онҳо ҷанҷол мекарданд ва баъзан онҳоро ба ҳабс мегирифтанд.



## *Веслӣ ба кӯдакон ва камбағалон ғамхорӣ мекунад*

Веслӣ нисбат ба кӯдакон ва ҷавонон ғамхории зиёд менамуд. Чун ба ягон шаҳр меомад, аввал дар атрофи худ кӯдаконро ҷамъ мекард. Танҳо пас аз он вай ба ҷамъомад шурӯъ мекард. Вай ҳамеша ба онҳо — зимнан ба калонсолон низ — мегуфт, ки онҳо бояд “имон дошта бошанд, дӯст доранд ва итоаткор бошанд”. Таваҷҷӯҳе, ки ӯ ба кӯдакон дошт, дертар ба ӯ имкон дод, то барои ҷавонон мактабҳо, хонаҳо ва парастишҳо бунёд кунад.

Он солҳо дар Англия бойҳо он қадар зиёд набуданд. Он вақтҳо табақаи хурди шахсони нисбатан сарватманд вуҷуд дошт, ва ниҳоят, оммаи васеи камбағалон, ки ҷои кор надоштанд, ё музди кам мегирифтанд. Онҳо дар қашшоқию камбағалӣ умр ба сар мебурданд, фарзандони онҳо харобу заиф ва ҷандапӯш буданд ва аксар вақт ба мактаб омада наметавонистанд. Ҷон Веслӣ нисбати эҳтиёҷоти онҳое ки аз ӯ кам доштанду мӯҳтоҷӣ мекашиданд, худро кару гунг вонамуд намекард. Худи ӯ сарфакорона ва хоксорона мезист, то ки маблағи зиёдатиро барои мӯҳтоҷон ҷудо кунад.

Баробари зиёдтар шудани кори ӯ, вазифаҳои иҷтимоиро Ҷон ба ӯҳдаи дигарон вогузор мекард. Вай ятимхона ва хонаҳо бунёд мекард, ки дар он ятимхонаҳо занҳои куҳансолро низ парасторӣ менамуданд. Вай бо кушодани дорухонаи ҷамъиятӣ ба камбағалон ёрӣ

расонда, шахсан худаш дору тақсим мекард. Дар байни методистҳои давлатманд вай хайрот, либос, маҳсулоти хӯрокворӣ ва сӯзишворӣ ҷамъ карда, онҳоро дар байни камбағалон ва беморон тақсим мекард.

Аммо фаъолияти Веслӣ танҳо бо Англия маҳдуд намешуд. Вай ба Ирландия, Амрико, Канада ва ба ҷазираҳои Вест-Индия сафар менамуд. Дар ҳама ҷо одамони зиёде ҷамъ меомаданд, то ӯро гӯш кунанд.

Азбаски Ҷон мефаҳмид, ки адабиёт барои расонидани хушхабар чӣ қадар арзишу аҳамияти зиёд дорад ва аз сабаби донишмандии худ вай ба эҷоди асарҳо низ шавқ дошт. Вай тақрибан 300 китоб дар мавзӯъҳои илоҳиёт, таърих, мантиқ, табиатшиносӣ, тиб ва мусиқӣ навиштааст. Ғайр аз ин вай як қатор асарҳои динӣ ба табъ расонидааст. Китобҳоро ба тарзи оддӣ оро дода буданд, то ки одамон бо нархи арзон харида тавонанд. Ин иқдом чунон паҳн шуд, ки Веслӣ дар охир тавонист нашриёти худро созмон диҳад. Минбаъд вай сурудҳои зиёдеро аз чоп баровард, ки як қисми онҳо ба қалами бародараш Чарлз тааллуқ доштанд.

Веслӣ 2-юми марти соли 1791 дар камоли пирӣ, дар синӣ 88 солагӣ аз дунё гузашт. Аммо кори шурӯънамудаи ӯро ҷамоати методистӣ зиёда аз 200 сол инҷониб давом дода истодааст. Худо меҳнат ва зиндагии ин марди Худоро баракат дод. Дар дили Ҷон Веслӣ ҳамеша



як хоҳиш ҷӯш мезад — мавъиза кардани хушхабар дар бораи Исои Масеҳ.

## *Давид Брайнерд*

*Миссионери ҳиндуҳои Амрико*

Давид Брайнерд дар оилае ки нӯҳ фарзанд дошт, писари сеюм буд. Волидонаш дар Гаддам, иёлати Коннектикут зиндагӣ мекарданд.

Давид писарбачаи шармгин ва мардумгурез буд. Вай ҳатто ҷуръат намекард, ки ба волидайнаш ба таври ошкоро дарди дил кунад. Вай ҳамаи саволҳоеро, ки ӯро ба ташвиш меоварданд, дар худ нигоҳ медошт. Ҳанӯз дар синни наврасӣ вай дарк мекард, ки дар муносибаташ бо Худо камбудие ҳаст. Фикрҳо дар бораи марг ӯро ба ҳарос меоварданд.

### *Худотарс, вале бе Худо*

Ҳангоме ки Давид ба синни нӯҳсолагӣ расид, падараш вафот кард, ва дар чордаҳсолагӣ ӯ модарашро низ аз даст дод. Ин маргҳо ӯро ба ҳолате оварданд, ки вай зиёдтар ба худ фурӯ рафт. Аз ҳама бештар ӯро саволе ба ташвиш меовард, ки чӣ тарз ӯ Худоро дарк карда метавонад. Вай дар бораи Худо медонист, лекин боварӣ надошт, ки ҳақиқатан Ӯро дарк намудааст. Ӯро ҳамеша фикри он азоб медод, ки дар зиндагии ӯ чизе намерасад.

Давид мунтазам ба ҷамоат мерафт. Вай инчунин бисёр дуо мекард ва бо ҷидду ҷаҳд Китоби Муқаддасро мехонд, аммо дар дилаш хурсандиву оромӣ ҳис намекард. Вай фаҳмид, ки то ҳол муносибатҳои худро бо Худо муайян



накардааст. Пас, чӣ бояд кунад?

Дар синни 19-солагӣ Давид дар мулки як фермер дар Дюрам ба кор сар кард. Вай дар он ҷо як сол зиста, қарор дод зиндагии сахтгиронаи динӣ ба сар барад. “Ман нисбат ба фикрҳо, суханҳо ва корҳои худ хеле ҷиддӣ будам, гумон мекардам, ки пурра худро ба Худо бахшидаам”. Лекин ба ҳамаи ин нигоҳ накарда вай хушбахтӣ наёфт.

Баъд аз он ки ӯ ба синни 21-солагӣ расид, ҳақиқатро дар бораи наҷот ба воситаи Исои Масеҳ фаҳмид. Охир аз ӯ чизе талаб карда намешуд; худаш худро наҷот дода наметавонист. Исо ҳангоми дар салиб мурданаш музди гуноҳҳои ӯро супурд. Ҳамаи он чи Худо аз ӯ талаб дошт, танҳо наҷотро қабул кардан ва зиндагии худро ба Ӯ бахшидан буд. Давид 12-уми июли соли 1739 ин қарорро қабул кард. Аз он лаҳза тамоми зиндагии ӯ дигаргун шуд.

### *Хориҷ шудан аз коллеҷ*

Сентябри соли 1739 Брайнерд дар Йейл-коллеҷ дар Ню-Гейвн ба таҳсили илм сар кард. Аммо дар соли сеюми хониш ӯро аз мактаб пеш карданд. Ин дар байни донишҷӯён қаҳру ғазаби зиёдро ба вуҷуд овард, зеро Давид на танҳо донишҷӯи фаъол, балки шоҳиди Исо низ буд. Ҳамааш аз он сар шуд, ки Давид бо чанд дӯстони наздики худ сӯҳбат дошт. Онҳо ошкоро муаллимеро маҳкум мекарданд, ки гузаронидани ҷамъомадҳои дуоро барои

донишҷӯён-масеҳиён дуруст намеҳисобид. Яке аз ҷавонон аз Давид пурсид, ки дар бораи ин муаллим чӣ фикр дорад. “Вай мисли ана ҳамин курсӣ дилгиркунанда аст”, — хашмгинона гуфт Давид. Донишҷӯи дигар пинҳонӣ ин гуфтугӯро шунид, ва ба зудӣ ин гап ба роҳбарият расид. Давидро ҷеғ зада гуфтанд, ки интихоб кунад: ё ба гуноҳи худ иқрор шавад, ё мактабро тарк кунад. Чун Давид бахшиш пурсиданро кашол медод, ӯро ҳамон замон аз коллеҷ хориҷ карданд. Баъд аз чор сол вай ба тамоми коллеҷ мактуби кушод навишта, дар он аз рафтори ҳамонвақтаи худ бахшиш пурсид.

### *Миссионери ҳиндуҳои Амрико*

Коллеҷро тарк карда, Давид дар хонаи як рӯҳонӣ зиндагӣ мекард, ва дар ҳамон ҷо омӯхтанро идома медод. Дар ин ҳангом вай оиди зиндагии ояндаи худ фикру андешаҳо мекард. Вай ҳоло ҳам мехост тамоми ҳаёти худро ба хизмати Худо бахшад. Агар ӯ рӯҳонӣ шудан нахоҳад, пас шояд миссионер шавад? Бо мурури вақт ӯ боварӣ ҳосил кард, ки хоҳиши Худо он аст, ки вай миссионер шавад. Як ҷамоати шотландӣ ӯро қабул карда, супориш дод, ки дар байни ҳиндуҳои Ню-Йорк, Ню-Ҷерси ва Пенсилвания фаъолият намояд.

Пеш аз ҳама ба Давид лозим буд, ки забони тамоман душвореро ёд гирад. Ин тоқати зиёдро талаб мекард, пешравиҳо тамоман кам буданд, барои он ки забон ба лаҳҷаҳои зиёд тақсим



мешуд. Вай ҳеҷ гоҳ ба ин забон озодона гап заданро ёд нагирифт ва ӯ бояд ба ҳиндуҳое такя мекард, ки каме бо забони англисӣ гап мезаданд ва ба ӯ тарҷума мекарданд.

### *Эҳтиёҷот ва ноумедиҳо*

На танҳо забони бегона барои ӯ монеа буд. Ҳиндуҳо ӯро на он қадар хуш қабул мекарданд. Онҳо нисбат ба ӯ ҳисси нобоварӣ доштанд, чунки сафедпӯстон дар гузашта ба онҳо бисёр бадӣ карда буданд. Акнун онҳо ба ягон сафедпӯст бовар намекарданд.

Мушкилии дигаре ки Давид дар вақти хизматаш рӯ ба рӯ шуд, табибон ё пешвоёни ҳиндуҳои Амрико буданд. Ҷодугарҳо, ки ба қавли онҳо, ҳама гуна қувваҳои сеҳру ҷоду зери итоати онҳост, ба зудӣ фаҳмиданд, ки мавъизаи хушхабар ба обрӯ ва эътибори онҳо зарари калон меоварад. Оҳиста-оҳиста бовари ҳиндуҳо ба ҷодугарҳо камтар мешуд ва онҳо бештар ба Исои Масеҳ имон меоварданд. Азоимхонҳоро ин сахт оташин мекард. Аз ин сабаб онҳо ҳамаи имкониятҳоро истифода мебурданд, то ки зиндагии масеҳиёни таҳҷоӣ ва Давидро мушкил намоянд.

Муваффақиятҳои Давид, бе шакку шубҳа, аз боиси ҳаёти ғайриоддии дуоии ӯ буд. Дуо барои ӯ чун нафас табиӣ буд; баъзан вай тамоми шаб дуо мекард. Вай дилмонда шуда, бисёр вақт дар ҳолати ноумедӣ, ғамгинӣ ва маъюсӣ буд. Чунин ба назар мерасид, ки ҳиндуҳои Амрико

нисбати хушхабар ва муҳаббати Худо тамоман бепарво мебошанд.

Кам касон ба мисли Давид Брайнерд дар байни бутпарастон вақт ва қувваи зиёди худро барои мавъизаи Хушхабар қурбон кардаанд. Замони дар байни ҳиндуҳо хизмат карданаш вай ягон рафиқе надошт, ки ба ӯ ҷасорат бахшад ва танҳо ба худаш умед мебаст. Бисёр вақт ӯ ба хатарҳо рӯ ба рӯ мегашт, таъмини маҳсулоти хӯроквори низ мушкилии зиёд дошт. Бисёр вақт ӯ бемор мешуд ва касе набуд, ки ба ӯ нигоҳубин намояд. Ин сабаби ғамгинӣ ва ноумедии ӯ мегашт. Аммо фикри тарк кардани кор ягон бор ба сараш наомада буд.

Яке аз тарҷумонони Давид ба шарофати кор бо ӯ дар бораи Исо бисёр шунид. Лекин Брайнерд медонист, ки ин ҷавон то ҳол Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул накардааст. Рӯзе ин ҳинду бо ҳаяҷони зиёд назди Брайнерд омада, пурсид: "Ман чӣ кор кунам, то наҷот ёбам?"

Миссионер ба ҷавон аниқ ҳамон гуна ҷавоб дод, ки Павлус ба сардори ҳабсхона дар Филиппӣ ҷавоб дода буд: "Ба Худованд Исо имон овар ва наҷот меёбӣ".

Ин ҷавон аз ҳама ҳамкори боваринок ва арзишманди ӯ гардид. Вай на танҳо тарҷумони Давид буд, балки барои беҳтар фаҳмидани фикрҳо, анъанаҳо ва урфу одатҳои ҳиндуҳои Амрико ба ӯ ёрӣ медод.



***Бедоршавӣ***

Худо ба тарзи ҳайратангез кори Брайнердро дар байни ҳиндуҳои Амрико баракат дод. Ғайричашмдошт — Давид сабаби инро фаҳмонда наметавонист — ҳиндуҳои Амрико ба ҷамоат меомадагӣ шуданд ва аз ӯ дар бораи наҷоти рӯҳи худ маслиҳат мепурсиданд. Ин бедоршавӣ тобистони соли 1745 сар шуд. Дар давоми чанд ҳафта мардуми таҳҷоӣ гурӯҳ-гурӯҳ ба назди ӯ меомаданд; бисёриҳо ба Исо рӯ оварданд. Аввалин бор Давид дар кори худ пешравиро дид.

Ин бедоршавӣ 8-уми август ба нуқтаи баландтарини худ расид. Он рӯз дар байни шунавандагони ӯ намояндагони ҳамаи синну сол иштирок доштанд. Бисёриҳо, ки солҳои зиёд майзадаҳо буданд, акнун омада буданд, ки Хушхабари наҷотбахшро шунида, зиндагии худро ба Исои Масеҳ супоранд. Муҳаббати самимонаи Давид Брайнерд самар овард. Ҳиндуҳои Амрико ҳис карданд, ки дар рӯ ба рӯи онҳо шахсест, ки аз ҳама чиз даст кашид, то ки Хушхабарро ба онҳо расонад.

9-уми октябри соли 1747 Давид Брайнерд аз бемории сил вафот кард. Агарчи вай ҳанӯз 30-сола нашуда буд, хизмати худро дар ин замин ба анҷом расонида, назди Худо рафт.

## *Ҷон Патон*

*Миссионер дар байни ваҳшиҳои баҳри Ҷанубӣ*

Ҷон Г. Патон 24-уми май дар ҷануби Шотландия дар кулбаи волидайнаш ба дунё омадааст. Падари вай ҷӯроббоф буд ва дар хонааш як устохонаи на чандон калон дошт, ки дар он ҷо чанд дастгоҳи ҷӯроббофӣ меистод.

Ин падар шахси махсусе буд: баъд аз хӯрокхӯрӣ ба ҳуҷрачаи кулбааш даромада барои ёздаҳ фарзандаш дуо мекард. Шомҳои якшанбе аҳли оила ҷамъ шуда, Китоби Муқаддасро мехонданд ва онро муҳокима менамуданд.

### *Дар мактаб*

Ҷон ҳанӯз 12-сола набуд, вақте бо розигии падару модараш мактаб рафтанро бас кард, чунки муаллими вай — шахси болаёқат, аммо дар айни замон бадҷаҳл ва бераҳм — бе ягон сабаби ҷиддӣ бачаро бераҳмона зарбу лат кард.

Аз он замон вай ёрдамчии падараш шуда кор мекард — аз соати шаши саҳарӣ то соати даҳи бегоҳӣ бо кор машғул мешуд ва танҳо барои хӯрокхӯрӣ корро қатъ менамуд. Дар вақтҳои холӣ ӯ ба омӯхтани забони лотинӣ ва юнонӣ машғул мешуд, зеро орзуи аз ҳама калони ӯ ягон вақт миссионер шудан буд.

Дар устохонаи падараш вай ду чизро омӯхт: аввалан, маҳорати касбро, сониян, ба мисли падараш дуо гуфтанро. Ҳангоме ки падараш дуо мегуфт, Ҷон Исои Худовандро ҳамчун Наҷотдиҳандаи шахсии худ мешинохт, гӯё ки Ӯ тамоман наздик бошад. Падараш бошад барои имон овардани одамоне ки дар кишварҳои дур зиндагӣ мекунанду то ҳол Каломи Худоро нашунидаанд, ҳамеша дуо мекард.

Ҷон аз модараш бовар карданро омӯхт, ки Исои Худованд оиди ҳар як майда-чуйдаи зиндагӣ ғамхорӣ менамояд. Рӯзе дар оила мӯҳтоҷии калоне буд. Дар Аврупо хушксолии калон шуд, чуноне ки он вақтҳо ин зуд-зуд рӯй медод, ва натиҷаҳои он барои бисёр одамон маънои гуруснагиро дошт, аз ҷумла барои оилаи Патонҳо низ. Кӯдаконро бе хӯроки шом хобондан лозим меомад. Лекин пеш аз он ки онҳо хоб раванд, модар аз дасташон дошта, гуфт ки вай дар бораи ҳама чиз ба Худо гап зад, ва Худо албатта пагоҳ барои онҳо хӯрок мефиристад.

Саҳарии барвақти рӯзи дигар дар назди дари онҳо як ароба бо аспҳо истод. Бо супориши бобояшон аробакаш як халта картошка, як халта орд ва панир оварда буд. Дар айни ҳол бобояшон намедонист, ки ҳамин вақт оила мӯҳтоҷӣ мекашад!

Модар бо кӯдакон зону зада, Худоро, ки ба дуои ӯ ҷавоб дод, ҳамду сано гуфт. Модар ҳамеша ба онҳо маслиҳат медод, ки тамоми умр мӯҳтоҷии худро ба Худо вогузор намоянд.

### *Аз нав дар мактаб*

Ҷон оқибат барои худ пул сарфа кард, то ки ақаллан бо танаффусҳо бошад ҳам, ба ҳар ҳол таҳсилро дар мактаб давом диҳад ва муаллим шавад. Дар як мактаби майда вай кӯдакони тамоман бесаробонро таълим медод. Собиқ ҳамкоронаш дар назди ин кӯдакони худраъй ва гарданшах зуд таслим мешуданд.

Вақти зиёде нагузашта ба ӯ лозим омад, ки аз имтиҳон гузарад. Ҷавоне бо духтаре ба мактаб меомаданд, гӯё барои таҳсил, аммо дар асл халал расондан мехостанд. Онҳо дар вақти дарс баланд гап мезаданд, ғавғо мебардоштанд, шӯхӣ мекарданд, ба сарзанишҳои муаллим Ҷон тамоман аҳамият намедоданд. Дар охир кор ба занозанӣ расид: бача бо мушт ба Ҷон ҳуҷум кард. Ҷон худро бо чӯб ҳимоя мекард, ва он ҷангара таслим шуда, ғамгинона ба ҷои худ рафта нишаст.

Аз он вақт дар мактаб оромӣ барқарор гашт. Талабагон муваффақият доштанд ва шумораашон чунон зиёд гашт, ки ягон муаллими нисбат ба Ҷон маълумотноктарро даъват кардан лозим меомад. Оё ин маънои онро дошт, ки Ҷон бе кор мемонад?

### *Дар миссияи шаҳрӣ*

Як рӯз пеш аз рӯзи охирини дар мактаб буданаш Ҷон мактуб гирифт. Боиси ҳайрати зиёди ӯ буд, ки дар мактуб пешниҳоди миссияи шаҳрии Глазго дарҷ гардида буд. Ӯро ҳамчун



миссионер ба як ноҳияи бенигоҳубинмонда фиристодан мехостанд. Ин нисбатан ғайриоддӣ аст, зеро ҳама корҳое ки Ҷон то ҳол мекард, як навъ тайёрӣ ба вазифаи наваш буд.

Лекин аз дигар тараф, кор дар миссияи шаҳрии Глазго як навъ тайёрии барои корҳои минбаъда дар байни ваҳшиён шуд. Сатҳи маънавии истиқоматкунандагони маҳаллаҳои камбағали Глазго тамоман паст буд. Онҳо зери итоати майпарастиву бадмастӣ ва гуноҳҳои зиёд қарор дошта, дар манзилҳои ифлос, торику ғамангези худ зиндагӣ мекарданд.

Баъд аз як соли меҳнати зиёд Ҷон ба чизе ноил нагашт. Ҳеҷ кас бовар намекард, ки дар дили ин дуздони беназорат, майзадаҳову бекорагардон ҳоло ҳам хоҳиши дигаргуншавӣ ҳаст. Лекин Ҷон хоҳиш намуд, ки ба ӯ боз ним сол вақт диҳанд.

Ва меарзид! Шумораи шахсоне ки дар анбор барои муҳокимаи Китоби Муқаддас ҷамъ меомаданд, зиёд мегашт, то вақте ки ҷамоат чанд хона харид, ки дар онҳо Ҷон Патон синфи омӯзиши Китоби Муқаддасро ташкил кард, ки дар он аз 70 то 100 нафар ҷавонон аз табақаи тамоман камбағали ҷамъият таҳсил менамуданд. Онҳо бо Хушхабар шинос мешуданд ва зери таъсири он рафтор ва ҳолати рӯҳониашон низ дигаргун мешуд. Рӯзҳои якшанбе бисёре аз онҳо барвақт мехестанд, то ки дӯстони навимонашонро барои омӯхтани Китоби Муқаддас биёранд.

Асосан Ҷон барои табобат кардани майзадаҳо кӯшиш мекард, чунки бисёр оилаҳо аз боиси майзада будани падар ё модарашон дар азоб буданд, ва аз ҳамин сабаб оилаҳои онҳо дар камбағалӣ мезистанд. Дертар баъзе аз онҳо аз ин маҳаллаи бенавоён кӯчиданд, чунки имконият пайдо намуданд манзили беҳтареро иҷора гиранд, ва Ҷон то ба ҷамоати нав ҳамроҳ шуданашон ба онҳо мадад мерасонд, ва баъд ҷамоати нав низ ба онҳо ёрӣ расонданро давом медод.

### *Қарор*

Кори худро давом дода, Ҷон ба маҳфилҳои хониши масеҳиён, ки дар Донишгоҳ мегузашт, мерафт. Дар он ҷо вай шунид, ки барои миссия дар байни ваҳшиёни ҷазираи Гебриди Нав миссионерҳо лозиманд.

Гурӯҳи ҷазираҳои Гебриди Нав дар куҷо ҷойгир аст? Глобусро аз Аврупо тахминан то нисф мегардонем ва аз нимкураи шимолӣ ба ҷанубӣ мегузарем, ва дар он ҷо Австралияро мекобем ва ангушти ишоратро каме болотар, ба баҳри Ҷанубӣ мегузаронем. Ана онҳо: ҷазираҳои Гебриди Нав.

Ҷон санҷида дид: оё меарзад, ки бенавоёнро дар ин маҳаллаи даҳшатнок тарк карда, барои ёрдам ба бутпарастони баҳри Ҷанубӣ, ки дар торикии ҷаҳолат зиндагӣ мекунанд, равад? Баъд, ногаҳон вай фикр кард, ки истиқоматкунандагони Англия ва Шотландия



Китоби Муқаддас доранд ва масеҳиён дар он ҷо зиёданд, ки ин бенавоён бо ёрии онҳо дар бораи Хушхабар фаҳмида метавонанд.

Бар хилофи ин, ҷазиранишинони баҳри Ҷанубӣ пайравони урфу одат ва ривоятҳои гузаштагони худ буданд. Онҳо ба рӯҳҳо ва худоён дуо мекарданд ва ба онҳо қурбониҳо меоварданд, ҳамдигарро мекуштанд ва мехӯрданд. Онҳо дар бораи раҳо шудан аз гуноҳҳо ба воситаи қурбонии Писари Худо, ки як дафъа ва барои ҳамеша оварда шудааст, чизе намедонистанд.

Миссияи шаҳрӣ ӯро боздоштан мехост. Ба ӯ хона ва маоши табъи дилашро пешниҳод карданд. Аз ӯ хоҳиш карданд, ки истад. Аммо акнун ӯ медонист, ки Худо мехоҳад ӯро ба нимкураи дигари замин барад.

Падару модараш ба ин чӣ мегуфта бошанд? Онҳо ба ӯ мактуб навиштанд ва аз он ба ӯ маълум шуд, ки аз вақти таваллуд шуданаш волидайнаш ваъда додаанд, ки ӯро ҳамчун миссионер барои бутпарастҳо ба Худо месупоранд.

Ва барои миссияи шаҳрӣ дар маҳаллаи бенавоён шахси дигар ёфт шуд: бародари ӯ Валтер аз касби савдогарӣ даст кашид, то ки нури Хушхабарро ба дили торики бенавотарин маҳаллаи Глазго расонад.

### *Гебриди Нав*

16-уми апрели соли 1858 Ҷон ва ҳамсари

ҷавони ӯ Мэри Энн Шотландияро дар саҳни киштии “Клута” тарк карданд. Дар давоми чоруним моҳ онҳо дар баҳр буданд ва дар охир ба соҳили ҷазираи Анейтюм расиданд. Бисёре сокинони ин ҷазира аллакай масеҳӣ шуда буданд.

Ҷон Патон ва зани ӯ бояд ҳамроҳи зану шавҳар – миссионерон Матисонҳо ба ҷазираи ҳамсояи Танна сокин мешуданд: Матисонҳо — дар ҷануби ҷазира, дар Квамера, Патонҳо бошанд — дар ҷануб, дар Порт Резолюшн ҷой мегирифтанд.

Патонҳо бо сокинони Танна зуд шинос шуданд. Маълум шуд, ки қабилаҳо дар вазъияти ҷанги ҳамешагии байниҳамдигарӣ қарор доранд: бо деҳаи ҳамсоя, бо қабилаи ҳамсоя, бо қабилаҳои дур ва бо ҷазираҳои ҳамсоя ҳамеша меҷанганд. Онҳо ваъдаи додаашонро тамоман ба ҷо намеоварданд, ва агар ба ҷо оваранд ҳам, танҳо қисман. Онҳо дарундор, маккор ва бераҳм буданд. Тани бараҳнаи холкӯбшудаи онҳо, маккорӣ ва одамхӯрии даҳшатовари онҳо чунон нафратовар буд, ки барои ба раҳмдилӣ табдил ёфтани нафрати Патонҳо нисбати ин одамон муддате даркор буд, чунки зиндагии ин мардум аз зиндагие ки Худованди Офаридгор нисбати инсонҳо муайян намудааст, ба куллӣ фарқ дошт.

### *Дар Танна*

Миссионерҳо барои худ дар қитъаҳои замини аз



пешвоён харидашуда кулбаҳои оддӣ месохтанд, сокинони аслиҳадор ҳамеша онҳоро безобита мекарданд. Рӯзе дар наздикии сохтмони онҳо задухӯрди хунин дар байни сокинони ду деҳа рӯй дод. Кушташудагонро дар наздикии чашмае ки миссионерҳо обашро истифода мебурданд, бирён карда хӯрданд. Об аз хун сурх шуд. Дар охир таннагиҳо занҳои кушташудагонро куштанд, то ки онҳо — аз рӯи имонашон — баъд аз марг барои шавҳарҳояшон “дар он дунё” хизмат карда тавонанд.

Миссионерҳои ба даҳшат омада фаҳмиданд, ки ин одамон то чӣ андоза мӯҳтоҷи рӯ овардан ба Худои зинда мебошанд. Аммо хатар ба худи онҳо низ таҳдид мекард, зеро аллакай соли 1839 аввалин миссионерҳоро дар ҷазираи Эрроманга кушта хӯрда буданд.

Миссионерҳо танҳо дар ҷазираи Анейтюм ҷойгир шуда тавонистанд. Дар он ҷо 3500 сокинони ҷазира бутҳои худро несту нобуд карда, аз одамхӯрӣ ва қатли занҳо даст кашида, ба Масеҳ рӯ оварда буданд. Ҳангоме ки Патонҳо ба ин ҷазира омаданд, ба масеҳиёни навимон аввалин нусхаҳои Китоби Муқаддас тақсим карда мешуданд.

Одамони таҳҷоӣ дар давоми 15 сол барои чопи Китоби Муқаддас худашон пул кор карданд, аз ин сабаб он аз дигарон дида барои онҳо қадру қимати зиёд доштанд.

Ду пешвои солхӯрда, Новар ва Ноука кори миссионерҳоро дар Танна дастгирӣ мекарданд,

аммо то ҳадде ки сарлашкари пуриқтидор Миакӣ ба онҳо имкон медод.

Истиқоматкунандагони Танна гумон мекарданд, ки пешвоёнашон бар марг ва зиндагӣ ҳукмфармоянд. Онҳоро чун “худоён” эътироф мекарданд, ки ба онҳо тӯҳфаҳо овардан ва бечуну чаро ба онҳо итоат кардан лозим буд. Ҳангоме ки миссионерҳо ба таннагиҳо дар бораи Худованди тавоно ва Писари Ӯ Исои Масеҳ нақл намуданро сар карданд, таннагиҳо бо шавқ ба онҳо гӯш мекарданд. Аммо ҳангоме сокинони ҷазира шуниданд, ки онҳо бояд аз худоёни худ ва аз урфу одатҳои шайтонии худ даст кашида, ба Худованди тавоно хизмат кунанд, ба таъқиб намудани миссионерҳо ва ҳамкорони онҳо шурӯъ намуданд. Ин таъқибот дар аввал ба таври махфӣ, вале баъдан ошкоро буда, дар охир ба натиҷаҳои хеле бад оварда расонд.

### *Табларза*

Ба зудӣ маълум гашт, ки ҷой барои сохтани хонаи Патонҳо нодуруст интихоб шуда будааст. Миссионерҳо чунин меҳисобиданд, ки дарахтони баланди нахл барои онҳо чун муҳофизати хуб хизмат мекунанд, аммо акнун маълум гашт, ки ботлоқи назди хонаи Патонҳо ҷои афзуншавии кӯрпашшаҳо будааст. Баъд аз се ҳафтаи таваллуд кардани аввалин кӯдаки худ, Мэрӣ Энн Патон аз варами шуш вафот кард, баъд аз се ҳафта писари хурдакаки ӯ Роберт низ аз хуруҷи сахти табларза вафот кард. Ҷон



Патон худаш онҳоро дар наздикии хонааш ба хок супурд.

### *Душворӣ*

Душманӣ байни сокинони ҷазира зиёд мешуд. Тӯфонҳои тропикӣ, селборонҳои сахт, табларза ва бемориҳо – ба ҳамаи ин, аз нуқтаи назари мардуми маҳаллӣ, миссионерҳо айбдор буданд. Чанд маротиба мардуми таҳҷоӣ Патон ва дӯсти ӯ миссионер Копеландро куштан мехостанд, лекин ҳамеша чизе онҳоро аз ин нияташон бозмедошт.

### *Гургҳои сафед*

Ҳанӯз пеш аз он ки дар ҷазираи баҳри Ҷанубӣ миссионерҳои аввалин пайдо шуданд, ба он ҷо киштиҳои англисӣ ва австралиягӣ меомаданд. Савдогарони сафедпӯст аз қабилаҳо чӯби сандал ва асирони ҳарбиро, ки онҳоро “канакҳо” ном мебурданд, бо нархи бениҳоят ночиз мехариданд ва дар дигар ҷойҳо ба ғуломӣ мефурӯхтанд. Савдогарон зӯрӣ, машрубот ва бемориҳои қасдан ба ҷазираҳо овардашударо истифода бурда, бадкирдориҳо менамуданд. Онҳо миссионерҳоро бад медиданд ва аҳолии маҳаллиро бар зидди онҳо бармеангехтанд. Аз онҳо сокинони ҷазира силоҳ низ мегирифтанд.

### *Афзудани мушкилиҳо*

Ҷон бо таннагиҳо оиди урфу одатҳои бади онҳо ва оиди муҳаббати Офаридгори онҳо, ки намехоҳад одамон ҳаёти худро дар ғуломии

гунох̣ ва марг гузаронанд, гаштаву баргашта сӯҳбат мекард.

Муносибати душманонаи пешво боз ҳам зиёдтар мешуд. Агар пешвои пир Новар миссионерро ҳимоя намекард, вай кайҳо қурбони зиёфати одамхӯрон мегашт. Бо вуҷуди ин, оҳиста-оҳиста қариб ҳамаи молу мулки Ҷонро дуздиданд. Ҳатто сарлашкари даҳшатнок Миакӣ низ аз ин кор ҳазар намекард. Чойники дуздидашуда ба Ҷон танҳо ҳамон вақт баргардонида шуд, ки вай пешниҳод кард, ки ҳар кӣ онро “ёбад”, ӯ ба вай кӯрпаи пашмии худро медиҳад. Кӣ чойникро овард? Худи Миакӣ, агарчи даҳони чойник аллакай гум шуда буд. Дар он сӯи ҷазира онро ба чизе иваз карда буданд.

Ҳамроҳи дигар муаллими содиқ аз мардуми таҳҷоии Анейтюм, ки Абраҳам ном дошт, Патон, ки то он вақт аллакай 14 ҳамлаи табларзаро аз сар гузаронда буд, дар теппа кулбаи нав сохт. Ҳангоми авҷи тайёрӣ вай боз он қадар ба хуруҷи сахти табларза гирифтор шуд, ки фикр кард аллакай мемирад. Бе Абраҳам ва зани ӯ эҳтимол ҳамин тавр ҳам мешуд. Лекин собиқ одамхӯр ба беморе ки ба марг наздик шуда буд, бо вафодории зиёд ғамхорӣ намуд. Ана чӣ тавр одамро наҷот ба воситаи хуни Исо дигаргун карда метавонад.

Сокинони Танна, баръакс, ба ӯ коре надоштанд. Онҳо боз ба як задухӯрди хунини беохири худ гирифтор буданд. Вақте ки Ҷон аз нав шифо ёфт бо аҳду паймон ва тӯҳфа задухӯрдҳоро қатъ кунонд. Душманон ҳатто ба ӯ иҷозат доданд, ки барои онҳо дуо кунад ва ба онҳо дар бораи Худо гап занад. Сулҳи давомноки гӯшношунид фаро расид, ки ҳамагӣ чор ҳафта давом кард, бинобар ин аҳолии маҳаллӣ тавонистанд дар хусуси тавораҳои заминҳои худ ва кишти решаи диоскорея ғамхорӣ намоянд.

Рӯзе саҳарии барвақт кулбаи Ҷонро одамони силоҳбадаст иҳота карданд. Пешво кӯтоҳ ва аниқ ба Ҷон фаҳмонд, ки онҳо барои куштани ӯ омадаанд. Онҳо шӯхӣ намекарданд! Ҷон бори дигар зону зад ва худро ба дасти Худованд, Ҳокими маргу зиндагӣ супурда, ба назди мардҳо баромад. Вай ба онҳо фаҳмонд, ки онҳо нисбати ӯ беадолатона рафтор менамоянд, ва ҳамин вақт пешво ногаҳон қарори худро дигар карда, эътироф намуд, ки Ҷон рост мегӯяд ва бо гурӯҳи худ аз он ҷо дур шуд.

На як бору ду бор одамхӯрони силоҳбадаст кӯшиши ба хонаи Патон зада даромаданро карданд, ва баъд онҳо фикр карда баромаданд, ки хонаро бояд сӯзонанд ва вақте ки ӯ аз хонаи сӯхтаистода давида мебарояд, ӯро бо калтак зада кушанд.

Намуррӣ, муаллими-масеҳии таҳҷоӣ, дар вақти ҳуҷуми маккорона сахт захмдор гашта буд. Патон ӯро табобат кард. Баъд аз он коҳини бутпараст бори дуюм ба ӯ ҳуҷум карда, ба ӯ захми марговар расонид. Дар дами марг Намуррӣ

барои таннагиҳо дуо гуфт. Дуои ӯ шунида шуд, агарчи хеле дертар.

### *Аввали охир*

Дар ивази понздаҳ шиме ки ба Ҷон Патон собиқ толибаҳояш аз Глазго равон карда буданд, вай аз Анейтюм ғӯлачӯбҳо харид, ки аз онҳо барои ибодат ва мактаб хона сохт. Таннагиҳо ин хонаро бад медиданд. Онҳо дар бораи Худованди тавоно чизе донистан намехостанд.

Бо ёрии асбоби чопкунии тӯҳфашуда Ҷон аввалин китоби хурдакакро бо забони таннагӣ чоп кард. Вай мехост, ки таннагиҳо Каломи Худоро худашон шунида ва хонда тавонанд. Лекин таннагиҳо дар бораи китобҳо ягон чиз шунидан намехостанд.

Ҳамлаҳо зиёдтар мешуданд. Баъзан кор ба ҷое мерасид, ки аз хона ва боғ баромадани Ҷон номумкин буд, зеро силоҳбадастон ӯро ба нишон мегирифтанд.

Савдогари бевиҷдони чӯби сандал аз Британия мардуми таҳҷоиро иғво ангехт, ки хонаи шинокунандаи Ҷонро шикананд ва қаиқи пурра таъмиркардаи ӯро, ки ягона воситаи алоқа бо муҳити атроф буд, дузданд.

Баъд аз ду соли кори миссионерӣ Патон ғайричашмдошт аз тарафи зану шавҳар Ҷонстонҳо, ки мехостанд дар Танна сеюм маркази миссионериро бунёд кунанд, мадад гирифт. Вале дар аввал онҳо барои омӯхтани забон дар хонаи ӯ сокин шуданд.



Ҳамин вақт чунин воқеъ шуд, ки як савдогари чӯби сандал ба Патон таъриф карда, гуфт, ки худи ҳозир чор нафар ҷавони гирифтори бемории сурхчаро дар бандари Танна фаровардааст. Бояд гуфт, ки барои халқи ваҳшӣ сурхча бемории марговар аст, чунки онҳо зидди он масуният (иммунитет) надоранд. Савдогар бо фиреб пешвои ҷавон Кепукуро, ки ҳимоятгари миссионерон Матисонҳо буд, бо ваъдае ки ба ӯ тӯҳфае дорад, ба саҳни киштии худ ҷалб намуда, дар муддати 24 соат ӯро дар он ҷо бе хӯрок дар ҳуҷрае ки пур аз шахсони гирифтори бемории сурхча буданд, нигоҳ дошт.

Бемории сурхча чун вабо ба тамоми ҷазира паҳн шуд. Дар баъзе деҳаҳо қариб касе намонда буд, ки ба беморони аз табларза бистаришуда каме об диҳад. Баъзе бемороне ки таби баланд доштанд, худро ба баҳр мепартофтанд, то ки салқин шаванд ва ҳамин тавр мемурданд, ва дигарон бо ҳамин ҳол худро ба замин гӯр мекарданду нафасгир шуда мемурданд.

Қаҳру ғазаби зиндамондаҳо ҳадду ҳудуд надошт. Онҳо нақшаҳои ҳилагарона мекашиданд. Аммо қурбонии онҳо на Ҷон, балки миссионери нав Ҷонстон гашт, ки ӯро аз пушташ бо санг заданд. Ӯ танҳо ба шарофати посбонии сагҳояш зинда монд. Худи Патон бошад, маҳз дар ҳамин вақт, ҳангоми кор бо табар захмин гашта буд.

Ҷаноби Ҷонсон зинда монда бошад ҳам, ба саломатии вай зарар расид. Вай тамоман

дигаргун шуда буд, бехобӣ мекашид ва баъд аз истеъмоли аз ҳад зиёди доруи осудакунанда ба ҳолати беҳушӣ афтода, дигар бедор нашуд. Марги ӯ барои Патон зарбаи даҳшатнок буд.

Вай боз танҳо монд! Илова ба ин ӯ бемор буд! Захми ӯ газак гирифта, варача сар шуд, ва гоҳо ӯ аз ҳуш мерафт. Ва боз Абраҳами пиру вафодор, собиқ одамхӯр аз Анейтюм, ӯро нигоҳубин кард. Дигар ҳамаи муаллимон аз Анейтюм, ё аз бемории сурхча ва бераҳмии таннагиҳо гурехтанд, ё аз бемории сурхча мурданд.

Сеяки аҳолии Танна қурбони бемории сурхча шуданд. Савдогарони чӯби сандал бемориро барои баромад бар зидди миссионерҳо истифода бурданд. Онҳо исроркорона ба сокинон талқин мекарданд, ки бемории сурхча ҷазо аз тарафи худоёни онҳо буд, ва то даме ки марказҳои миссионерӣ гум нашаванд, онҳо дигар ҳеҷ гоҳ ба Танна силоҳ ва тамоку намеоранд. Миссионерҳо барои онҳо таҳдиди ҷиддӣ шуда буданд, зеро онҳо ҷангҳои байни қабилаҳо ва хариду фурӯши одамро, ки барои савдогарон сарчашмаи бузурги даромад буд, маҳкум мекарданд.

Ҳамин вақт тӯфони бошиддат рух дод, ки натиҷаи он гуруснагӣ шуд. Дар ҷазираи ҳамсоя мардуми маҳаллӣ миссионер Гордонро куштанд. Яке аз савдогарон дар киштии худ ба Танна одамони маҳаллиро аз Эрроманга овард, ки корҳои нафратангези худро ситоиш



мекарданд ва пешвоёни Таннаро даъват менамуданд, ки ба онҳо пайравӣ намоянд. Ҳамаи ин барои таъқиботи минбаъда ҳамчун сигнал хизмат намуд.

Оё Ҷон Патон тарсро ҳис мекард? Бегуфтугӯ, ҳис мекард, лекин то он вақт вай чандин ҳуҷумро аз сар гузаронд ва марги чандин дӯстонашро ба чашми худ дид ва медонист, ки танҳо дасти Худо метавонад дар байни ин хатарҳо ӯро ҳимоят кунад. Агар мурдани ӯ лозим ояд чӣ? Оё ин чунин маъно дошта метавонад, ки акнун Худо ӯро ҳимоя намекунад ва аз ӯ рӯ гардондааст?

Не, Ҷон аниқ медонист: марг ё зиндагӣ, – роҳе ки худи Худо барои ӯ муайян намудааст, як қисми нақшаи бузурги Ӯ барои сокинони ҷазираҳои ҷанубӣ мебошад. Ҷон дар ин нақша танҳо санги сохтмонӣ аст.

Лекин ҳар чи шавад ҳам, Худо Ҷонро фаромӯш намекунад ва хоҳ ӯ бимирад, хоҳ зинда монад — бо ӯ ҳамон чиз рӯй медиҳад, ки ба фоидаи ӯ хизмат хоҳад кард.

Боз чизе буд, ки ба Ҷон мардонагӣ мебахшид. Ҳамчун мукофот ӯ ваъда дод, ки ба аввалин сокини маҳаллӣ, ки дар мактаби ӯ алифборо аз ёд мекунад, куртаи сурх тӯҳфа мекунад. Ва ин шахс пири қабила Инакакӣ буд, ки ҳама аз ӯ метарсиданд, ва ӯ аз ҳамон вақт ба омӯзонидани тамоми қабилаи худ сар кард.

Аммо сарлашкари бераҳм Миакӣ низ буд, ки ба пешвои Квамера чор хуки фарбеҳ фиристода буд. Бо фармони ӯ дар он ҷо бояд Матисонҳоро

мекуштанд, ва баъд вай дар охир ҳисобро бо Ҷон Патон баробар мекард...

### *Фирор аз Порт Резолюшн*

Дар қитъаи замини маркази миссионерӣ ҷанҷол байни чанд қабила рӯй дод. Ҳар кадоме исбот кардан мехост, ки ин қитъаи замин аз они онҳост. Барои созиш кардан миссионерҳо аллакай чанд маротиба нархи заминро пардохт намуда буданд.

Пешво Ян ба тарафдории Ҷон гузашт. Вай мехост барои Ҷон ҳамаи душманонро парронад, зеро аз он хавф дошт, ки баъди куштани Ҷон ҳама гуна ибодат дар Танна қатъ мегардад. Ҷон ӯро розӣ кунонд, ки сулҳро нигоҳ дорад, зеро намехост, ки аз боиси ӯ одамон кушта шаванд.

Миакӣ вонамуд кард, ки гӯё ба ҳамааш розӣ аст. Дар асл ӯ Нагаки бузургро зидди Ян иғво андохт, яъне ӯро “ҷоду” кард. Сабабаш ҳар чи бошад ҳам (Нагак бисёр вақт заҳрро истифода мебурд), Ян бениҳоят сахт касал шуд. Вай фармуд, ки Ҷонро даъват кунанд.

Вақте ки Ҷон омад, деҳа гӯё мурда буд. Танҳо Ян дар болои кӯрпача дароз кашида буд. Дар байни сӯҳбат вай ногаҳон дасти худро ба боми нишеби аз найшакар сохташуда дароз карда, корди калонеро кашида баровард. Бо дастони ларзон вай кордро ба қафаси синаи Ҷон нишон гирифт. Чанд дақиқаи пур аз тарс гузашт. Ҷон бо овоз дуо карда аз Худо ҳимоят мепурсид. Дар он вақт Ян дод зад: “Гум шав! Гум шав! Зудтар!”



Патон бо тамоми қувват то аз деҳаи беодам хеле дур шудан давид. Маълум гашт, ки набояд касе шоҳиди кушторе мешуд, ки Яни мурдаистода ба ҷо овардан мехост. Ин нақшаи маккорона буд, лекин Худо дасти пешворо нигоҳ дошт.

Миакӣ ғалабаи худро ҷашн мегирифт. Ин душман бартараф гардида буд. Ба наздикӣ навбати Ҷон мерасад. Задухӯрдҳои шадид аланга заданд. Миакӣ қабилаҳоро ба шӯр меовард. Ҳамаи масеҳиёнро мебоист кушта нобуд мекарданд! Дар вақти муҳорибаҳо Новар, ки ҳимоятгари масеҳиён буд, захмдор шуд. Новар аз Ҷон ва муаллими пир Абраҳам хоҳиш намуд, ки ба деҳаи ӯ гурезанд. Дар маркази миссионерӣ вай аллакай қудрати ҳимояи онҳоро надошт. Ҳамаи дороии Ҷон, дорую дармон ва китобҳояш дар маркази миссионерӣ монда буд. Онҳо ба таври доимӣ аз даст рафтанд... (Дертар савдогарони чӯби сандал онҳоро аз мардуми таҳҷоӣ дар ивази борут ва аслиҳа гирифтанд, ва ғайр аз якчанд китоби тамоман вайроншуда ба Ҷон ҳеҷ гоҳ чизе баргардонида нашуд!)

Маълум шуд, ки вазъият дар деҳаи Новар низ бехатар набуд. Издиҳоми беохири ҷанговарони бераҳм ба панҷараи чӯбини ба зудӣ сохташуда фишор меоварданд. Ҷон ва Абраҳам дуо мекарданд, чуноне ки дар ин гуна ҳолат дуо кардан мумкин аст. Ногаҳон ҷанговарон дар ҳақиқат бозистоданд ва ба қафо рафтанд.

Акнун онҳо ба дигар деҳаҳо ҳуҷум мекарданд, ки дар он ҷо бераҳмии онҳо ҳадду ҳудуд надошт. Пайрави Патон, Мануману ва қабилаи вайро лозим омад, ки барои ба масеҳият шавқ доштанашон сахт азоб кашанд.

Новар аз қасоси Миакӣ метарсид. Вай ба Ҷон ва Абраҳам маслиҳат дод, ки ба маркази ҷаноби Матисон гурезанд. Ҷонро лозим омад, ки шабро дар болои як дарахти пири булут гузаронад. Вай нидои сарбозон ва садои паррон-паррони милтиқҳоро аз дур мешунид, лекин дертар вай навишта буд, ки ҳеҷ гоҳ Худованд ба монанди ҳамон шаб дар дарахт, ки вай дар он ҷо наздикии Ӯро ҳис мекард ва бо Ӯ сӯҳбат карда тавонист, ин қадар ба ӯ наздик набуд.

Баъд аз гузаштани як поси шаб писари Новар гурезагонро ба соҳил овард. Ҷонро лозим омад, ки боз як бори дигар пули иҷораи заврақро диҳад. Ғайр аз гардан фуровардан ӯ дигар чизе карда наметавонист. Заврақи ӯро Миакӣ дуздида буд. Ҳангоме ки қаиқ ба об даровварда шуд, соҳиби он Аркурат белҳои заврақрониро надод. Ҷон аз Новар илтиҷо намуд, ки мусоидат намояд, то ки Аркурат ба ӯ бели заврақрониро диҳад. Лекин Новар китф дарҳам кашид: "Ӯ ҳамин хел аст! Мо ҳама ҳамин хел ҳастем!"

Дар охир ҳангоме ки баъзе касон бели заврақронии худро доданӣ шуданд, Аркурат заврақро додан нахост — ва дар он вақт яке аз онҳо ҳақиқатро баён кард: ин ҳама фиреб буд, зеро барои заврақ рондан бахр аз ҳад зиёд



нооором буд, Миакӣ бошад аллакай дар пушти харсанг, ки онҳо бояд дар он ҷо мефаромаданд, мунтазир буд.

Аммо дар роҳҳои хушкӣ низ дар ҳама ҷо камин гузошта буданд. Ҳамин тариқ, ягона имконияти хурди наҷот ёфтан заврақ буд. Бахр туғён мезад, гӯё талотумкунон меҷӯшид. Белзанҳои заврақ ҳаросон ва ноумед шуданд. Наход онҳо аз одамхӯрон барои он гурехтанд, ки хӯроки наҳангон гарданд? Не, нидо кард Ҷон. Дар нақшаи Худо чунин набояд бошад. Вай ба роҳбалади худ хотиррасон намуд, ки Исо Ҳукмфармои обҳо низ ҳаст. Онҳо боз ба белзанӣ даромаданд, лекин баъд аз панҷ соат ин панҷ нафар ба ҳамон ҷое ки аз он равона шуда буданд, омаданд. Онҳо тамоман беҳолу бемадор шуда, худро ба рӯи рег партофтанд ва ҳамон дам хобашон бурд.

Ҳангоме ки Ҷон дар хоб буд, чизҳои боқимондаи ӯро низ дуздиданд: Китоби Муқаддас ва тарҷумаҳо ба забони таннагӣ. Акнун танҳо роҳи хушкии пур аз одамони Миакӣ монда буд. Гурезаҳо ба язнаи Новар, Файминго ҳамроҳ шуданд. Новар ба онҳо ҳеҷ гуна хӯрок надод, ҳатто аз он чизҳое ки аз маркази миссионерӣ гирифта буд!

Онҳо ҳамеша ба гурӯҳҳои мухолифон рӯ ба рӯ мегаштанд. Аммо Файминго иҷозат намедод, ки ба миссионер ҳуҷум кунанд. Дар охир Файминго тамоман беҳол шуд, — вай ғанимати вазнинеро аз маркази миссионерӣ бо худ дошт,

— ва дар яке аз деҳаҳо қароргоҳ сохт. Ҳарорати ҳаво хеле баланд буд. Баъд аз чанд дақиқа бо фарёдҳои даҳшатовар як гурӯҳ ҷанговарон омаданд. Онҳоро Миакӣ фиристода буд, то ки ба миссионер ҳуҷум кунанд.

Санги партофташуда қариб ба сари Абраҳам мезад, калтак дар наздикӣ афтид. Лекин ягон нафари ҳамлакунандагон ҷасорат намекард аввалин шуда тир парронад. Душманони хунхор гурезагонро сахт печонда гирифта буданд. Зонуҳояшон ба ларза даромад, даҳшати марг онҳоро фаро гирифт, андешаҳо омехта шуданд, гӯшҳо садо медоданд, чашмҳо чин шуда буданд. Лекин Ҷон медонист ва ҳис мекард, ки Худо дар назди ӯст.

Дар охир Файминго ба ҳаракат даромад ва гурезагон ба ӯ пайравӣ намуданд. Аз ҳар ду тараф, аз пушт ва пеши онҳо душманон ҳай-ҳӯй бардошта, медавиданд. Ҷон худро ба мисли Дониёли Набӣ дар чоҳи шерон ҳис кард.

Ҳангоме ки онҳо аз ҷӯй ҷаста мегузаштанд, Ҷон, ки охирин буд, пешпо хӯрда афтод. Ҳамин вақт вай шунид, ки санги нӯгтезе аз байни буттазор парида гузашт ва қариб ба ӯ бархӯрда, ба соҳил афтод. Агар Ҷон намеафтид... Ҳамлакунандагон, ки сангҳои мепартофтаашон ҳамеша аниқ ба нишон мерасиданд, дар соҳили дигар хомӯшона истода буданд. Шояд онҳо фаҳмиданд, ки шахсеро, ки ӯро Худо муҳофизат мекунад, захмдор кардан ё куштан наметавонанд. Ба ҳар ҳол, гурӯҳ пароканда шуда, ба қафо баргашт.

Ҳамаи онҳоро ташнагии тоқатфарсо азоб медод. Лекин хам шуда, аз чашма об нӯшидан мумкин набуд. Пушт ба аҳолии маҳаллӣ гардонда хам шудан маънои ба куштор ангез додани онҳоро дошт. Агарчи Файминго ҳозир ҳимоятгари онҳо буд, дар ҳар лаҳза аз фикраш гашта метавонист.

Онҳо бо ӯ то ба деҳае ки вай зиндагӣ мекард, рафта метавонистанд. Акнун чанд ноҳияи дигарро гузаштан лозим меомад, ки дар он ҷойҳо қабилаҳои мухолифон мезистанд. Лекин дар яке аз деҳаҳо ба онҳо иҷозати гузаштан доданду садди роҳи онҳо нашуданд (дертар сокинони он ҷоро Миакӣ ҷазо дод), дар деҳаи дигар ҳамон вақт ҳамаи мардҳо ба ҷанг рафта буданд.

Ҳангоме ҷаноби Матисон шунид, ки ба онҳо муяссар шудааст назди ӯ оянд, давида ба пешвозашон баромад. Вай фикр мекард, ки онҳоро аллакай куштаанд. Матисонҳоро лозим омада буд, ки тифли ягонаи худро худашон ба хок супоранд...

### *Дар Квамера*

Ба сафедҳо маълум гашт, ки ба онҳо ва ба муаллимон аз Анейтюм лозим меоянд ҷазираро тарк кунанд. Ҳамаи ин нишонаҳои он буданд, ки шӯриш ба Квамера низ паҳн шудааст.

Чуноне ки ба масеҳиёни ба изтироб омада маълум гашт, Миакӣ дар ҷазира бадкирдориҳои

зиёд мекард. Ба огоҳиҳо ва мактубҳо нигоҳ накарда, савдогарони сафедпӯст ба бандари Квамера намедаромаданд. Онҳо мехостанд миссионерҳоеро, ки ба савдои онҳо халал мерасонданд, кушташуда бинанд.

Дар шаби 3-юм ба 4-уми феврали соли 1862 Клута, саги бовафои миссионер, Патонро аз хоб бедор кард. Ҷон бесадо ҷаноби Матисонро бедор кард. Онҳо якҷоя дуо карданд. Аз берун одамон бо машъал ба тарафи хона наздик мешуданд. Дигарон бинои ҷамоат ва девореро, ки аз бинои ҷамоат то бинои хона омада мечаспид, оташ заданд.

Ҷон бо табар аз хона давида баромад, то ки девори сӯхтаистодаро, пеш аз он ки оташ ба хона расад, шиканад. Ӯро ҳашт тан аз силоҳбадастон иҳота карданд. Онҳо "ӯро кушед, ӯро кушед!" – гӯён ҳамдигарро бармеангехтанд. Аммо Худо ӯро ҳимоя кард ва ягон нафар аз онҳо ба ӯ зарар расонида натавонист.

Дар ин дақиқаҳои пурдаҳшат аз дур садои раъду барқ ба гӯш расид. Вақти зиёде нагузашта аз ҷануб чунон шамоли сахт бархост, ки оташро аз бинои ҷамоат ба дигар тараф равона кард. Тӯфони пурталотум ба ҷазира фурӯ рехт. Ҷанговарон дар ҷояшон шах шуда монданд. Баъд машъалҳои худро партофта, "Худояшон бо онҳост!" гӯён, рӯ ба гурез ниҳоданд.

Пас аз ҳавои бад қаҳру ғазаби сокинони маҳаллӣ зиёд шуд. Онҳо бо мағал ва бадхашмӣ худро ба ҳуҷум ва қатл барангехта, рӯ ба сӯи



маркази миссионерӣ оварданд. Дар дақиқаҳои хавфноктарин нидое баланд шуд: "Киштӣ!" Бадхашмӣ қатъ гардид — ҷанговарон гурехтанд. Бист нафар одамони мусаллаҳ аз киштӣ ба заврақ нишаста, ба миссионерҳо наздик шуданд, то ки онҳоро наҷот диҳанд — агар онҳо ҳоло ҳам зинда монда бошанд. Аз боиси шаби тропикии ногаҳонӣ ҳар ду заврақи пурбор ҳангоми ба киштӣ баргаштан роҳгум заданд, зеро киштиро ҷараёни об ба ҷануб бурда буд. Заврақҳо дар лангаргоҳи Порт Резолюшн паноҳгоҳ ҷустанд. Худованд онҳоро наҷот дод.

Субҳи рӯзи дигар дар зери шуоъҳои офтоб заврақҳо ба баҳр хеле дур шино карда рафтанд, то ки берун аз хавфи тири милтиқ бошанд ва дар он ҷо омадани киштиро интизор шуданд.

Он гоҳ Новар ва Миакӣ ба сӯи заврақҳо заврақ ронданд. Миакӣ кӯшиш намуд Ҷонро бо ҳила ба хонаи миссионерӣ ҷалб кунад. Гӯё ӯ аз он ҷо чизҳои дастнарасидаи худро гирифта метавониста бошад. Чун дид ки, Ҷон ба доми фиреби ӯ намедароядв бо ғоратгарии худ худситоӣ карданро сар кард, ба таълимоти масеҳӣ лаънат хонд ва одамхӯриро ситоиш намуд. Бегоҳӣ аллакай киштии наҷотдиҳанда намудор гашт, ва Ҷон бори аввал тайи солҳои зиёд дар ҷазираи Анейтюм оиди бехатарии ҷонаш фикр накарда, шабро бароҳат гузаронд.

Дар ҳамон сол, дар натиҷаи шиддатнокии сахт, маҳрумиятҳо ва иқлими даҳшатовар зану шавҳар Матисонҳо яке пайи дигар вафот карданд. Барои

он ки сокинони Танна масеҳиятро қабул кунанд, боз солҳои зиёде лозим буд. Аммо барои Ҷон Патон роҳи наве кушода шуд.

### *Роҳи нав*

Миссионерҳо дар Анейтюм оиди он андеша менамуданд, ки дар оянда чӣ мекунанд. Саломатии Ҷон чандон хуб набуд ва онҳо ба қароре омаданд, ки ӯро барои муоличҷа ба Австралия равон кунанд ва дар айни замон барои миссия дар ҷазираи Гебриди Нав ҷалб намоянд. Воқеаҳо дар Танна нишон доданд, ки соҳиби киштӣ будани миссия хеле зарур аст, то ба савдогарон вобаста набошанд.

Дар чорабиниҳои зиёд дар ҷамоатҳо ва гурӯҳҳои кӯдакон дар Австралия Ҷон Патон дар бораи одамхӯрони Танна нақл мекард. Ба ин асосан кӯдакон диққати махсус медоданд. Он гоҳ Ҷон фармоиш дод, ки дар коғази аълосифат “саҳмия”-и хурде чоп кунанд, ки 6 пенс арзиш дошт. Онро ҳазорҳо кӯдакон хариданд ва ана ҳамин тавр, дертар онҳо бо ин маблағ соҳиби киштии миссионерӣ гаштанд. Баъд аз гузаштани бист сол аллакай фарзандони ин кӯдакон дар мактабҳои якшанбегии Австаралия бо хайроти на чандон калон ин киштии миссионериро дар Гебриди Нав дастгирӣ менамуданд.

Масеҳиёни австралиягӣ хоҳиши миссионер шуданро доштанд ва барои миссия пул медоданд. Оё акнун Ҷон ба Шотландия намеравад, то нақл кунад, ки мардуми баҳри



Ҷанубӣ дар чӣ гуна торикӣ зиндагӣ мекунанд? Тамоми орзуву умедҳо ба миссионерҳои нав буд. Дар охир дар Анейтюм аллакай 3500 нафар, дар ҷазираи Фиҷӣ 7000 нафар, дар Самоа бошад — 3400 нафар одамхӯр масеҳӣ шуданд.

### *Шотландия*

Баъд аз сафари тарсовари баҳрӣ 26-уми августи соли 1863 Ҷон Патон дар иншооти киштисозии Ост-индиягии Лондон аз киштӣ фаромад. Ӯро хуш қабул карданд. Миссионереро, ки борҳо аз дасти одамхӯрон қариб кушта мешуд, даъват намуданд, ки дар мактабҳои якшанбегӣ ва Донишгоҳҳо баромад кунад.

Ба Ҷон маълум буд, ки бисёре аз кӯдакон ҳанӯз аз давраи таҳсил дар мактабҳои якшанбегӣ қарор додаанд миссионер шаванду барои Исои Худованд дар байни бутпарастон хизмат кунанд. Аз ин сабаб вай дар Шотландия баҳри ҷамъ намудани пул барои сохтани киштии миссионерии “Субҳидам” иттифоқи мактабҳои якшанбегии кӯдаконаро бунёд кард. Дар бисёр оилаҳо қуттичаи пулҷамкунӣ пайдо шуданд, ки кӯдакон худашон ба он назорат мекарданд.

Дар вақти сафар ба канори шимолии Шотландия пойҳои Ҷонро хунук зад. Ӯро буридани пойҳо таҳдид мекард. Аммо баъд чӣ? Вазифаи ӯ чӣ мешавад? Вай вақти зиёде аз дарди ҷонкоҳ азоб мекашид, лекин дар охир

саломатии ӯ рӯ ба беҳбудӣ овард, ба дараҷае ки вай боз тавонист ба сафар барояд. Пеш аз он ки дар соли 1864 Шотландияро тарк кунад, Ҷон бо зани дуюми худ вохӯрд.

### *Анива*

Ноябри соли 1866 хизмати Патонҳо дар ҷазираи Анива, ки дар ҳамсоягии Танна ҷойгир буд, сар шуд. Анива яке аз ҷазираҳои Гебриди хурд ба шумор меравад. Вай дар иҳотаи обсангҳои марҷонӣ ҷойгир аст, ки баҳр бо ғурриши сахт рафта ба онҳо мезанад. Тамоми ҷазира аз оҳаксанги марҷонӣ таркиб ёфтааст. Дар ҷануби ҷазира вулқони хомӯшшудае ҷойгир аст. Ғайр аз он дар он ҷо кӯҳе нест, ки абрҳо ҷамъ шуда, селоби худро резанд. Ҳангоме ки гирдбодҳо ба ҷазира борон намеоваранд, он ҷо хушкӣ ҳукмфармо мешавад. Дар ин ҷо сабзаҳо аз боиси сернам будани ҳаво месабзанд. Аммо сокинони Анива дар бораи ҷӯйча, дарёча ва чашма ҳатто тасаввуроте надоранд.

Онҳоро дӯстона пешвоз гирифтанд. Барои оилае ки дар он вақт кӯдак таваллуд шуда буд, муаллимон аз Анейтюм кулбае сохтанд, ки дар айни замон бояд ҳамчун ҷой барои истиқомат, мактаб ва бинои ҷамоат хизмат мекард. Аммо аз Ҷон пӯшида намонд, ки ин макони паҳншавии "табларза" буд. Барои сохтмони хона вай ҷои балантарини ҷазираро интихоб намуд. Аммо сокинони ҷазира ин ҷойро ба ӯ фурӯхтан нахостанд. Ҳамин тавр Ҷон ҷои дигареро наздиктар ба соҳил интихоб намуд. Вақте ки Ҷон ва ёрдамчиҳои ӯ барои таҳкурсии хона чуқурӣ мекофтанд, анивагиҳо аз ҷои сохтмон дар масофаи муайян, ба ҳамдигар зич шуда, меистоданд. Онҳо кунҷковона, интизори ҷазои даҳшатноке буданд, ки худоён бояд ба сари сохтмончиён мерехтанд, чунки... ҷои сохтмон муқаддас ҳисобида мешуд, дар он ҷо боқимондаи базмҳои одамхӯриро гӯр мекарданд. Аммо чизе нашуд!

Чӣ тавре ки анивагиҳо боварӣ ҳосил намуданд, аз афти кор, Худои миссионерҳо аз худоҳои онҳо тавонотар аст. Дертар ба Ҷон маълум гашт, ки чаро ӯ ба зудӣ барои сохтмон ҷой гирифта тавонист: пешвоён умедвор буданд, ки худоён ҷои муқаддасро ҳимоя мекунанд, ва онҳо ба Патон ҷазои марговаре мефиристанд, ва ин ба онҳо ёрӣ медиҳад, то чизу чораи миссионерро бе мушкилӣ аз худ кунанд.

### *Қадамҳои аввалин дар Анива*

Акнун ба Ҷон лозим меомад, ки боз забон омӯзад. Дар Танна ба таннагӣ ҳарф мезаданд, ва дар Анива бошад — ба анивагӣ. Пешвои пир ба Ҷон ёрӣ медод, то забони онҳоро аз худ кунад, чунки худаш мехост хонданро омӯзад, вале барои ин дар аввал забони хаттии анивагиро бунёд кардан лозим буд. Анивагиҳо, бар хилофи таннагиҳо, дузду ғоратгар набуданд,

лекин онҳо низ кор кардан намехостанд.

Аммо, дар ин ҷо низ душманон буданд. Ҷон якчанд бор ба дасти як сокини маҳаллӣ афтода буд, ки бо гурзи худ ӯро задан мехост, ё шахсеро, ки мили милтиқро ба ӯ рост мекард, то вақти фурӯ нишастани қаҳру ғазаби он шахс дошта меистод. Мили милтиқҳои ба тарафи ӯ ростшударо ӯ боло мебардошт ва тири марговар дар ҳаво нопадид мегашт. Аз боиси қаҳру ғазаб сокинони маҳаллӣ хостанд боми хонаи ӯро оташ зананд, зеро акнун ба онҳо иҷозат дода намешуд, ки сангҳоро парастиш кунанд. Лекин чун дар Танна, дасти паноҳдиҳандаи Худо бар ӯ буд.

### *Об барои Анива*

Дар охир Худо барои ламс намудани сокинони Анива воқеаи махсусеро истифода бурд. Чӣ тавре ки дар боло зикр шуд, дар ҷазира чашма, дарёча ё ҷӯйчае набуд, ки анивагиҳо оби софро гирифта тавонанд. Вақте ки дар мавсими боронгариҳо (аз моҳи декабр то моҳи апрел) боришҳои сахт мешуд, сокинони ҷазира оби нӯшокӣ захира мекарданд. Табиист, ки он зуд сарф мешуд. Агар он зиёд нигоҳ дошта шавад, бактерияҳо дар он зуд паҳн мешуданд, ва анивагиҳо аз касалиҳои сахт азоб мекашиданд. Касе ки аз ташнагӣ азоб мекашид, шираи меваи дарахти нахлро менӯшид ё найшакарро мехоид.

Аз ин сабаб Ҷон Патон хост чоҳ кобад. Оилаи ӯ ба оби тоза эҳтиёҷ дошт. Чоҳ!? Барои анивагиҳо



ин мафҳуми нофаҳмое буд! Сокинони ҷазира ба Ҷон мегуфтанд, ки борон танҳо аз боло меборад, на аз замин! Пешвоён боварӣ доштанд, ки миссионер аз ақл бегона шудааст. Онҳо хоҳиш менамуданд, ки дар бораи ин гуна чизҳо ба онҳо гап назанад — вагарна ҳеҷ як ҷазиранишин ба мавъизаҳои ӯ гӯш намедиҳад!

Аммо Ҷон ба кор сар кард. Дар аввал вай оиди он дуо кард, ки ҷойро дуруст интихоб намояд, баъд вай чунин ҷоеро интихоб намуд, ки аз ҳар тараф намоён бошад. Вай сатил ба сатил хоки нармро берун бароварда, ба дарун чуқуртар мерафт, дар ҳоле ки ҷазиранишинони каму беш хайрхоҳ бо эҳтиёткорӣ ва шавқ кори ӯро мушоҳида мекарданд. Аз афташ, онҳо ҳақ буданд. Наход, ки дар ҷазираи Анива ҳақиқатан оби нӯшиданӣ набошад? Ҳангоме ки вай ба ҳар ҳол ба об наздик мешуд, оё ин оби намакини барои истифода ношоям набуд? Ҷон беист дуо мекард. Масъала на танҳо ба об, балки ба эътибори Худо низ дахл дошт. Ва дар охир аз қаъри чоҳ оҳиста-оҳиста об ба боло баромад, оби нӯшиданӣ. Чоҳи Худо! “Борон” аз замин!

Акнун пешвои анивагӣ Намакай боварӣ ҳосил кард, ки агар Худои Офаринанда ба анивагиҳо боронро аз замин тӯҳфа карда тавониста бошад, бахшидани гуноҳҳои онҳо низ барои Ӯ кори мушкил нест. Дар Анива боз мӯъҷизаҳои зиёде ба амал омаданд: оҳиста-оҳиста одамхӯрон масеҳӣ шуда, ба зиндагии нав сар карданд.

Масалан, Назӣ — одамкуши даҳшатнок

ва одамхӯр — масеҳӣ шуд, бо шавқ Китоби Муқаддасро мехонд ва дар охир онро ба дигар анивагиҳо фаҳмонда метавонистагӣ шуд. Ҷон ба мақсадаш расид: одамхӯронро назди Исои Масеҳ овард.

"Онҳоеро, ки барои мамот гирифта шудаанд, халос кун, ва маҳкумони қатлро кошки маҳфуз медоштӣ!

Агар гӯӣ, ки "инро надонистаам", Санҷандаи дилҳо, охир, мефаҳмад, ва Нигаҳбони ҷони ту медонад, ва ба одам мувофиқи аъмоли вай подош медиҳад" (Масалҳо 24:11-12).



## *Чарлз Г. Сперҷен*

*Мавъизачии марҳамати Худо*

Чарлз Ҳэддон Сперҷен, 19-уми июни соли 1834 дар Келведен дар вилояти Эссекси Англия таваллуд шуда, айёми кӯдакии худро дар хонаи бобову бибиаш гузаронидааст.

Падари Чарлз Сперҷен, Ҷон ба мисли бобояш Ҷеймс мавъизачӣ буд. Аз ин сабаб ҷои ҳайрат нест, ки Чарлз низ аз худи аввал ба ин ҷабҳа муқаррар карда шуда буд.

### *Аввалин солҳои зиндагӣ дар хонаи бобову бибӣ*

Бобояш, Ҷеймс Сперҷен 54 сол дар як ҷамоати хурде мавъизачӣ буд. Падари Чарлз низ рӯзҳои якшанбе мавъиза мекард. Ин хизмате буд, ки вай муддати 16 сол бо он машғул буд. Дар рӯзҳои муқаррарӣ вай дар кони ангишт ангиштткан шуда кор мекард. Вай 15 фарзанд дошт, ки нӯҳтои онҳо бармаҳал аз дунё гузаштанд.

Ҳангоме ки Чарлзи хурдакак 18-моҳа буд, ӯро ба хонаи шубон ба Стамбурн оварданд. Холаи ӯ Анна, ки низ дар он ҷо зиндагӣ мекард, вақти зиёди худро бо ӯ мегузаронд; вай ба ӯ навиштан ва аз ёд намудани бисёр чизҳоро меомӯхт.

Дар синни ҳафтсолагӣ Чарлз ба назди волидайни худ баргашт, лекин бисёр таътилҳои минбаъдаи худро дар хонаи бобову бибиаш мегузаронд.

Айёми кӯдакӣ дар Стамбурн ба хислати Чарлз нақши худро гузоштааст. Он вақт ӯ бештар ғамгин буд, ки ба ӯ лозим меояд бобояшро тарк кунад.

Ҳангоме ки ӯ ба Колчестер, ба хонаашон баргашт, дар оилаи Сперҷенҳо боз се нафар кӯдак таваллуд шуда буд: ду духтар ва як писар, ки бародари калони худро хеле эҳтиром мекарданд.

### *Бачаи боистеъдод ва боғайрат*

Дар аввал Чарлз ба мактаби хонум Кук ном зане мерафт, аммо ҳангоме ки дар он ҷо барояш чизи омӯхтанӣ намонд, ӯро ба дигар мактаб фиристоданд. Он ҷо ба ӯ дар синни даҳсолагӣ барои муваффақият дар забони англисӣ аввалин ҷоиза дода шуд.

Дар синни чордаҳсолагӣ Чарлз ва яке аз бародарони ӯро ба мактаб дар Мейдстоун, ки дар он ҷо амаки ӯ дарс медод, фиристоданд. Дар он ҷо низ ӯ дар чунин фанҳо, ба мисли хондан, навиштан, қоидаҳои хат, грамматикаи забонҳои юнонӣ ва лотинӣ, ва низ дар фалсафа муваффақ шуд.

Он замон қобилияти риёзии ӯ ба дараҷае хуб буд, ки ба ӯ ҳисобу китоб кардани ҷадвалҳоеро супурданд, ки ҳоло ҳам дар яке аз ҷамъиятҳои суғуртавии Лондон истифода мешаванд.

Сперҷени ҷавон мақсади зиндагиро ҷиддӣ ҷустуҷӯ мекард. Дар байни даҳсолагӣ ва понздаҳсолагӣ вай бисёр илмҳоеро аз худ намуд, ки дигарон тамоми умри худро барои аз худ намудани он сарф мекунанд.

Вай гуфта буд: “Ман бояд иқрор шавам, ки агар ин ба ман вобаста мебуд, ҳеҷ гоҳ Исои Худовандро намеёфтам. То даме ки ба ман муяссар мегардид, ман саркаш, исёнкор ва мухолифи Худо будам. Ҳангоме Ӯ мехост, ки ман дуо кунам, ман инро намехостам; ҳангоме Ӯ мехост, ки ман Каломи Ӯро барои мавъиза тайёр кунам, ман ба ин муқобилат мекардам. Аммо ҳангоме ки Хушхабарро дар бораи наҷот дар Исо мешунидам, аз ду чашмам ашк ҷорӣ мегашт, лекин ман онҳоро пок намуда, дили худро сахттар менамудам. Исои Масеҳ хеле пеш аз замоне ки ман ба Ӯ наздик шудам, дари дили маро тақ-тақ мекард”.

Чарлз ба шарофати модари худ аввалин бор ба чизҳои рӯҳонӣ шавқу рағбат пайдо карда буд. Модар бо ӯ дуо карда, дар бораи Исо нақл мекард.

Рӯзҳои якшанбе шомгоҳон хонум Сперҷен одатан кӯдаконро дар гирди миз ҷамъ карда, ба онҳо Каломи Худоро мехонд ва ҳар оятро маънидод мекард. Дертар Чарлз мегӯяд, ки бисёр ибораҳоро аз дуоҳои модарашон ӯ ва бародару хоҳаронаш тамоми умр дар хотир доштанд.

### *“Ба Исо нигоҳ кун!”*

Ниҳоят, 6-уми январи соли 1850 Чарлз Ҳэддон Сперҷен Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ

қабул кард. Дар он рӯз вай ба як ҷамоати муайян мерафт. Аммо азбаски дар роҳ гирдбод пеши роҳашро гирифт, ӯ хост ба ҷамоати дигар, ки дар наздикӣ буд, равад. Ба он ҷамоат даромада ӯ дид, ки дар он на зиёда аз понздаҳ нафар одам ҳаст.

Азбаски аз сабаби бархостани гирдбод мавъизачӣ наомада буд, ба минбар мӯзадӯз баромада, парастишро сар кард. Вай Каломи Худоро дар мавзӯи Ишаъё 45:22: “Ба сӯи Ман баргардед ва наҷот хоҳед ёфт, эй тамоми канорҳои замин!” хонд.

Ҳангоми мавъиза ин мард бо ангушташ ба Чарлзи ҷавон ишорат намуда гуфт: “Эй ҷавон, ту ранҷу азоб дорӣ. Рӯ ба Исои Масеҳ биёр. Ба Ӯ нигоҳ кун! Ба Ӯ рӯ овар!”

Сперҷен итоат намуда, дил ва ҳаёти худро ба Исои Худованд бахшид. Худи ҳамон рӯзи якшанбе вай қарор дод, ки мавъизачии Каломи Худо мегардад.

3-уми майи соли 1851 дар рӯзи таваллуди модараш вай ғӯтаи таъмид гирифт. Пеш аз ин вай фаҳмонд: “Виҷдонам маро бовар кунонд, ки қарзи ман — бо ғӯтаи таъмид дар Масеҳ дафн шудан аст, агарчи боварӣ дорам, ки барои наҷот ғӯтаи таъмид чизи асосӣ нест”.

Чарлз дарҳол ба хизмати Худои худ сар кард; вай дар мактаби якшанбегӣ дар синфи бачаҳо дарс медод, ба одамон китобчаҳо тақсим мекард ва аз аҳволи беморон хабар мегирифт.



### *Мавъизачӣ— дар шонздаҳсолагӣ*

Замоне Сперҷен гуфта буд —“Ҳеҷ вақте ба мисли соатҳои аввали рӯз барои кор беҳтар ва пурмаҳсултар нест, ва ҳеҷ вақте ба мисли давраи ҷавонӣ барои хизмати Худо мувофиқтар нест”. Барои хондани Китоби Муқаддас ва дуо вай аз рӯи одат саҳарии барвақт мехест. Вақти боқимондаро ӯ ба омӯзиш мебахшид. Бегоҳӣ вай Каломи Худоро мавъиза мекард.

Дар синни шонздаҳсолагӣ вай ба иттиҳодияе дохил шуд, ки худро “Иттифоқи мавъизачиёни худомӯз” ном мебурданд. Аввалин мавъизаи худро вай дар хонае дар наздикии Кембриҷ гуфтааст. Обрӯву эътибори “мавъизачиёни худомӯз” зуд зиёд мешуд. Дере нагузашта вай дар сенздаҳ ҷой – дар ибодатхонаҳои хурд, хонаҳо ва дар зери осмони соф, ҳамеша шомгоҳон, баъд аз тамом шудани корҳо дар мактаб мавъиза мекард.

Соли 1852 вай аввалин мақоми коҳинро дар Уотербич сазовор гашт, ки он даҳ километр дуртар аз Кембриҷ ҷойгир буд. Якшанбеи аввалин на зиёда аз дувоздаҳ нафар ба ибодат омаданд, аммо ба зудӣ ҳамааш дигаргун шуд.

Бинои ҷамоат, ки пештар анбор буд, бо курсӣ ва минбар ҷиҳозонида шуда буд. Маоши мавъизачии ҷавон дар як моҳ тақрибан 80 марка буд; ва боз аъзоёни ҷамоат гоҳ-гоҳ ӯро бо хӯрокворӣ таъмин менамуданд.

Сперҷен дар ин ҷамоат ба муддати дуюним сол мавъизачӣ буд. Ҳангоме ки вай хизмати

худро сар кард, дар шаҳр майпарастӣ, сабукфикрӣ ва дигар гуноҳҳо ҳукмфармо буданд. Аммо ба зудӣ вазъият дигар шуд. Ҳар якшанбе ибодатхонаи хурд пур аз одам мешуд. Одамон ба гуноҳҳои худ сарфаҳм рафта, хоҳиш доштанд сӯи Худо баргарданд.

Аввалин шахсе ки ба воситаи мавъизаи Сперҷен тавба кард, ҳамсари як коргар буд. Вай ин ҷони тавбакардаро нисбат ба онҳое ки баъд аз ӯ тавба намуданд, бештар қадр мекард. "Ман худро чун писараке ҳис мекардам, ки аввалин тангаи музди меҳнати худро ба даст овард, ё чун шиноваре ки дар қаҳри баҳр ғӯта хӯрда, марвориди нодиреро ёфт".

### *Дар Лондон*

Дар синни 19-солагӣ Сперҷен дар назди устодони мактаби якшанбегӣ дар Кембриҷ суханронӣ намуд. Баъд аз ин мардони солхӯрда ӯро зери танқид гирифтанд, онҳо мегуфтанд, ки ӯ ҳақ надорад калонсолонро насиҳат кунад. Онҳо ба ӯ гуфтанд, ки хуб мебуд, ки вай ҳеҷ набошад то вақти калон шудан ва риш баровarданаш дар ҷамоати худаш мемонд.

Аммо, натиҷаи мусбати ин баромад он буд, ки ӯ ба яке аз ҷамоатҳои Лондон даъватнома гирифт. Сухан дар бораи яке аз ҷамоатҳои баптистӣ мерафт, яке аз шаш ҷамоати дорои зиёда аз 300 аъзо.

Азбаски ҷамоат дар як ҷои номувофиқ ҷойгир буд, чанд вақт боз омадани аъзоён ба парастиш хеле суст шуда буд. Дар ин ҷамоат се моҳ инҷониб мавъизачӣ набуд. Яке аз шахсоне ки суханронии Сперҷенро шунида буд, ходими ҷамоати Лондон буда, дар ҷамоати худ гуфт: "Агар хоҳед, ки дар ҷамоатҳои шумо ҳама ҷойҳо боз пур шаванд, Сперҷен ном ҷавонеро, ки мавъизаашро ман дар Кембриҷ шунидам, даъват намоед".

Даъвати дар ҷамоати калон мавъизачӣ шудан шахси ҷавонро чунон ба ҳайрат овард, ки вай ба худ савол дода мепурсид, ки оё ягон хатое нашудааст.

Бо почтаи фаврӣ вай ҷавоби кӯтоҳе гирифт: "Мо маҳз шуморо дар назар дорем. Хатое нашудааст!"

Ҳоло ҳам шубҳакунон, ки шояд ба ҳар ҳол хатое шуда бошад, Сперҷен ваъда дод, ки 18-уми декабри соли 1853 меояд ва мавъиза мекунад.

Пас аз қабули на чандон хуб ӯ дар лаҳзаи охир ба васвасае дучор шуд, ки даст кашад. Дар пеши ҷамоате ки на он қадар хуб ҷамъ шуда буданд (тақрибан 80 нафар омада буданд), вай боз бовариро ба даст овард ва ҷиддию софдилона Каломи Худоро мавъиза кард.

Хабар дар бораи ҷавони олиҷаноб аз мардуми маҳаллӣ зуд ба гирду атроф паҳн шуд. Баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ одамон ба хабаргирии дӯстони худ рафтанд ва онҳоро ба парастиши бегоҳирӯзӣ даъват карданд ва дар натиҷа ба ҷамоати бегоҳирӯзӣ одамони зиёде омаданд.

Дар байни шунавандагон зани ҷавоне ҳузур дошт, ки дертар ҳамсари бовафои ӯ гардид.

Одамон чунон ба ваҷд омада буданд, ки пароканда шудан намехостанд, то вақте ки хизматгузорон онҳоро бовар кунонданд, ки ҳамаи чораҳоро меандешанд, то мавъизачиро боз даъват намоянд.

То ин рӯз, аз он вақте ки дар ин ҷамоат ҷои мавъизачӣ холӣ монда буд, дар тӯли чандин моҳҳо ягон нафар аз мавъизачиёни даъватшударо дубора таклиф накарда буданд. Аммо Сперҷен боз омад, ва маҳз дар якшанбеи 1-ум, 3-ум ва 5-уми моҳи январи соли 1854.

Хизмати вай чунон ба ҳама писанд омад, ки аллакай 24-уми январ ба ӯ пешниҳод карданд, то ҷамоатро ба муддати шаш моҳ ба ӯҳдаи худ гирад ва баъд шояд барои ҳамеша дар ин ҷо монад.

Шаш моҳ нагузашта аллакай шӯрои бародарон дар маҷлиси фаврӣ ҷамъ омаданд. Дар маҷлис қарор қабул шуд, то аз Сперҷен хоҳиш карда шавад, ки дар ҷамоати онҳо ба таври доимӣ мавъизагӯӣ кунад.

Ҷамоат дар кӯчаи Ню Парк аллакай аз худи аввал тамоман пур шуда буд. Дар шаш шоми якшанбеи минбаъда одамон дар кӯча паҳлӯ ба паҳлӯ ҷафс шуда меистоданд.

Ҳамаи ин ба Чарлз Сперҷен бисёр мушкил буд, чунки вай барои бо овози баланд ба халқ муроҷиат намудан овози баланд надошт. Баъзан овозаш тамоман мегирифт. Тахминан



баъд аз як сол Сперҷен бе ҳеҷ кӯшиши иловагӣ бо овози баланду бурро сухан гуфтанро омӯхт.

Ба бинои ҷамоат борҳо ҳуҷраҳои иловагӣ месохтанд, лекин он боз ҳам тангӣ мекард.

Як рӯзи якшанбе, ҳангоме ки даруни бинои ҷамоат пур аз одам буд ва дар берун боз 10 000 кас истода буданд, ногаҳон бонги сӯхтор эълон карда шуд. Одамонро даҳшату бесарусомонӣ фаро гирифт. Даҳ нафар мурданд ва боз 28 нафари дигар сахт маҷрӯҳ гардиданд.

Ин ба Сперҷен чунон сахт таъсир расонд, ки ӯ як шабу як рӯз гиря кард.

### *Ҷавони 22-сола дар рӯ ба рӯи даҳ ҳазор шунаванда*

Бо гузашти солҳо Сперҷен якшанбе ба якшанбе дар назди даҳ ҳазор одам мавъиза мекард. Вай дар толорҳои калонтарини Англия, Шотландия, Ирландия ва Уэлс баромад менамуд. Ғайр аз ин вай дар тахти осмони кушод ҷамъомадҳо мегузаронд. Дар синни 22-солагӣ вай яке аз мавъизачиёни номдори замони худ гардид.

Соли 1854 ҳангоме ки вай хизмати худро дар ибодатхонаи хурди кӯчаи Ню Парк сар кард, ҷамоат ҳамагӣ 232 аъзо дошт. Дар охири соли 1891 ба 14460 аъзои нав ғӯтаи таъмид дода шуд. Умуман баъд шумораи аъзоёни ҷамоат 5311 нафарро ташкил медод.

Дар моҳи марти соли 1861 сохтмони бинои нави ҷамоат Метрополитен Табернакел ба анҷом расид. Дар давоми 31 соли минбаъда

ҳар субҳу шоми якшанбе тахминан 5000 нафар дар он ҷо мавъизаҳои Сперҷенро мешуниданд. Ҷамъомадҳои вай чунон серодам мешуданд, ки вай аз онҳое ки мунтазам меомаданд, хоҳиш менамуд, ки ба ибодати оянда набиёянд. Лекин ба ин нигоҳ накарда ҷамоат пур аз одам мешуд.

7-уми октябри соли 1857, ҳангоме ки Сперҷен ба синнӣ 23-солагӣ расид, толори калонтарини он замон киро карда шуд. Дар ҷамъомад 23654 нафар иштирок карданд. Баъд аз ибодат Сперҷен худро чунон беқувват ҳис кард, ки аз чоршанбе то ҷумъа хоб кард.

Миқдори зиёди нафароне ки ба шунидани мавъизаҳои Сперҷен меомаданд, аслан аз мардуми оддӣ буданд, аммо дар байнашон шахсони номдор низ буданд. Ҳатто малика Виктория, либоси худро дигар карда, омада буд, то ки ӯро шунавад, ғайр аз ин хизматчиёни воломақоми давлатӣ, сарбозон, нависандагон, санъаткорон ва вазирон ба шунидани ӯ меомаданд.

***Ҳаёти оилавӣ***

Рӯзе Сперҷени ҷавон дар байни шунавандагони худ як хонуми ҷавону ҷолиберо дид. 8-уми январи соли 1856 Сузанна ҳамсари ӯ шуд. Дертар Худо ба онҳо дугоник тӯҳфа кард, ки онҳоро Чарлз ва Томас ном доданд.

Агар зуд-зуд бемор шудани хонум Сперҷенро ба назар нагирем, зиндагии оилавии онҳо хеле хуб буд. Дар хонадони Сперҷенҳо ҳеҷ гоҳ



оташиниву ҷанҷолҳо набуданд.

Хурсандии зиёд барои волидон ин буд, ки писарони онҳо ғӯтаи таъмид гирифтанд ва дертар дар яке аз хонаҳо дар Уандсворт ба мавъиза сар карданд. Ҳар ду роҳи савдогариро интихоб намуданд, калонӣ дар идораи яке аз мағозаҳои шаҳр кор мекард, хурдӣ бошад — устои кандакор буд. Аммо дар вақтҳои холӣ ҳар ду вақти худро ба мавъизаи Каломи Худо мебахшиданд.

Дертар писари калонӣ Чарлз, баъд аз вазифаи мавъизагӯӣ дар Гринич, Ноттинҳем, Челтенҳем ва Ҳоув, ҷонишини падараш шуда, роҳбарии ятимхонаи бунёдкардаи ӯро ба дасти худ гирифт.

Баъд аз хизмат барои Худо дар Австралия ва Зеландияи Нав писари хурди Томас ҷонишини падараш шуда, мавъизачии ҷамоати Табернакл интихоб шуд. Муддати 14 сол вай дар ин вазифа хизмат кард.

Саломатии Сузанна Сперҷен боз ҳам бадтар мешуд ва аз ин сабаб дар вақти сафарҳо шавҳарашро ҳамроҳӣ карда наметавонист.

Мегӯянд, ки Сперҷен дар тамоми умри худ 3500 маротиба мавъиза кардааст. Мавъизаҳои дар рӯзи якшанбе ҳангоми ибодат гуфтаи ӯ бо тиражи зиёд чоп мешуданд ва фурӯхта мешуданд.

Дар баробари кори рӯзмарраи худ, аз соли 1855 ҳамчун коҳин ва мавъизачӣ дар ҷамоаташ, вай ҳар ҳафта мавъизаҳои худро чоп мекард,

барои шубонҳо Коллеҷ (Машғулияти амалӣ барои мавъизачиён) барпо намуд, як қатор мактабҳои якшанбегӣ ва ҷамоатҳо бино кард, президенти ҷамъияти табъу нашри Китоби Муқаддас ва рисолаҳо, ва муассиси Стоквел гардид, ки ин муассиса 12 биноро дар бар мегирифт ва дар онҳо тақрибан 5000 кӯдакон сарпаноҳ доштанд.

### *Охирин мавъиза дар 56-солагӣ*

7-уми июни соли 1891 Сперҷен охирин бор дар ҷамоати худаш дар Метрополитен Табернакл мавъиза кард. Ӯ ҳамагӣ 56 сола буд, аммо саломатиаш тамоман бад буд. Ожангҳои рӯяш ва мӯйҳои сафедаш ӯро аз синну солаш калонтар нишон медоданд.

Андаке пештар аз маргаш вай ба занаш гуфт: “Ҳамсари азизам, ман бо Худои худ вақтро хуб гузарондан”.

31-уми январи соли 1892 баъд аз 40-соли хизмат барои Подшоҳии Худо, Чарлз Сперҷен ба хушнудии Худои худ дохил шуд. Вай дар Ментон, Фаронса, ки барои муолиҷа ба он ҷо рафта буд, вафот кард.

4-уми феврал дар Ментон бахшида ба ёдбуди Сперҷен ибодат барпо гардид; баъд тобутро ба вокзали Виктория дар Лондон оварданд, ва бегоҳӣ тобутро дар ҷамоати Табернакл гузоштанд. Рӯзи дигар 60.000 кас аз назди тобут гузаштанд, то ки бо марди бузурги Худо видоъ кунанд.



Ҷамоати Табернакл то ҳол вуҷуд дорад; ва Коллеҷ то ҳол мардонро барои хизмати кори Худо тайёр мекунад. Муассиса барои ятимон ҳоло дар ҷои дигар қарор дорад, лекин он то ҳол дар рӯҳияи Сперҷен фаъолият мекунад: дар он ҷо кӯдакони бепадару модарро қабул мекунанд, ки дар он ҷо онҳо таълими масеҳӣ мегиранд. Ана ҳамин тавр кори Чарлз Гэддон Сперҷен идома дорад.

## *Уилям Бут*

*Асосгузори Лашкари Наҷот*

Уилям Бут 10-уми апрели соли 1829 дар шаҳри Ноттинҳеми Англия ба дунё омадааст. Вай дар оилаи ғайримасеҳӣ ба воя расидааст. Падари ӯ Самуэл Бут, Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ пеш аз марг қабул кардааст. Лекин бисёре аз он чи Уилям Бут дертар ба воситаи Лашкари Наҷот амалӣ гардонд, натиҷаи он буд, ки ӯ дар хонаи волидайн, дар байни атрофиён, дар хонаҳои дӯстон ва ҳамсоягон, бо камбағалӣ ошно шуд.

### *Сахтиҳои ҷавонӣ*

Ҳангоме ки Уилям 13-сола буд, рӯзе падараш ба ӯ гуфт, ки оила бепул мондааст, ва аз ин сабаб ба ӯ лозим меояд рафта кор кунад, то барои дастгирии оила ёрӣ диҳад. Вай Уилямро ба шогирдии як корманди ломбард* гузошт, ба умеди он ки дар оянда ин касб ба ӯ ёрӣ медиҳад маблағи зиёде ба даст оварад.

Писарбача кӯшиш кард ба падараш фаҳмонад, ки барои ба даст овардани пули зиёд шавқ надорад; вай мехост ба одамон ёрӣ диҳад. Аммо падараш инро намефаҳмид. Ҳамин тариқ, вақте ки дӯстони ӯ ба мактаб рафтанро давом медоданд, Уилям Бутро лозим меомад пул кор кунад.

Дар бораи рӯзи кории ӯ тамоман наметавон

* дӯконе ки дар он дар ивази чизҳои арзишнок пул ба қарз медиҳанд



гуфт, ки он кӯтоҳ буд. Ба ӯ лозим меомад, ки дар як рӯз дувоздаҳ то шонздаҳ соат кор кунад ва маоши ночиз гирад. Шабона ӯ чунон монда мешуд, ки бисёр вақт либосашро иваз накарда, хоб мерафт.

Ноттингем чун шаҳри бадахлоқ машҳур буд. Аз боиси андозҳои гарон дар ҳама ҷо қашшоқӣ ҳукмрон буд. Вақте ки мардҳо пул ба даст меоварданд, зуд онро ба майнӯшӣ ва вақтхушӣ сарф мекарданд. Уилямро ин бисёр ғамгин мекард. Вай медонист, ки коре кардан лозим аст, то ин бадбахтӣ дур шавад. Лекин чӣ кор кунад?

Дар шаҳр гурӯҳе ташкил ёфта буд, ки кӯшиш менамуд ҳокимияти шаҳриро иваз кунад ва ба хубтар гардидани шароити зист муваффақ гардад. Уилям аз ин бохабар шуда, ба ин маҳфил ҳамроҳ шуд, зеро боварӣ дошт, ки ҳамин тавр метавонад хубтар ёрӣ диҳад. Вай мунтазам дар ҷамъомадҳо иштирок мекард, ва дар ҷамъ кардани имзоҳо, ки ҳамроҳи талабот ба ҳукумат пешкаш карда мешуд, фаъол буд.

Аммо вақти зиёде нагузашта Уилям фаҳмид, ки дар ин ташкилот на ҳама чиз дуруст аст. Мисол, бисёре аз имзоҳоро беадолатона гирифта буданд; бисёре аз онҳо сохта буданд. Бисёри номҳоро аз дафтарчаҳои суроғавӣ ва ҳатто аз сангҳои сари қабрҳо мегирифтанд. Ба ҷои як миллион имзо, ки дар нақша доштанд, онҳо танҳо 200.000 ҷамъ карда тавонистанд.

### *Дар 15-солагӣ имон овард*

То ин вақт Уилям Бут Исои Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳанда ва Худованд қабул накарда буд. Танҳо баъд аз марги падараш вай ҷиддӣ ба масъалаҳои динӣ машғул шуд.

Ҳангоме ки Самуэл Бути пир дар дами марг буд, як дӯсташ ба хабаргирии ӯ омада, хушхабарро дар бораи Исо, Наҷотдиҳандаи гуноҳкорон, ба ӯ расонид. Он вақт ӯ Худованд Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул кард.

Уилям, ки 15-сола буд, аз он вақт сар карда ба ҷамоати Веслӣ дар Ноттинҳем ба ибодат мерафт. Дар охир вай қарор дод, ки Исоро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул мекунад ва ҳаёти худро ба Ӯ мебахшад.

Баъд аз он ки вай фарзанди Худо гардид, дар вай хоҳиши қавӣ пайдо шуд, то оиди он осоише ки ба даст овард, ба дигарон нақл кунад.

Дили вай кайҳо боз ба камбағалон моил буд. Акнун ки вай имондор буд, боз ҳам зиёдтар ҷавобгариро нисбати онҳо ҳис мекард. Рӯзе вай як гурӯҳи калони бачаҳои камбағали ҷандапӯшро аз маҳаллаи бенавоён ба ҷамоат овард.

Аммо коҳин ба ҷои он ки хурсанд шавад, аз ӯ сахт хашмгин шуд. Вай ба Уилям фаҳмонд, ки агар ӯ бори дигар бо худ одамони камбағалро овардан хоҳад, ба онҳо лозим меояд, ки ба воситаи дари ақиб ба ҷамоат дароянд ва дар ҷое шинанд, ки онҳоро касе набинад.

Лекин Бут ноумед нашуд. Вай монда нашуда



дар байни аҳолии камбағалу бенаво кори худро идома медод.

### *Аз кор дар ломбард ба мавъизагӯӣ*

Аллакай дар солҳои ҷавонӣ Уилям ба мавъиза сар карда буд. Вай аз кори худ дар ломбард даст кашида, ба вазифаи мавъизагӯӣ гузашт.

Аммо, маълум гардид, ки ин тамоман кори осон нест, чунки аз мавъизаҳо пул ба даст намеомад. Бисёр вақт ӯ ягон чизи хӯрданӣ надошт; ғайр аз ин ёфтани хонаи иҷора бисёр мушкил буд, чунки ӯ имконияти пули зиёд додан надошт.

Аммо Худо корҳои Уилям Бутро баракат дод, хусусан ҳангоме ки вай ба кори паҳн кардани Хушхабар сар кард. Ба ҷои он ки дар як ҷамоат истад, вай аз як ҷой ба ҷои дигар рафта, Хушхабарро дар бораи Исо мавъиза менамуд. Вай ҷамъомади худро баъзан дар як гӯшаи кӯча, баъзан дар ягон хонаи кӯҳна, лекин ҳамеша барои ҷалоли Худо мегузаронд.

Тахминан дар ҳамин вақт дар рӯзномаҳо оиди хизмати ӯ мақолаҳо чоп шуданд. Фаъолияти ӯ ҳатто диққати парламентро низ ҷалб кард, ки фаъолияти ӯро дар байни камбағалон таҳсин намуд.

### *Дар сафари тӯёна*

Дар яке аз ҷамъомадҳои худ Уилям бо Катерина Мамфорд ном ҷавонзане шинос шуд. Муносибати дутарафа ба ишқу муҳаббат

табдил ёфтанд ва  вай ҳамсари умрбоди ӯ гардид.

Баъд аз ҷашни арӯсӣ Уилям ва Катерина қарор доданд ба ҷазираи Гернсӣ дар гулӯгоҳи Ла-Манш ба сафари кӯтоҳмуддате бароянд.

Ҳангоми омадани онҳо дар бандаргоҳ одамони зиёде ҷамъ омада буданд ва аз онҳо хоҳиш менамуданд, ки дар ин ҷо низ барои онҳо ҷамъомадҳо гузаронанд. Онҳо розӣ шуданд.

Издиҳом хеле калон буд, ва хеле пеш аз сар шудани ҷамъомад чунон иштирокчиёни зиёд омаданд, ки аллакай дар соати панҷу ним лозим омад дарҳои ҷамоатро кушоянд ва одамонро ба ҷамъомади шабона роҳ диҳанд.

Дар вақти ин сафари хушхабаррасонӣ, ки бояд аслан сафари тӯёна мегашт, бисёр одамон ба Исои Масеҳ имон оварданд.

Баъд аз ин Уилям Бут бо ҷидду ҷаҳд ҷамъомадҳои хушхабаррасониро давом дод. Аммо чун пештара, кор бо камбағалон ва майзадагонро аз мадди назари худ дур намекард.

### *Хушхабаррасонӣ дар байни камбағалон*

Рӯзе шӯрои олии ҷамоат қарор кард, ки ба ҷои он ки дар кишвар ҳамчун хушхабаррасон сафарҳо кунад, хуб мебуд, ки Бут ҷои доимии хизматро интихоб мекард. Аммо Худо Бутро маҳз барои хушхабаррасонӣ даъват карда буд. Ӯ кӯшишҳо кард, то роҳбарияти худро аз ин фикрашон гардонад, аммо кӯшишҳои ӯ беҳуда



буданд. Онҳо исрор мекарданд, ки ӯ бояд роҳбарии ҷамоатро ба ӯҳда гирад.

Парастишҳои ӯ чунон таъсирбахш буданд, ки ҷамоатеро, ки ӯ дар он мавъиза мекард, ба зудӣ “дӯкони имоноварӣ” меномидагӣ шуданд.

Ба хонаҳо меҳмон шуда, ҷаноб ва хонум Бут ҳарчи равшантар медиданд, ки мардум то чӣ андоза камбағалу нодор ҳастанд. Бисёр оилаҳо ягон чизи хӯрданӣ надоштанд, зеро мардҳо пулҳояшонро ба майнӯшӣ сарф мекарданд.

Дар охир Бут ба хулосае омада, ба шӯрои ҷамоат арз намуд, ки вай дигар намехоҳад қуввати худро танҳо барои як ҷамоат сарф кунад, балки барои ба Худо рӯ овардани миқдори ҳарчи бештари камбағалон кори хушхабаррасониро аз нав сар мекунад.

Уилям ва Катерина Бут дар кори нави худ аз ягон тараф дастгирӣ надоштанд.

Маҳз ҳамон вақт онҳо қарор доданд ба Лондон кӯчанд. Дар он вақт лозим меомад чор фарзандашонро таъмин намоянд, ки ин бо музди кам кори осон набуд. Онҳоро нисбат ба он чи онҳо интизор буданд, хеле камтар ба хушхабаррасонӣ даъват мекарданд.

Рӯзе аз Бут хоҳиш намуданд, ки ҷамъомади хушхабаррасониро гузаронад, зеро башоратдеҳ, масъули ин ҷамъомад ногаҳон бемор шуда буд.

Дар ҳудуди қабристон, дар яке аз маҳаллаҳои камбағалтарини шаҳр хаймаи калоне зада шуд. Қисми зиёди иштирокчиён майзадаҳо ва оворагардон буданд. Ба воситаи мавъизаи Бут

бисёре аз онҳо хушхабарро шунида, ба Исо имон оварданд.

Ҳар шом ду ҷамъомад ва рӯзҳои якшанбе бошад ҳатто чор ҷамъомад баргузор мегардид. Дар ҳар яке аз онҳо панҷ-шаш кас ва гоҳо зиёда аз даҳ кас пеш мебаромаданд, то ки Исоро қабул кунанд.

Оилаи Бутҳо боз аз ҷиҳати маблағ душворӣ мекашиданд, чунки Уилям ба одамоне мавъиза мекард, ки худашон ҳеҷ чиз надоштанд. Лекин вай бо имон кори худро давом медод.

Бисёре аз касоне ки дар ҷамъомад тавба карда буданд, худашон мехостанд оиди Худояшон шаҳодат диҳанд. Барои дар оянда низ ба онҳо ғамхорӣ намудан Уилям Бут ҷамъияте ташкил намуд. Вай ҳамчунин онҳоро ҳавасманд мегардонд, ки барои кори Худо хайрот оваранд. Вай ба онҳо мефаҳмонд, ки пештар онҳо қариб ҳамаи пули худро ба оби ҷав ва тамоку сарф мекарданд, акнун онҳо бояд бо ҳамин гуна майли том барои кори Худо хайр кунанд.

### *Кор боз ҳам васеътар мегагрдад*

Овозаи кори Уилям Бут ва шаҳодати навимонон ба ҳама ҷо паҳн мешуд. Одамон аз дигар ноҳияҳои Лондон низ ба ӯ муроҷиат мекарданд, ки дар маҳалҳои онҳо ҳам ҷамъомадҳо гузаронад.

Оҳиста-оҳиста меҳнати вай дар тамоми шаҳр паҳн шуд. Лекин Бут ҳамеша дар хотир дошт, ки дар навбати аввал бояд ба камбағалон



хизмат кунад ва ёрӣ диҳад.

Одамоне ки ӯ ба онҳо шаҳодат медод бесавод буданд. Бисёр вақт онҳо дар шарҳу эзоҳи Навиштаҳои Муқаддас ба хатоҳо роҳ медоданд, лекин Худо шаҳодати онҳоро истифода мебурд, то ки миқдори бештари одамон ба Исои Масеҳ чун ба Наҷотдиҳандаи худ рӯ оваранд.

Дар ин вақт оилаи Бутҳо аллакай соҳиби ҳашт нафар фарзанд буд ва падар ба Худо дуо мекард, то ки Ӯ ҳар кадоми онҳоро ба мисли ӯ барои кори Худ истифода барад.

### *Ба вуҷуд омадани “Лашкари Наҷот”*

Рӯзе Уилям Бут мактуберо ба котибаш ҷаноби Райлтон дикта мекард, ва дар омади гап чунин гуфт: “Мо лашкари ихтиёрӣ ба шумор меравем”.

Брэмвел, писари Бут, ин ҷумлаи падарашро шунида, дар ин хусус гуфт: “Ихтиёрӣ? Ман ихтиёрӣ нестам. Ман сарбози касбӣ ҳастам!”

Бут инро шунида, аз котиби худ хоҳиш кард, ки калимаи “ихтиёрӣ”-ро хат занад ва ба ҷои он “Мо лашкари наҷот ба шумор меравем”-ро нависад. Ҳамин тавр номи “Лашкари Наҷот” ба вуҷуд омад.

Азбаски Бут роҳбари кори худ буд, зуд ба ӯ унвони “генерал”-ро доданд. Баъд аз дуо ва андешаи зиёд вай қарор дод, ки хизматро дар кори худ ба монанди он ки дар лашкарҳо қабул шудааст, ташкил кунад; ҳамин тавр вай унвонҳои ҳарбӣ, дараҷа, рутба, ва либоси расмӣ ташкил намуд.

Дар “Лашкари Наҷот” то ҳол ин тартиб вуҷуд дорад. Шахсоне ки барои хизмат дар “Лашкари Наҷот” тайёрӣ мебинанд, “кадет” (талабаи мактаби миёнаи ҳарбӣ) номида мешаванд; дигар унвонҳои болотар “капитан”, “полковник” ва “генерал” буданд.

Азбаски бисёре аз ҳамкороне ки дар он вақт бо генерал Бут меҳнат мекарданд, асбобҳои мусиқиро навохта метавонистанд, ба зудӣ оркестри нафасӣ ташкил карда шуд. Пеш аз ҷамъомад ин даста аз боло то поёни кӯча қадам мезад. То ба кунҷи кӯча расида, гурӯҳ саф мекашид ва нақорачӣ асбоби худро дар байн мегузошт. Вақте ки дар давоми ҷамъомад одамонро ба пеш даъват мекарданд, нақора вазифаи қурбонгоҳро иҷро мекард, ки дар он одамон зону хам мекарданд, то ки Исои Худовандро ҳамчун Наҷотдиҳандаи худ қабул кунанд.

### *Сарпаноҳ барои бепаноҳон*

Дили генерал Бут барои бехонагон дард мекард. Рӯзе вай аз писари калониаш пурсид, оё касеро медонад, ки хона надорад.

“Ҳа”, — ҷавоб дод ҷавон.

“Пас, ту бояд шарм дорӣ, ки медонистӣ ва ягон чорае наандешидӣ”, — изҳор кард генерал.

Баъд аз ин сӯҳбат вай ба писараш супориш дод, ки ҷустуҷӯ карда, ҷоеро ёбад, ки камбағалонро ҷой дода, дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ кардан мумкин бошад.



Ҷавон намедонист чӣ кор кунад, зеро барои ин маблағ лозим буд. Дар охир вай андешаҳои худро ба падараш изҳор кард.

“Ин кори туст”, — ҷавоб дод генерал.

Ҷавон итоат карда, ба ҷустуҷӯ баромад ва бинои як анбори кӯҳнаро ёфт. Худо ба онҳо ҳамаи он чиро, ки барои сохтмон лозим буд, дод.

То имрӯз хизмати Лашкари Наҷот аз расонидани Хушхабар, ба даст овардани ҷонҳои одамон барои Худо ва дастгирӣ намудани гуруснагону бехонагон иборат аст.

Бисёр вақт генерал Бут шабҳо бархоста дар ҳуҷрааш ин тараф он тараф қадам мезад. Рӯзе вақте писараш пурсид, ки вай чӣ кор мекунад, вай ҷавоб дод, ки фикр мекунад. Ҷавон мароқ зоҳир кард, ки дар бораи чӣ фикр мекунад. Он гоҳ падараш ҷавоб дод: “Дар бораи гуноҳи одамон”. Аз он вақте ки ӯ имон овард, ғамхорӣ дар ҳаққи рӯҳу ҷони одамоне ки аз Худо дур зиндагӣ мекунанд, кори аз ҳама бузурги ӯ буд.

### *“Модари Лашкари Наҷот”*

Ҳангоме ки Катерина Бут ба синни 59-солагӣ расид, маълум гашт, ки вай ба касалии саратон* гирифтор аст. Айнан дар ҳамин вақт генерал Бут барои гузаронидани як қатор ҷамъомадҳо дар Ҳолланд розигӣ дода буд, лекин дар бораи бемории ҳамсараш фаҳмида вай хост аз ин ҷамъомадҳо даст кашад. Ҳамсараш бошад ӯро

* касалии рак

розӣ кунонд, ки ба он ҷо равад. “Ман барои мурдан тайёрам — гуфт вай, — дар он ҷо бошад бисёр одамон тайёр нестанд”. Баъд аз ин Бут ба сафар рафт.

Ҳангоме ки ӯ баргашт, ҳамсараш бисёр беқувват шуда буд. 4-уми октябри соли 1890 Худо ӯро ба назди худ гирифт.

Ҳама ӯро “модар”-и Лашкари Наҷот меномиданд. Дар рӯзи маросими дафн он кӯчаҳои Лондон, ки маросими дафн аз онҳо мегузашт, пур аз издиҳоми одамон буданд. Зиёда аз 10.000 одам ба қабристон рафтанд, то ки дар маросими дафн иштирок кунанд.

### *Солҳои охир*

Баъд аз марги ҳамсараш Бут кори худро давом дод.

Пас аз чанде вай ба Амрико сафар кард. Он ҷо низ кор ривоҷ ёфта буд, зеро бисёр касоне ки ба воситаи ӯ ба Исо имон оварданд, ба Иёлоти Муттаҳида кӯчида буданд. Тахминан 500 одам дар он ҷо бо хизматгузории фаъолона машғул буданд.

Лашкари Наҷот дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон устувор шуд, ва Худо меҳнати онро баракат медод, бинобар ин ба он бисёр одамон ҳамроҳ мешуданд.

Генерал Бут аз тарафи президенти Иёлоти Муттаҳида, шоҳи Англия Эдвард ва бисёре аз шахсони воломақом расман эътироф гардид.

Бо мурури солҳо нури чашмони генерал Бут тамоман паст мешуд. Мебоист ҷарроҳӣ мекарданд, аммо ҷарроҳӣ бемуваффақият анҷомид. Пас аз ду рӯзи ҷарроҳӣ маълум гардид, ки аз боиси ворид шудани сироят (бактерия) Бут тамоман нобино мегардад. Ин маънои онро дошт, ки ӯ дигар наметавонад дар назди ҷамъият баромад кунад.

Чанде пас аз ин генерал вафот кард. Мубориза хотима ёфт, кор ба анҷом расид. 65.000 одамон аз назди тобути ӯ гузаштанд. Онҳо мехостанд бори дигар ба шахсе нигаранд, ки ҳаёташро ба касоне ки дар соярӯи зиндагӣ буданд, бахшида буд.

## Мундарича


Сарсухан ........................................................................ 3

Давид Ливингстон
*Тадқиқотчӣ ва саёҳатчӣ бо супориши Худованд* ................................ 4

Мэрӣ Слесор
*Модари сафеди Африқо* ................................ 11

Фаннӣ Кросбӣ
*Шоираи нобино* ................................................ 21

Дуайт Лиман Мудӣ
*Хушхабаррасони номдори ҷаҳон* ........... 29

Ҷон Бунян
*Шахсе ки барои Исо зиндонӣ шуд* ............. 46

Георг Мюллер
*Падари ятимон* ................................................ 56

Френсис Ҳавергал
*Навозандае ки Исоро аз ҳама чиз зиёдтар дӯст медошт* ................................ 63

Айра Д. Санкӣ
*Овоз барои Худо* ................................................ 71

Мартин Лютер
*Ислоҳотчии ҷамоатҳо* ...................................... 76

Ҷеймс Ҳадсон Тейлор
*Асосгузори миссия дар Хитой* .................... 90

Чарлз Стадд
*Аз ситораи бозии крикет то ба миссионер барои бутпарастҳо*..................106

Ҷон Веслӣ
*Асосгузори ҷамоатҳои методистӣ* ......... 112

Давид Брайнерд
*Миссионери ҳиндуҳои Амрико* ................ 122

Ҷон Патон
*Миссионер дар байни ваҳшиҳои баҳри Ҷанубӣ* .................................................128

Чарлз Г. Сперҷен
*Мавъизачии марҳамати Худо*.....................159

Уилям Бут
*Асосгузори Лашкари Наҷот*.........................172